Сафар Айюбзодаи Маҳзун

# ДАВЛАТИ ИШҚ



Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

**Сафар Айюбзодаи Маҳзун**

# ДАВЛАТИ
# И Ш Қ

Душанбе
Адиб
2009

ББК 84 Тоҷик – 7-5
М-49

Муҳаррир *Гурез Сафар*

М-49. **Сафар Айюбзодаи Маҳзун. «Давлати ишқ»** (ашъори мунтахаб). – Душанбе, «Адиб» 2009, 192 саҳ.

«Давлати ишқ» гулчини шеъру тарона, ғазалу мухаммас ва рубоиву дубайтиҳои дар тӯли зиёда аз сӣ соли фаъолияти эҷодӣ офаридаи шоир Сафар Айюбзодаи Маҳзун аст, ки ӯро ба ҳайси як шоири хушэҷод ба дӯстдорони адабиёт муаррифӣ мекунад.

ISBN 978-99947-64-08-2

© Сафар Айюбзодаи Маҳзун, 2009

## ИФТИХОР

***Эҳдо ба Эмомалӣ Раҳмон***

Ёдам ояд зи фахри Фирдавсӣ,
Нангу ораш зи Ориёни пеш.
«Шоҳнома» навишт баҳри ор,
Номаи меҳри Ориёни хеш.

Лек, афсӯс, аз хато доданд
Тахтро Ориён мисоли ор.
Шоирон, ки ғурурашон бишкаст,
Аз ҳамон дам шуданд хизматгор.

Гарчи чун нангу ори мо афтод
«Шоҳнома» ба дасти бегона,
Миннат аз кас набурд Фирдавсӣ,
Зист ӯ бо шукӯҳи шоҳона.

Ман накардам сифот шоҳонро,
Дар тамаллуқ на Анварӣ бошам.
Зинда дорам ғурури Фирдавсӣ,
Аз хушомад, бале, барӣ бошам.

Рафт аз сар ҳазор соли ғам,
Омадӣ чун атои раҳмонӣ.
Дар хаёлам, расид бо шоҳӣ
«Шоҳнома» ба Оли Сомонӣ.

Бинамат чун ба ҷашну минбарҳо
Босалобат зи шоҳу ашрофон,

Дар дилам ифтихор меболад,
Эй чу нуре зи дудаи Сомон.

Гар ҳасудат надид оратро,
Ориёӣ наяст, ораш нест.
Ҷуз ҳавои вазифаву мансаб
Нанг чист? Ор чист? – кораш нест!

Меҳр дорӣ ба миллату халқат,
Бебаҳо он виқору ори туст.
Сарбаландам зи нангу номӯсат,
Ифтихорам зи ифтихори туст!

## САРБАЛАНД

*Дар пойи муҷассамаи Исмоили Сомонӣ*

Эй ки баланд будаӣ, боз баланд омадӣ,
Доҳии арҷманди мо, арҷдучанд омадӣ.
Гуфтӣ: агар фано шудам, ман зи ҷудоиҳо шудам,
Нек зи саргузашти худ дода ту панд омадӣ.
Тоқати кин надоштӣ, донаи меҳр коштӣ,
Дида ливои оштӣ, сулҳписанд омадӣ.
Меҳр зи нури ваҳдат аст, ваҳдати мо саодат аст,
Оташи меҳру ишқро ҳамчу сипанд омадӣ.
Баъди ҳазору сад баҳор бахти баланд гашт ёр,
Мояи меҳру ифтихор, бахти баланд омадӣ.
Гиря бас аст, ҳамватан, дил шукуфон чаман-чаман,
Шод шав аз нидои ман, боз биханд, омадӣ!

## ТОҶ

Панҷ фарзанд аз ниёгони қадим
Тоҷи зар доранд рамзи ёдгор.
Тоҷи зебоясту беҳамтои даҳр,
Додарон доранд гӯё ифтихор.

Ҳар яке бар панҷ бурҷи тоҷи зар
Дил ба мулки хештан бинҳодаанд.
Ин ба Хатлон, он ба Рашт, он бо Ҳисор,
Бо Бадахшон нозад ин, он бо Хуҷанд.

Фахри эшон аст, оре, тоҷи зар,
Халқи олам низ бар он мубтало.
Шӯр ангезанд ағёри ҳасуд,
Додаронро то кунанд аз ҳам ҷудо.

Додарон аз фитнаи ағёри дун
Аз ҷаҳолат каштали ҳам медаранд.
Мефурӯшанд эътимоди дӯстро,
Эҳтиёлу макри душман мехаранд.

Бефаранду нест ҳанг аз зӯрашон,
Ҳанг аз фарҳанги пешин мезананд.
Фахри ноҷо аз ниёгон мекунанд,
Рахнаҳо дар дину оин мезананд.

Тоҷ беҳамтост, оре, додарон
Носипосиҳо ба тоҷи зар кунанд.
Банди ҷаҳланду гирифтори маҳал,

Нест ақле тоҷро бар сар кунанд.

Бефурӯғ аз носипосиҳост тоҷ,
Тира тобад ҳамчу ақли додарон.
Ворисе арзанда бояд тоҷро,
Ку саре арзанда? Тоҷи кист он?

*Соли 1992*

## ГИРДАКОН

*(Мазмун аз «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор)*

Ду бародар – тангбину танпараст,
Рӯи роҳе гирдаконе ёфтанд.
Қуббаи зар буд, гӯӣ, гирдакон,
Хешро болои он партофтанд.

«Аз ман аст он!» – дар ғазаб мешуд яке,
Он дигар бо қаҳр мегуфт: «Аз ман аст!»
Медарид ин ҷомаи додар зи кин,
Он дигар дасти бародар мешикаст.

Чун сагони гушна баҳри устухон
Эй басо ҷӯлида андар хоку хун.
Дил зи кину сар пур аз боди ғурур,
Дорузан карданд бемаъни̅ фузун.

Марди роҳе гуфт: «Қисмат мекунам»,
Гирдаконро аз бародарҳо гирифт.
Чун шикаст онро ба санге, пуч буд,

Он ду тан монданд дар ҳоли шигифт.

Ханда зад он мард бар савдои ҳеҷ,
Бар сари бемағзи додарҳои дун…
Карда буданд ончунон бемағзҳо
Тоҷикистони маро ғарқоби хун.

*Соли 1993*

## ФАРЗАНД

Фарзанд бувад таронаи ишқ,
Фарзанд – сутуни хонаи ишқ.

Кафшери вафову аҳд – фарзанд,
Қанду шакар асту шаҳд фарзанд.

Фарзанд ба умри мо давом аст,
Фарзанд нигоҳдори ном аст.

Дороиву давлат аст фарзанд,
Хушбахтиву савлат аст фарзанд.

Фарзанд нишонаи ҳаёт аст,
Чун шамъ ба хонаи ҳаёт аст.

Армони дилу умед – фарзанд,
Аз бахти накӯ навид – фарзанд.

Маънии ҳаёт чист бе ӯ?

Ҳаққо, ки ҳаёт нест бе ӯ.

## ГӮШВОРАИ ТИЛЛО

Боре китоби шеъри маро хонда огаҳе
«Ояд зи лаҳну накҳати шеъри сафеди ту
Бӯйи умед», – гуфт.

Аммо сафед нест раҳи рӯзгори ман,
Чашми сиёҳи духтаракам пештар аз ин
Шеъри сафед гуфт.

Як ман фақат бидонаму донад Худои ман,
К-аз рӯзгори тираам он шеъри дардро
Чашми сиёҳи духтари ман чун гирифта буд.
(Дуздида буд санъати ашъори ҳуснро)
Аз обуранги сунъии ҳамсоядухтарак
Мазмун гирифта буд.

Он рӯз пештар зи гаҳи коррафтанам
Пайванди умри ман ҳаваси гӯшвора кард.
Чашми сиёҳи ҳалқаи ӯ бас умед дошт,
Бар мағзу устухони дилам сахт кора кард.

Бар гӯш гӯшвора намудам ниёзи ӯ,
Гуфтам, ки шеъри хеш барам пеши оқилон.
Аммо китоби шеъри маро кас намехарид
Дар шаҳри бедилон.

Он рӯз баргҳои умеду талоши ман
Дар чанги бод буд.

Бадхоҳи ман бидида чунинам ҳақиру зор,
Аз ҷаҳл шод буд.

Ёрони бениёз зи рӯи ниёзи ман
Метофтанд рӯ.
Гӯӣ, ки обрӯи ману ҷуръати маро
Мебурд оби ҷӯ.

Бар хона ҳамчу одами бегона бегаҳӣ
Ҷону диле пур аз ғаму аз дард омадам.
Чун мард рафта будаму номард омадам,
Бо кисаи тиҳӣ.

Оваҳ, чи сахт буд дами рӯ ба рӯ шудан,
Аз ман умед духтари ман гӯшвора дошт.
Аз байти абрувони сиёҳаш дамида буд
Шеъри сафеди дард чу маънии умри ман
Як матлаи ҳазин
Бар коғази ҷабин.

Ман хоки роҳ гаштаму аз хоки раҳ ҳанӯз
Оре, умед духтари ман гӯшвора дошт.
Ташбеҳи меҳр буд дар он шеъри чашмҳо-ш,
Дар мақтаи нигоҳ вале истиора дошт…

## МОНАНДИ ОФТОБ…

Эй дил, чу офтоб
Ошиқ ба зар машав,

Андар қабои зарҳалу зевар бадар машав,
Сӯзӣ – бисӯз, лек ба ҳадди ғулув масӯз
Монанди шоҳи рӯз.
К-аз шӯъласӯзиат
Н-оранд дидаҳо
Бар дидани ту тоб,
Ҳамчун бар офтоб.

Эй дил чу моҳтоб
Бар дидаҳо битоб.
Дар хилвати шабон
Азми сафар бикун.
Фориғ зи худнамоиву шӯру фиғон бисӯз,
Дар худ ниҳон бисӯз.
Он қадр сӯзу сӯз,
Кам шав чу моҳ, вале
Шабро саҳар бикун.
Монанди моҳтоб
Озода бар бишав,
Зеби назар бишав.
Аммо чу шоҳи рӯз
Ту маснади баланди баланд орзу макун.
Чун офтоб мулки ҷаҳонро макун талаб,
К-ин раҳ барад ба шаб.

Чун офтоб, дил,
Ошиқ ба зар машав.
Андар қабои зарҳалу зевар бадар машав.
В-он маснади баланди баланд орзу макун,
К-охир шавӣ нагун,

Афтӣ ба чоҳи хун
Монанди офтоб…

## ПИР ШУД СОЛ

Пир шуд сол,
Пир шуд пири куҳансол.
Дина ӯро дида будам
Дар нумӯи сабзазорон,
Дар миёни марғзору лолазорон,
Ханда бар лаб дошт ҷавлон,
Маст аз савти ҳазорон…

Дина ӯро дида будам
Ҳамраҳи тифлони деҳа.
Ҷастухезе дошт дар кӯҳу дара,
Оббозӣ карда зери шаршара,
Маст буд ӯ, маст аз ин манзара.

Дина ӯро дида будам,
Тоқии зарҳал ба сар.
Баргҳоро ҳамчунон як мушти зар
Бар сару бар зери пои ошиқон медод пош,
Ҳамчунон дар тӯй барчош…

Пир шуд сол,
Пир шуд пири куҳансол.
Бингарам бар хилъати сони сафедаш,
Ёд меояд маро омолу армони сафедаш,

Файзи ӯро дидаам дар кӯҳи «Тиллои сафед»,
Дар зафарҳо, рӯзи тӯю рӯзи ид…

Ҳар гаҳе бо гардиши тақвими вақт
Аз бари ман бигзарад ин тифли маъсум,
Ин ҷавони навхату марди рашид,
Бо такаллум, бо тараҳҳум, бо таваҳҳум,
Бо азобу бо хитобу шӯру афғон бигзарад,
Гоҳ хандон, гоҳ гирён бигзарад,
Бигзарад охир чу як пири хирад.

Панд бидҳад:
Ҳарчӣ ояд бар ҷаҳон,
Нақш мемонад зи худ аз неку бад.

Панд бидҳад:
Тифл меёбад нумӯъ,
Навҷавон охир ҳамеёбад камол,
Мард ҳам пирӣ пазирад,
Рӯй орад бар хирад…

Панд бидҳад:
Ин ҷаҳон ҷавлонгаҳи неку бад аст,
Мазраи сарсабзи бахт асту умед.
К-аз сиёҳӣ мебарад сӯи сафед…

Пир шуд сол,
Пир шуд, пири кӯҳансол,
Нақш андар рӯзгорон монда ӯ,

Домани пурфайзи хеш афшонда ӯ,
Боз як мӯи сафеде бар сарам афзуда ӯ,
Меравад бар хонаи таърих…

## ДУРАМ ЗИ АСЛИ ХЕШ…

Умрам ба чил расид,
Умрам зи чил гузашт.
Эй войи умр, вой,
Ку роҳи бозгашт?

Аз аҳди навхатӣ
Чизе зи ман намонд.
Дар роҳи зиндагӣ
Изе зи ман намонд.

Ҷуз чашми хат дигар
Мактаб надод ҳеҷ,
Дар дил ҳар oнчи буд
Матлаб, надод ҳеҷ.

Аз расму суннатам
Мактаб надод ёд.
Дину имон куҷо,
Дурам зи эътиқод.

Ҳарчанд номи ман
Афкоррӯшан аст,
Торику мубҳам аст
Афкорам аз аласт.

Оҷиз ду дидаам
Ҳаст аз зиёи худ,
Нашносам, эй дареғ,
Хатти ниёи худ.

Ман кӯри ин хатам,
Ҳамчун зи кӯрдуд.
Бо кӯрхат куҷо
Ёбиям ин вуҷуд?

Не рӯҳ солим аст,
Не ҷону дил қавӣ.
Бӯе набурдаам
Аз боғи Мавлавӣ.

Ҳарчанд ошиқи
Ашъори Ҳофизам,
Дар фаҳми маъниҳош,
Эй вой, оҷизам.

Дурам зи аҳли хеш,
Дурам зи насли хеш.
Дигар ба даҳр нест
З-ин ҷаҳл ҷаҳли беш.

Гӯшам пур аз садо,
Чашмам пур аз ҳаво,
Сар пур зи ёваҳо,
Ман кистам, худо?

Умрам ба чил расид,

Умрам зи чил гузашт.
Эй войи умр, вой,
Ку роҳи бозгашт?

## БАҲОРИ ДУШАНБЕ

Эй Душанбе, тахту бахтам, боғшаҳри нозанин,
Нозанинтар нест мислат, нест дар рӯи замин.

Зарраи хокат зару ҳар пораи сангат гул аст,
Наҳрат оби кавсару гулгашти хушрангат гул аст.

Дилрабову дилкушо андар баҳорон гаштаӣ,
Гулнигоҳу гулҷамолу гулбадомон гаштаӣ.

Аз сафои ҳусни покат кишвари дил гул кунад,
Ҷони миннатдори ман андар бари дил гул кунад.

Хандарези нури шамси субҳи хандонат хуш аст,
Шомгоҳон ҷилваи моҳи дурахшонат хуш аст.

Дар шабони осмонат ахтарон дил мебаранд,

Дар заминат чашмахтардухтарон дил мебаранд.

Чашм мафтуни замину осмонат мешавад,
Ҷону дил маҳви ҷамоли духтаронат мешавад.

Оре, оре, нозанинӣ, аз ҳама зебо туӣ,
Ифтихори мо туӣ, боғу баҳори мо туӣ

**КӮЛОБ**

Эй зарраи афтоб,
Эй нузҳати маҳтоб!
Эй хоки муқаддас,
Эй боди чаманёб!
Эй гармтар аз нор,
Эй поктар аз об!

Аз шавкати рӯҳи поки Мири Ҳамадонӣ,
Сарсабз бимонӣ!

Эй олами садранг,
Дилдодаи оҳанг.
Нақши чакани шеър
Дар пайкари фарҳанг.
Эй мазраи номӯс,
Эй машъалаи нанг!

Мавлуди куҳан дориву даврони ҷавонӣ,

Сарсабз бимонӣ!

## ЯЛТА

Шаҳри ишқу шаҳри армон,
Шаҳри сабзи гулбадомон!
Ҳамчунон як нозанине, ки ба ҳангоми саҳар
Омадаст аз роҳи дур аз баҳри об,
Доманатро кардаӣ дар баҳр тар.

Дар миёни панҷаҳои кӯҳҳо
Рӯи ту чун як табақ гул,
Ҳар биноят – як варақ гул.
Чини абрӯю ҷабинат – кӯчаҳоят,
Арчаву сарву санавбар – миҷҷаҳоят.
Гоҳ гирён, гоҳ хандон,
Ҳамчунон баҳри хурӯшон.

Ялта, Ялта!
Духтари гирёну хандон,
Духтари зебову дилҷӯ,
Кардаӣ тасхир дилҳоро зи ҳар сӯ.
Ошиқи оғӯши гармат
Шоирону олимонанд,
Афсарону ходимонанд,
Мубталои ту бузургони ҷаҳонанд.

Як замон пои пиёда,

Горкий аз мулки бузургаш
То дили ту раҳ сипарда.
Як замон кошонаи уммеди Чехов будаӣ,
Шӯҳраташро дар ҷаҳон афзудаӣ…

Ялта, Ялта!
Ошиқонат бешуморанд.
Ишқ мехоҳад яке аз ту,
Яке хоҳад шифо.
Лек оё метавонӣ кард дармон
Дардҳои фосиқиву ҷоҳилиро?
Иллати мардумфиребӣ,
Каҷнигоҳӣ,
Каҷдилиро?

Ялта, Ялта!
Ман кунун фаҳмидаам, эй нозанин,
Хандаҳои ту зи покиҳои туст,
Гиряҳоят ғуссаҳои домани олуда аст.
Баҳр ҳам дар домани поку гаҳе олудаат.
Гаҳ фиғон дорад,
Гаҳе осуда аст…

## ДАРАИ ОБ

Дараи Об, деҳи камобам,
Номат армони ташнагон будаст,
Ё замоне чу зиндагӣ шояд
Ҷӯйҳо аз танат равон будаст.

Доштӣ ту ягона сарчашма,
Ки равонбахшу сард обаш буд.
Ҷӯш мезад чу зиндагии мо,
Ҷониби боғҳо равон мешуд.

Шомгоҳон зи ҷониби чашма
Хандаи духтарона меомад,
Қаҳ – қаҳи духтарони бепарво
Ҳамчу савту тарона меомад.

Кӯдакиям, баҳори гулхандам,
Дар ту бишкуфт, шодмон бигзашт.
Аз баҳори ту рангҳо бурда
Беғаму дарду бехазон бигзашт.

Дар сари дашту саҳнаи хирман
Шод будем бо чиликбозӣ.
«Шаҳр»-и лоӣ чу орзуе буд
Дар лаби ҷӯи ҳотаи Ғозӣ.

Лек рӯзе чу ҷӯ зи сарчашма,
Аз канори ту ман равон гаштам.
То зи ман гӯшае шавад шодоб,
Зи пайи бахту ормон гаштам.

Дараи Об, деҳи камобам,
Медароӣ кунун ту дар хобам.
Ки мани мардгаштаи ҳайрон
Аз ту осори тифлиам ёбам.

Баччагиям ба сар арақчинаш,
Куртаву шолвори тик бар тан.
Пои урёну чеҳраи хандон
Медавад, медавад ба сӯи ман.

Медавад, медавад… вале ногоҳ
Бар само гирад ӯ пари парвоз.
Дараи Об, ёди ширинат
Мекунад ҳар саҳар ду чашмам боз.

## МАНЗАРА

Моҳи само қулфи гиребони шаб,
Коҳкашон шаддаи марҷони шаб.
Нақшу нигор аст зи гулахтарон
Куртаи хушрӯи сияҳсони шаб.
Ҷойгаҳи ноз бувад ин замин,
Кӯҳ бувад тифлаки гирёни шаб.
Моҳ, кушо чоки гиребони ӯ,
Шир макад кӯҳ зи пистони шаб…

## ҲИКМАТ

Тардомании чӯб
Доғи сияҳ ба домани деги сафед зад.
З-ин нанг сӯхт оташу лесид бо алам
Домони дегро.
Ҷӯшид мағз-мағзи дили дег дар ҳаё
В-аз ғам бухор шуд…

Эй зиндагии дун,
Ҳосил маро зи ту
З-ин қисса беш нест!

## НАСИҲАТ

Э неки покдил,
Эй меҳрҷӯи ойинабунёди кингурез!
Нопоктинате ба ҳама бегуноҳият
Бо қасди бад биёяду гирад (мабод кош)
гиребони поки ту,
Ҳаргиз маранҷ аз вайу хашмат фурӯ нишон.
Балки биханд аз таҳи дил, эй азизи ман,
Қаҳ-қаҳ бизан хамӯш ба аҳволи зори ӯ.
Зеро ки он Худозадаи пасти каҷниҳод
Ба дунёи худ ҳақ аст.
Бечора бо шукӯҳи тану девсурати-ш
Надонад, ки аҳмақ аст!

## ОМИН

Ба шукри ҷони ту, хони ту, эй азиз, омин!
Ба шукри неъмату нони ту, эй азиз, омин!

Чунин насиб кунад бар ту рӯзгоре пок,
Ҳамеша вақти хушу ҳамнишину ёре пок.

Шуури поку нафас поку ормони пок,
Забони поку тани поку қалбу ҷони пок.

Туро зи ҳамдами бадхӯ Худо нигаҳ дорад,
Зи макри душмани гургошно нигаҳ дорад.

Ҷаҳон – ҷаҳон бидиҳад рӯзият Худо, омин!
Диҳад зиёдаи ризқи туро ба мо, омин!

## БЕ ПИР МАРАВ…

*Барои пири хирад бобои Сайид*

Афтод маро тифоқ боре,
Дар маъракае ба як диёре.

Мутриб ба навои дилгудозе
Афрӯхта шамъи базму бозӣ.

Як сӯй нишаста бо фароғат
Як зумра ҷавони босаодат.

Як сӯи дигар нишаста пирон,
Осори дами гузашта, пирон.

Пирони азизи рӯздида,
Шодию ғами ҷаҳон кашида.

Ҳар як гапашон, ки судманд аст,
Бар гӯши суханшунав чу панд аст.

Ақлу ҳуши ман чу ишқи ҷонон
Бар хеш кашид даври пирон.

Ногоҳ шунидам ин садоро,
Овози дурушти н-ошноро:

«Меҳмонбачаро зи роҳ гардон,

Бар ҷониби даври баччамардон!».

Инсоф, кунед, ин чӣ кор аст,
Бо пир нишастан айбу ор аст?

К-охир гапи пири рӯздида
Пирон ҳама борҳо шунида.

Накшуда ба умр розашон нест,
Бар маслиҳате ниёзашон нест.

Моро, ки ҳаёт ҳамчу роз аст,
Бишнидани пандашон ниёз аст.

То чанд зи фарти носабурӣ
Ҷӯем зи аҳли фазл дурӣ?

Имрӯз, ки қиматанд пирон,
Ҳар лаҳза ғаниматанд пирон,

Бояд, ки чу ҷӯ ба ҷони дарё
Бар сӯҳбаташон шавем ҳамроҳ.

Бебок ба даврашон нишинем,
Аз сӯҳбаташон гуҳар бичинем.

Бояст, ки пандашон пазирем,
К-онҳо чу камону мо чу тирем.

Гар тир ба хонаи камон аст,
Ин олами пир дар амон аст.

Чун тир, ки аз камон гурезад,
Дар даҳр фалокате бихезад.

Ин панд чу ганҷи рӯзгор аст,

Аз пири хирад ба ёдгор аст:

«Бе пир марав, ки дар бимонӣ,
Ҳарчанд Сикандари замонӣ».

## БАҲОР

Мурғаке аз хоб бедорам намуд
Ин саҳар бо нағмаҳои дилнишин.
– Ин суруди кист? –
Аз ҷо хестам,
Рӯ ба рӯ дидам баҳори нозанин.

Нозанине гулруху гулпираҳан,
Гул ба дасту гул ба домон омада.
Дар лабонаш хандаи хуршеду маҳ,
Бахти ман гӯё ки хандон омада.

Бӯи ишқу навҷавонию умед,
Бӯи ҷони тоза меомад зи ӯ.
Аз ҷилои ҳусну аз гулхандааш
Дар дилам бедор шуд сад орзу.

Сад гули армони ман бишкуфт боз
Аз тамошои гули рухсори ӯ.
Шуд латофатбор дунёи дилам
Аз назарҳои латофатбори ӯ.

Гулфишону дилситон шуд оламе,
Ишқ омад бар дили шайдои ман.

Зинда кардиям зи нав, шод омадӣ,
Ай баҳор, афсонаи зебои ман!

## БЕДОР ШАВ!

Мӯъҷизаи олами зебо нигар,
Аз нигаҳи барқ бирезад шарар.
Табл занад раъд зи рӯзи зафар.
Абр зи ҳар миҷҷа биборад гуҳар,
Эй дилаки хуфта, ту бедор шав!

Кӯҳ кашад ҷомаи барфӣ зи тан,
Аз гулу себарга кунад пираҳан.
Во бишавад ғунчаи боғу чаман,
Дилкашу зебо шуда ҳусни Ватан,
Эй дилаки хуфта, ту бедор шав!

Меҳри сахобахш дурахшон шавад,
Боди суманбуй ба ҷавлон шавад.
Абри гузар ояду борон шавад,
Тирукамон боз намоён шавад,
Эй дилаки хуфта, ту бедор шав!

Дилбараке уқдаи мӯ во кунад,
Куртачакан рақси дилоро кунад.
Чарх занад, сӯи худ имо кунад,
Як нигаҳи ошиқӣ савғо кунад,
Эй дилаки хуфта, ту бедор шав!

Мурғи саҳархез шавад нағмагар,

Панд диҳад: вақт ғанимат шумар.
Умр чу наврӯз бувад даргузар,
Кӯш, ки охир наравад барҳадар,
Эй дилаки хуфта, ту бедор шав!

## ОРИ ОРИЁНӢ

*Дар ҳошияи романи таърихии*
*Бароталии Абдураҳмон «Куруши Кабир*
*– шоҳи тамаддуновар»*

То ҳанӯзам ба гӯш зишт ояд
Вожаи «шоирони дарборӣ».
Буда, афсӯс, дер фаҳмидам,
Ки чунин шоирон зи бад орӣ.
Аз ҷавонӣ маро (чӣ мекардам?)
Дода буданд ончунон таълим.
Хоҳам имрӯз бо ҳазорон узр
Пеши арвоҳашон кунам таъзим.

Рӯдакиро барои шеъри ноб
Кӣ зи сар то ба пой зар пошид?
Гар намебуд Шоҳ Сомонӣ,
Шӯҳра тоҷик чунин намегардид.

Рӯдакӣ буд шоири дарбор,
Анварӣ фахри фозилони он.
Фазли оламшумул мебахшад
Шоҳро, мулкро фару сомон.

Ғайри Соҳибқирони шоирҳо

Шоҳро кӣ тавон диҳад ҳушдор?
К-аз фароғат ба фикри халқу мулк
То Бухоро ҷадал кунад бедор.

Сеҳри ашъори Рӯдакӣ тонад
Сарвро сӯи бӯстон орад.
Бо сафои каломи раббонӣ
Моҳро сӯи осмон орад.

Шоҳ бошад зимомдори мулк,
Гавҳари ақлу кеши ҳар миллат.
Фозилон ёварони шоҳонанд,
То раҳонанд халқ аз иллат.

Гуфт агар «Шоҳнома» Фирдавсӣ,
Кай бизад ӯ хушомади шоҳе?
Нангро, орро бикард ӯ васф,
Бераҳеро ҳидояти роҳе.

Ҳеч гаҳ, ҳеҷ кас надорад ёд,
Ки бузургон буванд ҷангандоз.
Шоире ё магар ба шоҳе гуфт,
К-аз сари одамӣ маноре соз?

Гарчи таърих беш медонад
Шоҳи бераҳму фаҳму ноодил.
Қатлу куштору ҷабр кам гардад,
Аҳли дарбор агар бувад фозил.

Шоҳи мулке чу фазл агар парвард,

Фоли он мулк хуррамӣ бошад.
Пешпо ҳеҷ шаҳ нахоҳад хӯрд,
Гар вазире чу Балъамӣ бошад.

Шоҳ фозил агар бувад, бешак,
Халқро нек раҳнамо гардад.
Бахт хоҳад ба халқ, то барҳақ
Дар замин сояи Худо гардад.

Шаҳ Куруш буд з-он қабил шаҳон,
Буд шоҳаншаҳи тамаддунор.
Ориёнӣ бувӣ агар, фахр аст
Хидмати фазл дар чунин дарбор.

Ҳамчу «Шаҳнома»-е зи Фирдавсӣ
Аз Баротам хати барот омад.
К-андар ин даҳр Ориёнонро
Аз Куруш, аз Куруш наҷот омад.

Нестам ман зи хештан огаҳ,
Ай Барот, огаҳ аз бузургонӣ.
Ман, ки се пушти худ намедонам,
Нангро, орро ту медонӣ.

Бист соли дарози умратро
Дар раҳи нангу ор бахшидӣ.
Карда моро зи хештан огаҳ,
Ту ба мо ифтихор бахшидӣ.

Ҷоҳу мансаб талаб надорӣ ту,

Гарчи хидматгузори дарборӣ.
Аз дусад шоирони ҳамчун ман
Баҳри халқу Ватан ту даркорӣ!

## ҚАДРШИНОСӢ

*Ташаккурномае барои бунёди Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров дар Мӯъминобод*

Чаро гӯӣ, ки ман соҳиб надорам,
Ало, эй соҳиби ганҷи фаровон!
Басо ҷон костӣ дар роҳи эҷод,
Шудан Соҳиб Табар худ нест осон!

Сухан гуфтӣ зи бас умре табарвор,
Бикардӣ беш бадхоҳу рақибат.
Бигуфтӣ рӯ ба рӯ нуқсонашон, лек
Бадӣ карданд пастон аз ақибат.

Бикард, инак, барои аҳли фарҳанг
Ҷавонмардӣ Сафар Одина Зокир.[1]
Ба номат боз кард осорхона,
Ки аз ӯ наслҳо бошанд шокир.

Фузун шуд боз як ҷои муқаддас
Кунун андар диёри Мӯъминобод.
Нишоне монад аз авлоди Зокир

[1] Раиси ноҳияи Мӯ ъминобод.

Чу рамзи эҳтироми аҳли эҷод.

Магӯ дигар, ки ман соҳиб надорам,
Туро соҳиб ғаму ранҷи ту бошад.
Пас аз ту зиндадори номи некат
Ҳамин осори пурганҷи ту бошад.

Намонад соҳиби як қасру айвон,
Равад соҳиб, бимонад зор хона.
Таманно мекунад бехона Маҳзун
Ба мислат инчунин осорхона!

Магӯ дигар, ки ман соҳиб надорам…

## БУВАД АЗ ОРУ АЗ ЗУ[1] «ОРЗУ»-ЯШ

*(Ба бонуи фалаксаро Гулчеҳраи Содиқ*
*ва ҳамқисмати шодравони ӯ Достӣ Орзу)*

Аҷаб марди шарифе Достӣ буд,
Ҳама хоки вуҷудаш ростӣ буд.

Ғанӣ аз шеър буду худ муғаннӣ,
Ба ҳар базми замон мешуд муғаннӣ.

Чи хуш буд Достиро сози ғиҷҷак,
Ба дилҳо корагар – овози ғиҷҷак.

---

[1] *Зу, зу кашидан* – амалест, ки ҳангоми як бозии миллӣ ҷавонон бо як нафас вақти давидан сабқати овозкашӣ мекунанд.

Ба обу хоки кишвар меҳр будаш,
Ба бар Гулчеҳраи гулчеҳр будаш.

Зи базми дилкаши ин ҷуфти ҷонӣ
Гуворо буд моро навҷавонӣ.

Ба ёд орем он даври накӯро,
Ба некӣ Достии Орзуро.

Фиғоно, аз ғарамбозии қисмат,
Якеро бурд носозии қисмат.

Хазон бар чеҳраи Гулчеҳра омад,
Фиғон аз зулмати ҷонаш баромад:

«Бимондӣ меваҳоят норасида,
Гули мақсад чаро рафтӣ начида?»

Ғаму дардаш чу кӯҳи Валвалак шуд,
Фиғони ҷони ӯ то бар фалак шуд.

Суруди ӯ, аз ин рӯ, ҷонгудоз аст,
Пур аз дарду ғаму андӯҳу оз аст.

Чунин ғамро надорад ёд таърих,
Фалакхоне зи занҳо зод таърих.

Фалакзан гашт дар дунё нахустин,
Миёни олами занҳо нахустин.

Ба афғон гашт ёрашро фалакзан,
Бишуд пеши ғурури ӯ фалак зан.

Зи баъди Орзуяш орзу кард,
Ки авлодаш бисозад дар ҳунар мард.

Бихандид офтоби орзуяш
Ба ҷони панҷ фарзанди накӯяш.

Фароҳам дастаи уммед гардид,
Гурӯҳи «Орзу» тавлид гардид.

Ба ёди орзуҳои шикаста,
Бувад аз «ОР»-у аз «ЗУ» даста баста.

Чу дорад ор, умре зу кашад ӯ,
Фиғон бо ёди он некӯ кашад ӯ…

## КИМИЁГАР

*Эҳдо ба оҳангсоз Амирбеки Мӯсо*

Аз наво обу гилат бисриштаанд,
Бо наво толеи ту бинвиштаанд.

То ба мардум бо наво сур оварӣ,
Бар ҷаҳони тори мо нур оварӣ.

Он диле, ки аз наво саршор шуд,
Пок шуд, аз ишқ бархурдор шуд.

Одамӣ зебост бо ишқу наво,
Бонаворо дӯст медорад Худо.

Баски ту суру наво меофарӣ,
Байни мардум аз ҳама болотарӣ.

Рози дил ифшо шавад бо сози дил,
Дар танин аз ту бувад овози дил.

Аз ту сози мо баландовоза шуд,
Ишқ бе қулфу дару дарвоза шуд.

Аз ту соф аст осмони сози мо,
Бишнавад акнун ҷаҳон овози мо.

Қисмати рахшанда мехоҳам ба ту,
Шамси бахту ханда мехоҳам ба ту.

# ДАВЛАТИ ИШҚ

## ЭЙ ИШҚ, НАҶОТАМ ДЕҲ!

Эй мӯъҷизаи яздон,
Эй нури Худо дар ҷон,
Эй дину дилу имон,
З-ин хайли гунаҳгорон,
Эй ишқ, наҷотам деҳ!

Дил бе ту набошад дил,
Андеша бувад ботил,
Дар ҷаҳл занад оқил,
Чун нур зи хоку гил,
Эй ишқ, наҷотам деҳ!

Аз панҷаи дарду ғам,
Аз ғуссаи бешу кам,
Аз нағмаи нофорам,
Аз шӯру шари олам,
Эй ишқ, наҷотам деҳ!

Аз сӯҳбати дилсардон,
Аз маҳфили бедардон,
Аз ғадри ҳамовардон,
Аз тӯҳмати номардон,
Эй ишқ, наҷотам деҳ!

Бе қудрати ту пирам,
Чун пой ба занҷирам.
Бемораму дилгирам,
Боз ой, ки мемирам,
Эй ишқ, наҷотам деҳ!

## ХУШ ОМАДӢ, ЭЙ ИШҚ!

Аз ту дил як ҷаҳон ҳаловат ёфт,
Ҷӯш зад, гарм шуд, тароват ёфт.
Хешро аз ғаму азобат ёфт,
Бар дили ман хуш омадӣ, эй ишқ!

Бо ту боғу чаман шукуфон аст,
Бар сарам моҳу меҳр рахшон аст.
Бо ту ҳусни ватан дучандон аст,
Бар дили ман хуш омадӣ, эй ишқ!

Бе ғами ту намебарад хобам,
Маънии неку бад ҳамекобам.
Мекашам ранҷу ганҷ меёбам,
Бар дили ман хуш омадӣ, эй ишқ!

Шукри ҷонат, ки нестам бе дард,
Шукри дардат, ки нестам дилсард.
Аз қудуми ту мард гаштам, мард,
Бар дили ман хуш омадӣ, эй ишқ!

## ШУКРОНАИ ИШҚИ ТУ

Шукронаи ишқи ту,
Дилро ба камол овард.
Бар сардию бедардӣ
Исёни завол овард.

Дастам бигирифту бурд
Бар олами зебоӣ.
Омӯхт маро бо лутф
Ойини дилороӣ.

Аз равзани ишқи ту
Бо дидаи дил дидам:
Ҳамсояи гул хор аст,
Ҳамсояи шодӣ ғам.

Дарёфтам ин олам
Бо хору гулаш зебост.
Бо дарду ғамаш ширин,
Бо заҳру мулаш авлост.

Бар қасри ҳаёти мо
Ишқ аст чу подевор.
Бе ишқ мабод одам,
Бе ишқ диле зинҳор!

Шукронаи ишқи ту…

## ГУЛИ ОШИҚУ МАЪШУҚ

Як шаби фасли баҳорон
Зери беди кокулафшон,
Ғарқи нури моҳи тобон,
Кардамат пайдо чу армон.

Як шаби фасли баҳорон
Дар канорам ханда кардӣ,
Кард ханда бахти ман аз хандаат,
Эй шудӣ шоҳи дили ман,
Ҷони ман ҳам бандаат.

Як шаби фасли баҳорон
Сӯз дар дил, соз дар ҷон.
Мову ту бо бӯсаборон
Ҳар хатову ҳар гуноҳи хештанро шуста будем,
Чун гули маъшуқу ошиқ
Дар замини орзуҳо, ормонҳо
Рӯ ба рӯ,
Гардан ба гардан,
Ҳамчу як тан руста будем.

Як шаби фасли баҳорон…

## ҲАР ОН ГОҲЕ, КИ МЕОӢ…

Ҳар он гоҳе ки меоӣ дучорам,
Даруни синаам дил метапад, дил,
Вале биштобӣ аз ман ҳамчу дарё,

Бимонам ман мисоли санги соҳил.
Туӣ чун наварӯси орзуям,
Дилам аз баҳри ту зор асту зор аст.
Вале пеши нигоҳи шӯлаборат
Забони ҷуръатам беиқтидор аст.

Ту донӣ, раҳзани ёди нигоҳат
Бидуздад ҳар шабе аз дидаам хоб.
Хаёлам, чашми ту бошад ситора
Ва бошад чеҳраи ту ширмаҳтоб.

Саҳаргоҳон маро бедор созад
Нигоҳи гармаки хуршеди тобон,
Ба ёдам мерасад хуршеди рӯят,
К-аз ӯ ҷону дилам бошад фурӯзон.

Ту бигрезию ман хушҳол тозам
Зи дунболат ба гулзори хаёлӣ.
Саратро байни гулҳо сила карда
Бигӯям рози дил бо некҳолӣ.

Туро бо худ кунам ҳар дам тасаввур,
Вале аз орзуҳоям чӣ ҳосил?
Шитобӣ боз аз ман ҳамчу дарё,
Бимонам ман мисоли санги соҳил…

## БАРФ

То рӯз барф борад
Пушти тиреза имшаб,
Боди ғазабгирифта

Дорад ситеза имшаб.
Бо боди барфолуд
Омад ғамат суроғам,
Имшаб ба ёди рӯят
Ман сӯзаму чароғам.

Рӯзе, ки барфи бомат
Бо шавқ руфта будам,
«Бошад насибам, эй кош,
Ин бахт!» – гуфта будам.

Он рӯзи сард ҷонам
Месӯхт чун дар оташ.
Дил буд дар ҳаловат
З-он сӯзи созу дилкаш.

Рӯзе вале ту рафта,
Бо ғайр хӯ гирифтӣ.
Рустоият нафорид,
Аз шаҳр шӯ гирифтӣ.

Дар ин шаби ғамовар
Чун аст ҳолат, эй гул?
Чун барф кард мӯям
Дарди висолат эй гул.

То рӯз барф борад
Пушти тирезаи ман.
Шояд ба ёдам орӣ,
Ёри гурезаи ман?

## БАҲОРОН БУД

Баҳорон буд, ҷонам, ёд дорӣ?
Баҳори ишқи навоғози мо буд.
Миёни боғ – он хилватгаҳи роз
Гилеми сабза пойандози мо буд.

Ҷиҳози синаам – ойинапардоз
Зи рӯи ҳамчу моҳи дилфурӯзат,
Ҳамесӯзонд ҷонамро чу оташ
Нигоҳи шармзеби синасӯзат.

Лаби гулғунчаи шеърофаринат
Бапо мекард дар ҷонам қиёмат.
Канори гарми ту армони ман буд,
Вале сатри ҳаё, тарси маломат…

Худоё, ҷуръату мӯъҷизае деҳ!
… Шунид армони ман Парвардигорам.
Ба ногаҳ наъра зад шерона тундар,
Ҷаҳидӣ чун ғизоле бар канорам.

Дар оғӯшам чу қалбе метапидӣ,
Зи бими раъду барқу боду борон.
Чӣ лаззат дошт дунёи канорат,
Ало, олиҳаи фасли баҳорон!

…Баҳорон буд, ҷонам, ёд дорӣ?

## БИРАВ, ДИГАР НАДОРАМ ШАВҚУ ШӮРЕ…

Ту, охир, аз куҷоӣ, чист номат,
Ки ин сон мекунӣ сӯям назора?
Ҳамехоҳӣ шавам ҳамқисмати ту,
Чӣ созам, ки надорам ҳеҷ чора.

Мазан ангушт, охир, бар дари дил,
Ки қалбам нест андар сина мавҷуд.
Ба ҷои оташи сӯзону равшан
Танӯри синаи ман мекунад дуд.

Бирав, дигар надорам шавқу шӯре,
Ки кори ошиқӣ аз сар бигирам.
Надорам ахгаре дар кунҷи сина,
Ки аз барқи нигоҳе дар бигирам.

Ҷавонию ба чашме зархаридӣ,
Ки он бошад туро як рӯз толиб.
Туро ҷӯёст бахти безаволе,
Ки онро мешавӣ як рӯз соҳиб.

Вале бо ҷустуҷӯҳо ҳам наёбӣ
Нишони бахтро дар олами дил.
Зи саҳрое, ки гулчинҳо гузаштанд,
Гули мақсуд чидан сахт мушкил.

## АФСОНА

Як шабе во кун дарамро,
То дари дил во шавад.
Кулбаи тангу назарногири ман
Аз ҷамолат равшану зебо шавад.

Як шабе аз партави рӯи чу маҳ
Шӯълаҳо афкан ба рӯи бистарам,
Шӯълаҳо бар ҷони оташпарварам.

Як шабе афсонаи ишқам бигӯ,
Бо нигоҳи ташна афсунам бикун.
Шавқ дар ҷон, сӯз бар тан, меҳр бар дил,
Шӯр бар сар ҳамчу Маҷнунам бикун.

Як шабе бикшо дарам,
То боз бикшояд дилам.
Чун фаришта ту маро ҳамроз бо историаҳо кун,
Ту маро ҳамқисмати афсонаҳо кун,
Дар паноҳи меҳр дур аз кинаҳову фитнаҳо кун,
Ту маро аз ман раҳо кун!

## ТУ БИЁ, ҶАНГ КУНЕМ!

Оштӣ бас бувад, эй ёри азиз,
Сулҳи бенашъаи васли ту бас аст.

Ту биё, як шабаке,
Ту биё як шабаке волаву маст,
Ҳоли ҳиҷрону азоби дили худро ба ҷаҳон танг кунем,
Косаи сабр, ки лабрез шудаст,
Ту биё, як шабаке ҷанг кунем.
Гарчи чун ойина пок аст ҳаё,
Сари ӯро ҳадафи санг кунем.
Як шабе гӯш ба шайтон бидиҳем,
Ту биё як шабаке, ҷонаки ман, ҷанг кунем!

Дида дӯзем ба ҳам ҳарду нигаҳҷанг кунем,
Бода резем ба ҳам ҳарду қадаҳҷанг кунем.
Шеър хонем, ба оҳанги тараб ҷанг кунем,
Лаб ба лаб мондаву лабҷанг кунем!

Харфи ширин чида аз нӯги забони ҳамдигар ҷанг –
Забонҷанг кунем,
Ҷанги бекина кунем,
Сина бо сина кунем!

В-аз сари шавқ хурӯшему ҳавасҷанг кунем,
Набарорем нафас, ҳарду нафасҷанг кунем.
То ки хуншор аз ин ҷанги гуворо бишавем,
То ки афгор аз ин ҷанги гуворо бишавем.

Лаб ба лаб,
Чашм ба чашм,
Рӯи ба рӯ,

Ҷони ба ҷон,
Қасди худро бисситонем аз умри гузарон.
З-ин ҳаёти гузарон ком бигирем ба ҳам,
Тан ба тан судаву осуда бимирем ба ҳам...

## БЎСА

Дина он шўх, ки бўсидаму рафт,
Саҳарӣ, – гуфт, – бигирам хабарат.
Саҳарам чошт шуд аз сабр, Худо,
Хабаре нест зи нозуккамарат.

Буд зебанда қабояш – гули нор,
Шинаму тангаку нозук ба танаш.
Зи гиребон ба тулўъ шамсу маҳе,
Баданаш менамуд аз пераҳанаш.

Чу қадаш, соқу сурин, пеши бараш,
Ба ҷаҳон нест дигар, нест дигар!
Чу мане содаву кўтаҳназараш,
Ба ҷаҳон нест дигар, нест дигар!

Зи лабаш боз бишуд ғунчаи дил,
Зи нигоҳаш гули оташ бишукуфт.
Дили ў менамуд андар нигаҳаш,
Дили ман ҳам сухани ишқ бигуфт.

Шудам афсуни нигоҳу суханаш,
Ба Худо, маст шудам, маст шудам.
Лаби ман майл ба ў карду бигуфт:
Бигирам даст, ки аз даст шудам.

Лаби ӯ аз рухи ман бӯса гирифт,
Саҳарӣ, гуфт, бигирам хабарат.
Саҳараш чошт шуд, охир, бифирист,
Ай Худо, он бути нозуккамарат.
Сари шаб то саҳар, охир, мани зор
Сӯхтам, сӯхтам андар ҳавасаш.
Ба Худо, боз ба чанг оварамаш,
Надиҳам ҳеҷ маҷоли нафасаш!

## СӮЗУ ШАРОР ХОҲАМ

Барф ояд аз фалакҳо,
Сард аст кӯҳу барзан.
Ҳамчун дили ту сард аст
Даргоҳу хонаи ман.

Бод аст тунду хашмӣ,
Кӯбад дару тиреза.
Гӯё ки бо ғазаб ту
Дорӣ ба ман ситеза.

Аз бом раддаи ях
Чун миҷҷа саф гирифта.
Ё ту ба тири миҷгон
Ҷонам ҳадаф гирифта?

Чун кулбаам дили ман
Холиву тангу тор аст.
Дар интизор ҷонам
Бар муждаи баҳор аст.

Сӯзу шарор хоҳам,
Дарду ғаму табу тоб.
Шояд чу ях зи сӯзам
Санги дилат шавад об.

**ТУ МЕОӢ**

Тарап-тарап, тарап-тарап…
Баланд мешавад садои пой монданат.
Баланд метапад дилам:
Тарап-тарап, тарап-тарап…

Дили пуризтироб зикр мекунад:
Худо, Худо, Худо, Худо,
Маро надида нагзарад.
Худо, Худо, Худо, Худо!
Ба сӯи ҳамсадои пои худ
Ба чашми меҳр бингарад.

Диле, ки ҳамнавост шеваи тапиданаш
Ба зеру буми сози пой монданат,
Ба ҳузни шаҳдбори интизор метапад
Ба роҳи ту, барои ту.
Ва мон, зи ҳузни шаҳдбори интизорҳо
Шавад фидои ту!

Тарап-тарап, тарап-тарап…
Зи пушти дар ба ҳар саҳар танин диҳад
Чу набзи бенизоми дил
Садои ошнои пои ту.

Садои дилхурӯши пой монданат
Мабод он даме, ки н-оядам ба гӯш.
Диле, ки метапад хамӯш, мурда аст,
Аё садои зиндагӣ,
Тарап-тарап биё, биё, ки хоҳамат.
Бимон, ки набзи ҷони ишқхоҳи ман
Чу қарсу қурси кафши ту кунад хурӯш…

Тарап-тарап, тарап-тарап…
Биё, биё, азизи ман,
Ки бе ту дил наметапад тарап-тарап…
Садош мешавад хамӯш…

## ГУЛИ РАШК

Эй олиҳаи ҳусн, аё манзари дида,
Эй муждаи тақдири ба ман деррасида,
З-он дард, ки мирам гули рӯят нашамида,
Дар чашми муҳаббатталабам ҳалқа бизад ашк,
Ман сӯхтам аз рашк.

Аз он ки бувад ҳар суханат рози дили ман,
Аз шеъри дилат мерасад овози дили ман.
З-оне ки нанозад дилат аз нози дили ман,
Дар чашми муҳаббатталабам ҳалқа бизад ашк,
Ман сӯхтам аз рашк.

Боре зи барам ҳамраҳи як мард гузаштӣ,
Нашнохта ҳамрози дилат сард гузаштӣ.
Аз олами Маҳзун зи чӣ бедард гузаштӣ?
Дар чашми муҳаббатталабам ҳалқа бизад ашк,
Ман сӯхтам аз рашк.

## КАБКИ ХИРОМОН

Як шабаке хилвату пинҳон биё,
Бе ту ба ҷон омадам, эй ҷон, биё.
Фасли баҳор асту қарорам наяст,
Ҳамчу гули субҳ шукуфон биё.
Қулфи дилам аз қадамат во шавад,
Боз бикун қулфи гиребон, биё.
Сабзасифат, сабз ба бӯят манам,
Сурма бизан сабзаи миҷгон, биё.
Силсилаҳои сару дӯшат хуш аст,
Силсиламӯ, силсилаҷунбон биё.
Ғамзакунон, кабки хиромон, биё,
Ҳамчу сафои маҳи тобон биё.
Ин қадарам беш масӯзон, биё,
Кушт маро ғуссаи ҳиҷрон, биё.
Бӯи хуши анбару райҳон, биё,
Орзуи ҷони пурармон, биё!

Эй гули хушбӯй, зи гулшан марав,
Оташи ҷонбахш, зи гулхан марав,

Бе ту бимирад дилам, аз ман марав,
Ҷони азизи манӣ, аз тан марав!

Ин дили муштоқ ба бӯят хуш аст,
Ноз бикун, нози накӯят хуш аст.
Силсилаи ҳалқаи мӯят хуш аст,
Бӯса диҳӣ аз лабу рӯят, хуш аст.

Як шабаке хилвату пинҳон биё,
Бе ту ба ҷон омадам, эй ҷон, биё.
Ғамзакунон, кабки хиромон, биё,
Ҳамчу сафои маҳи тобон биё.
Бӯи хуши анбару райҳон, биё,
Орзуи ҷони пурармон, биё!...

## АЗ ДАФТАРИ ҒАЗАЛ

Худовандо, ҷудо аз ман магардон дӯстонамро,
Макун холӣ зи нақши пои ёрон остонамро.
Фурӯғи сӯҳбати огаҳдилон бошад ғазалҳоям,
Ба дасти ҷоҳилон маспор шеъру достонамро.
Зи базми беғамон дурам бикун, к-аз ғусса мемирам,
Дучори ман бигардон дилбари ороми ҷонамро.
Аё ширинзабон бе ту, биё, ки коми ман талх аст,
Ба шаҳди бӯсаҳои худ бикун ширин забонамро.
Дами маргам зи Ҳофиз, ҷои Ёсин, байт хон, Маҳзун,
Ки бо шеъри равон хоҳам супоридан равонамро.

* * *

Эй ки мепурсӣ дар ин дунёи дун чунем мо,
Резачини суфраи як зумраи дунем мо.
Гарди мо дар осиёи зиндагӣ, афсӯс, нест,
Тирахоки рӯи роҳи чархи гардунем мо.
Шеъри мо дар давраи майхорагон ёд оваранд,
Чун сабуи холие аз давр берунем мо.
Нӯшу нуқле мехӯрем, он хӯрда моро мехӯрад,
Дар назар мастем, аммо дил пур аз хунем мо.
Аз таҳи дил хандаи моро намебинад касе,
Аз фиребу фитнаву озор Маҳзунем мо.

* * *

Ёд ор аз пои хуншору тани пурхори мо,
Буд толеи бад аз тифлӣ пайи озори мо.

Бахти хоболуди мо як рӯзи некеро надид,
Шабфурӯзӣ дошт гарчи дидаи бедори мо.
Гарчи ёрон кардам аз олитаборон мунтахаб,
Аз қазо ҳар бор бадгавҳар баромад ёри мо.
Гаштаем азбас малӯл аз даври ширинрӯйҳо,
Ҳамдамӣ бо бодаи талх аст умре кори мо.
Қадри мо, Маҳзун, надонист он, ки андар базми давр
Гашт соҳибеътибор аз хондани ашъори мо.

* * *

Ҷабру ҷафои ёрон аз дӯстдории мо,
Бошад қарори онҳо аз беқарории мо.
Дар ишқ беқарору дар аҳд устуворем,
Ноустувор бошанд аз устувории мо.
Гоҳо зи ҷаҳли ёрӣ чун хоки раҳ шуморанд
Моро, гузашт аз ҳад чун хоксории мо.
Дар аҳди навҷавонӣ дарду алам чӣ бошад,
Бо ёр гар насозем, ин аст хории мо.
Дар ҳар нафас хатое содир кунем дар умр,
Эй вой аз хатову аз хомкории мо.
Ин пири ишқ – Маҳзун, мамнун шудаст, мамнун,
Байти мазоҳ бар лаб аз дилфигории мо.

* * *

Умри мо мастӣ надорад, масти ангурем мо,
Хандаи сунъӣ ба лаб дорем, ранҷурем мо.
Ҳамчу мурғи дар қафас дилтанг дар худ метапем,
Метапем, оре, чӣ бояд кард? Маҷбурем мо.
Дилхушонанд аҳли ҷоҳ аз сози иҷбории мо,

Дар наво аз гӯшмолием, танбӯрем мо.
Фахри ноҷо мекунем аз аслу насли хештан,
Сад ҳазорон қитъаи олам зи худ дурем мо.
Чашми нозукбин бихонад меҳру шафқатро зи чашм,
Пеши чашми некхоҳи хештан кӯрем мо.
Ҷилваи толеи қавми хеш моро мекушад,
Ҳамчу хаффошони шабпар душмани нурем мо.
Он, ки Маҳзун аст, асрори ҷаҳон донад, яқин,
Бо ҳама ин содагиҳо шоири зӯрем мо.

* * *

Соқӣ, баҳор омад, пеш ор бодаи мо,
Аз тавба тавба кардан хоҳад иродаи мо.
Дунё биҳишт бошад, парҳез зишт бошад,
Дар сарнавишт бошад тақдири додаи мо.
Мошинсавор ҳоҷӣ дорад каҷиву коҷӣ,
Аз ростист роҷӣ пои пиёдаи мо.
Мо масти ишқи ёрем, ҷон хоҳад ӯ, супорем,
Парвои зар надорем, ин аст ҷодаи мо!
Бингар, баҳор сеҳр аст, гӯӣ арӯси шеър аст,
Ишқ асту шавқу меҳр аст ҳарфи ифодаи мо.
Аз кина дар шикаст аст, маҳзун зи кори паст аст,
Як умр дилпараст аст Айюбзодаи мо!

* * *

Бисӯзон, ай Худо, дар ишқ ҷони мубталоямро,
Магардон бенасиб аз ғам дили дардошноямро.
Ман он оҳам, ки бар кӯҳи бузургон мекунам фарёд,

Расад рӯзе, ки дунё бишнавад акси садоямро.
Чу рӯдам, сад наво дорад талотумҳои ҷони ман,
Мабин бо дидаи таҳқир ҷисми бенавоямро.
Вафо аз кас надидам, ай Худо, умре ба ҷуз аз ғам,
Ҷудо аз ман макун то ҳашр ёри бовафоямро.
Ҷамоли шеър дунёи диламро мекунад равшан,
Намо рӯ дар шабони тор субҳи босафоямро.
Дили дурдонаам, Маҳзун, макун бозичаи даврон,
Ки бефаҳм аст ин кӯдак, намедонад баҳоямро.

* * *

Болу парам бисозам авроқи дафтарамро,
Чархи барин намоям бояд ки мазҳарамро.
Ман андалеби қудсам, минқор – хомаи ман,
Бо нӯги хома чинам ризқи муқаддарамро.
Нур аст дар сириштам, нор аст сарнавиштам,
Танҳо чаро гузорам мурғи самандарамро?
З-ин доми ҳасратобод озод гардам, озод,
Бар хокиён гузорам ин хонаву дарамро.
Дар даҳри хайли осӣ аз хешношиносӣ
Нашнохтам, дареғо, ман қадри модарамро.
Дар байни халқи олам дархурди тоҷ будам,
Тахтам шикаста аз сар бурданд афсарамро.
Аз фарш хез, Маҳзун, бар шав ба арш мамнун,
Бо ҷоми маҳ чақонам пурбода соғарамро.

* * *

Мастию пастият аз ризқи худодод чаро?

Ризқбахшандаи худро накунӣ ёд чаро?
Давлатат дод Худо, кӯш дар имдоди касон,
Охир, аз баҳри Худо, ин ҳама бедод чаро?
Сад дил озурда кунию накашад ранҷ дилат,
Дили озурдадилеро накунӣ шод чаро?
Манамо зӯри камон, низ туро нест амон,
Ройгон ҷони ҷавон медиҳӣ барбод чаро?
Модар аз бесарию ранҷи ту озор кашад,
Хӯрад афсӯс, ки дар даҳр туро зод чаро?
Падар аз феъли бадат пеши касон ҳаст хиҷил,
Хундил аз он ки чунин тарбиятат дод чаро?
Каҷраверо ба раҳи рост наорад суханат,
Ин қадар гӯй ту, Маҳзун, ғами эҷод чаро?

* * *

Мардӣ наметонӣ агар, ин қадр номардӣ чаро?
Дарде надорӣ дар дилат, изҳори ҳамдардӣ чаро?
Ман ҷанг бо иллат кунам, андешаи миллат кунам,
Эй монда дар банди маҳал, бо ман ҳамовардӣ чаро?
Ҳамшаҳр бо ту нестам, эй заҳр, бо ту нестам,
Дар даҳр бо ту нестам, шармандаам кардӣ чаро?
Гиранд аз дастат камон, ҳастӣ заифу нотавон,
Эй аз камонат аламон, дигар камонмардӣ чаро?
Мақсуд агар озурдан аст, охир зи дунё бурдан аст,
Ё раб, ба байни деву дад моро биёвардӣ чаро?
Олам дигаргун мешавад, меҳри дил афзун мешавад,

Хушбахт Маҳзун мешавад, эй дил, чунин сардӣ чаро?

* * *

Хоб аз сар мепарад шабҳо маро,
Мегудозад ғуссаи дунё маро.
Қотилеро хонад оқил қаҳрамон,
Хун шавад дил з-он гапи беҷо маро.
Мехӯрад шаҳду асал «ғамхори халқ»,
Ғам аз он ғамхори бепарво маро.
Сифла худ расвост, расво кай шавад,
Кори нангинаш кунад расво маро.
Гар дучори хоинам кардӣ, Худо,
Хок бар сар ё варо кун ё маро.
Тоҷикам, озурдаву озордӯст,
Меписандад ранҷ ҳам танҳо маро.
Баски Маҳзунам, зи байни хушдилон
Доварон карданд истисно маро.

* * *

Дод ба бод бӯи гул сабру ироддаи маро,
Кард баҳор пуршарар сӯзи зиёдаи маро.
Пайкари ишқ гаштаам, ёр, биёву ҳол бин,
Ҳоҷати арзи дил куҷо ҳарфи ифодаи маро?
Сӯз, ки додаӣ ба ҷон, ваъдаи савту соз ку?
Сӯз бидодаӣ маро, соз надодаӣ маро.
Баҳри чӣ по кашидаӣ, даст зи мо кашидаӣ?
Чанд азоб медиҳӣ ин дили содаи маро?
Лолаи доғ-доғи дил рӯида бар суроғи дил,
Чун гули лолае бичин қалби фитодаи маро.

Дар раҳи васлат аз ҷаҳон чашми кушода меравам,
Пӯш ба хоки пои худ чашми кушодаи маро.

* * *

Афканд ба ғам ҳаёт моро,
Таъқиб кунад мамот моро.
Худ теша занад ба решаи хеш
Ҳаммиллати бесубот моро.
Барҳамзани бахти хеш моем,
Набвад ба худ илтифот моро.
Кӯшем ба қасди куштани худ,
Бидҳед зи мо наҷот моро!
Аз ғайр ҳазар чаро? Бубояд
Аз хештан эҳтиёт моро.
Аз фазли худ ифтихори мо нест,
Торик бувад бисот моро.
Умрест, ки мондаем Маҳзун,
Бинмой раҳи нишот моро!

* * *

Ҳарфи накӯ сафо бидиҳад ақлу ҳушро,
Гуфтори нарм нарм кунад дар хурӯшро.
Оре, сухан калиди низому мурувват аст,
Сеҳраш бубин, ки ром бисозад вуҳушро.
Аз ҷоҳилист наъраву дашноми роҳбар,
Беш аст фазл роҳнамои хамӯшро.
Айш аст май, вале чу зи меъёр беш шуд,
Расво миёни халқ кунад боданӯшро.
Бо ҷаҳд сар кашад зи дили санг ҳам гиёҳ,

Гарданд нарм сангдилон сахткӯшро.
Ҳар чизро ба мавсими худ қадри дигар аст,
Дар гармӣ эътибор набошад калӯшро.
Маҳзун, сабақ зи вазъияти рӯзгор гир,
Аз ҳоли халқ дур макун чашму гӯшро.

* * *

Судобасифат гаштанд, ё раб, ҳама маҳвашҳо,
Тақдир чӣ хоҳад буд? Эй войи Сиёвашҳо.
Эй қумрии дил, сӯзӣ, филҳол самандар шав,
Ҳар дам гузарӣ бояд аз санҷиши оташҳо.
Эй хонахудо, бинмо маҳфилгаҳи дилдорон,
Зинҳор мабар моро бар пеши лушу лашҳо.
Дар ойинаи соғар анвори Худо бинам,
Шайтондили замзамнӯш ин саллаву ин фашҳо.
Ором чу дарёям дар зоҳиру дар ботин
Дунёи фиғон дорам, туғёну кашокашҳо.
Лутфе зи азал, Маҳзун, набвад, ту манол афзун
Тақдирқаламкашро бар ризқи қаламкашҳо.

* * *

Ҷонам фидои ҷонакат,эй ҷони ҷон, биё!
Як шаб ниҳон ба хилвати ман ноаён биё!
Дорад замон камону амон нест аз камон,
Бошӣ амон, ба суръати тири камон биё!
Тирам кушад агар, бикушад тири чашми ту,
Марг аз нигоҳи туст маро ормон, биё!
Даври ту давр гардаму даврон кунем чанд,

Мапсанд дарду ғуссаи давру замон, биё!
Машнав ту ҳарфи талхи ҳасудони пастро,
Аз шаҳди ишқ бехабаронро бимон, биё!
Масрур кун шабе дили Маҳзуни хастаро,
Боре варо зи хок бубар осмон, биё!

* * *

Эй дилошӯби дилозор, паноҳат ба Худо,
Ғами ман, шодии ағёр, паноҳат ба Худо.
Ман парастори туям, ту пайи озори манӣ,
Хори гулбозу гули хор, паноҳат ба Худо.
Нест осон нафасе бе ту кашидан нафасе,
Мирам аз ранҷи ту бигзор, паноҳат ба Худо.
Ишқ бозӣ набувад, гуфтамат ин кор макун,
Оқибат кардиям инкор, паноҳат ба Худо.
Қадри афлокии ишқам, ки ту бар хок задӣ,
Гашт дунёи дилам тор, паноҳат ба Худо.
Чист, Маҳзун, зи манат, пурсиям, аз ишқ нишон?
Ғуссаи шаҳду шакарвор, паноҳат ба Худо.

* * *

Фақат аз ваҳдату аз оштӣ суде шавад пайдо,
Умеди бар шудан бар роҳи мақсуде шавад пайдо.
Ватанро, ҳамватан, аз ҷангу ҷабру ҷаҳл шав ҳофиз,
Дигар андар самои он намон дуде шавад пайдо.
Худатро мекушӣ бо дасти худ аз фитнаи душман,
Намон, эй тоҷики сода, ки Маҳмуде[1] шавад

[1] Маҳмуд Худойбердиеви хоин.

пайдо.
Барои нанги меҳан кард умре сангро болин,
Ба ҳифзат кош Аҳмадшоҳи Масъуде шавад пайдо.
Зи савҳи Рустам аст осор ин расми писар куштан,
Бимон Рустам[1] фақат бо думраву уде шавад пайдо.
Зи пиндори накӯ гардад саодат ёри ту, Маҳзун,
Накӯандеш бошӣ, бахти масъуде шавад пайдо.

* * *

Ҳаҷри ту ширин шавад бар ман зи қанди ёдҳо,
Ёди ширинат гаҳи сахтӣ диҳад имдодҳо.
Рашк бар доро надорам, ишқ хоҳам аз ҷаҳон,
Монд номи Хусравон аз шавкати Фарҳодҳо.
Монеи парвоз набвад мурғи доноро қафас,
Дошт Сино кунҷи маҳбас роҳати эҷодҳо.
Шеърнофаҳмон кунанд ашъори мо машҳуртар,
Паҳн гардад бӯи мушк аз ихтилофи бодҳо.
Шодии сарват надорад лаззати ғамҳои ишқ,
Ғам талаб, Маҳзун, агарчи бишнавӣ эродҳо!

* * *

*Барои Бозор Собир*

Бар Ватан, шоири раҳдур, биё,
Эй сухангустари машҳур, биё.

---

[1] Рустами Абдураҳим дар назар аст.

Чун Ҷалолиддини маҳҷур манам,
Шамси ман, дур машав, дур, биё.
Пурғам аз шоми ғарибӣ мағуруб,
Аз пайи қофилаи нур биё.
Чамани сабзи ту пазмони ту шуд,
Омад айёму дами сур, биё.
Талху шӯр аст гапат, баски ҳақ аст,
Бисмили қисмати пуршӯр, биё.
Эй аналҳақзани якдидаву рӯ,
Ҳақ бигӯ боз чу Мансур, биё.
Эй ки рафтӣ ба танат хори Ватан,
Хор гул дидаву масрур биё.
Чашмаки чашми сафедор бубин,
Андар он чашм туӣ нур,биё.
Бо садои дили Маҳзун чӣ аҷаб,
Гашт хору гулу хас ҷӯр, биё!
Эй сухангустари машҳур, биё,
Ҳамраҳи қофилаи нур биё!

* * *

Чи табассуму карашма,
Чи нигоҳи ошиқона.
Ки зи барқи чашми ӯ зад
Барқи ҷони ман забона.
Гуфтамаш: «куҷо равонӣ?»
Ханда зад, ки сӯи хона.
Чӣ бигӯямаш, ки истад,
Чӣ биёварам баҳона?
Ӯ бирафту шуд дили ман

Аз қафои ӯ равона.
Зи ҷафо-ш ҷони Маҳзун
Маст гашту шодмона.
Чи табассуму карашма,
Чи нигоҳи ошиқона…

* * *

Даври ту давр гаштам, шоме ба даври лола,
Шӯри висол дар дил, дар каф зи май пиёла.
Он шаб биҳишти ман буд, хуш сарнавишти ман буд,
Маскуни арш будам, бо ҳур дар қабола.
Дар ханда моҳи рӯят, дар байни мушкмӯят,
Дар осмони ишқам чун маҳ миёни ҳола.
Аз пайкари хамири испеди ширмолат
Барҷаста синаҳоят монанд бар завола.
Аз шавқ лол будам ҳангоми нӯши лаълат,
Ҳар узву ҷузви мо буд аз васл дар мақола.
Ё раб, ҳақир Маҳзун бе ишқ чун кунад, чун?
Як бораки дигар кун ҷонро ба тан ҳавола.

* * *

Хуш сӯхтаӣ ҷонам, эй садқаҳаки ҷонат,
Навмед макун дилро, к-имшаб шуда меҳмонат.
Зад панҷа ба дил ишқат, шодона кушодам дар,
Омад ба суроғат дил, бикшой гиребонат.
Аз кулчаи рӯи ту аҳ сер намегардам,
Бигзор газам як газ аз себи занахдонат.

Аз заҳри итоби ту бисёр шудам сарпаст,
Сармасту баландам кун аз соғари чашмонат.
Писханд задӣ эй бас бар ҳоли мани гирён,
Лабханд биёмӯзам аз пистаи хандонат.
Афкандаӣ дар домам, то барнакашӣ доман,
То домани растохез дасти ману домонат.
Масрур шавад Маҳзун дар қатлгаҳи васлат,
Бигзор барорад ҷон, эй садқаҳаки ҷонат.

* * *

Меҳри фарзанд ба дил шӯълавар аст,
Балки фарзанд чу ҷону ҷигар аст.
Баҳри фарзанд бувад зинда падар,
Инчунин расм варо аз падар аст.
Аз азал ин гуна рафтаст дуо:
Сахтгирии падар корагар аст.
Падар аз меҳр чу бозад ба писар,
Ҳамчу бозича ба дасти писар аст.
Он ки ҷиддист ба таълиму ба меҳр,
Ҳурмату қадр варо бештар аст.
Ҷавҳари зот, ки эҳдои Худост,
Ҷаҳд ҳам гоҳ-гаҳе барҳадар аст.
Рашкат аз гавҳари Маҳзун зи чи рӯст?
Ки варо ҷавҳари имон дигар аст.

* * *

Эй дӯст, кӯш, то ки диле оварӣ ба даст,
Худ донӣ беҳ зи ман, ки дил озордан бад аст.
Ин ҳикмати каломи Худо ҳаст, эй азиз,
Бишнав ҳадиси қудсию бигзор кори паст.
Осуда зӣ ҳамешаву дар амни халқ бош,

Фикри шикасти кас бикунӣ, меҳӯрӣ шикаст.
Бад гуфт гар рафиқи туро ёри бадсигол,
Бовар макун, бисанҷ, гарат ақлу ҳуш ҳаст.
Гуфтӣ, ки панди гуфта чӣ такрор мекунӣ,
Такрори ҳақ хуш аст ба Маҳзуни ҳақпараст.

* * *

Эй олами ноз, дорамат дӯст,
Номаҳрами роз, дорамат дӯст.
Парво зи манат наясту дорам
Ман бар ту ниёз, дорамат дӯст!
Носоз агарчи бо ман астӣ,
Бе ҳазл, ки соз дорамат дӯст.
Сад бор биронием зи пешат,
Ман боз ва боз дорамат дӯст.
Кӯтоҳ будаст умри ишқат,
Як умри дароз дорамат дӯст.
Шеб асту фароз роҳи ошиқ,
З-он шебу фароз дорамат дӯст.
Сад ғусса ба ҷои бӯса додӣ,
Бо сад ғаму оз дорамат дӯст.
Аз қибла гузаштаму гузорам
Сӯи ту намоз, дорамат дӯст.
Маҳзунаму ғамгадои ишқам,
Ҷонам бигудоз, дорамат дӯст!

* * *

Хуштарин бода дар пиёлаи мост,
Беҳтарин ёр дар қаболаи мост.
Нашкуфад як гуле зи сози ҳазор,
Сад чаман арғувон зи нолаи мост.

Шеваи хуштарин ба мулки сухан
Шеъри ноби ҳазорсолаи мост.
Ишқ ширинтарин ғизост ба ҷон,
Заҳр ҳарчанд дар наволаи мост.
Эй зи ғам бехабар, паноҳ машав,
Санги кини замон ҳаволаи мост.
Маҳзун, аз шеър ноумед мабош,
Бехаридор агарчи колаи мост.

* * *

Ваҳ, чӣ зебост гулистони танат,
Хоҳам аъзои латифи баданат.
Беҳ зи фирдавс бувад боғи рухат,
Кай шавам сер зи себи заҳанат?
Мон, ки сар дар қадамат бигзорам,
Орамам дар таҳи сарви чаманат.
Мон, ки аз бӯи хушат маст шавам,
Маст аз роиҳаи ёсаманат.
Сӯхтам аз шарари як нигаҳат,
Мурдам аз нозату бигрехтанат.
Лоладоғ аст дил аз шавқи танат,
Ҳамчунон куртаи сурхи чаканат.
Орзуи дилам, аз ман магурез,
Офаридаст Худо баҳри манат.
Гӯям ар пеши ман о, пеши ман о,
Рав, магӯ, пеши занат, пеши занат.
Ки давои дили Маҳзуни ман аст
Лаби лаъли туву лутфи суханат.

* * *

Эй хуш ба ҳоли он ки ба хубон салом дошт,
Ҳамсӯҳбатии покдилон субҳу шом дошт.
Хушрӯз он, ки дар ҳарами ёри моҳрӯй
Гаҳ лаб ба рӯи моҳ, гаҳе лаб ба ҷом дошт.
Бикшодабахт буд касе, дилкушода буд,
Ҳар ҷо, ки рафт, дар нигаҳаш хушпаём дошт.
Фархунда рӯзи он, ки зи рӯзӣ надошт ғам,
Тобанда шоми он, ки маҳи хушкалом дошт.
Хуш он ки буд азиз ба ҳамсояву табор,
Хушбахт он, ки дар гузараш эҳтиром дошт.
Бадбахт он ки ҳамнафасу ҳамдилаш набуд,
Хундил касе, ки кор ба теғу наём дошт.
Маҳзун ба умри хеш назад лофи шоирӣ,
Назмаш нишони он, ки ҳаёташ низом дошт.

* * *

Сӯхтам гарчи зи ҷабру ситамат,
Дил барафрӯхтам аз сӯзи ғамат.
Шеъри ман шӯҳра зи лутфи ғами туст,
Шукри ишқи туву лутфу карамат.
Мон, ки дар розгаҳат хок шавам,
Садқаи хоки ҳарими ҳарамат.
Гар туро тарс зи ҳамсоя бувад,
Мон, ки бар хилвати хешам барамат.
Бин, ки андар ҳавасат пир шудам,
Хам задам аз алами зулфи хамат.
Дар ҷавонӣ назадӣ дар қапи ман,
То зи лаб бӯсаму аз рӯ газамат.
Ҷонфидои туву Маҳзуни туям,

Мефишонам дури ҷон дар қадамат.

* * *

Дил зи ғам дар синаам обистан аст,
Пӯфаки ҷонам дами таркидан аст.
Гаштаам аз сайри гулшан бенасиб,
Ҳар куҷое пой монам, гулхан аст.
Қалби меҳробод дорам орзу,
Нафс хоҳишманди таъмири тан аст.
Дил зи истеъдод истибдод дид,
Шояд истеъдод бар ман душман аст?
Олам аз соҳибдилон бошад тиҳӣ,
Он ки некаш бишмарӣ, Аҳриман аст.
Дод бар модар занад ҷоҳил, вале
Ҳамчу мӯши мурда дар пеши зан аст.
Фориғ аз ташвиш дар дунё куҷост,
Он ки ором аст, зери мадфан аст.
Ман чӣ сон Маҳзун набошам, эй ҷаноб?
Ҳар куҷо дардест, пайгири ман аст.

* * *

Бикардам ёд чашмони базебат,
Садои форами чун андалебат.
Биё, ҷоно, газам ширину форам
Зи сурхиҳои рухсори чу себат.
Ба вақти бӯса мон, ки хори миҷгон
Халад бар лаб зи чашми дилфиребат.
Танам бифшору «не…» гӯ чашмпӯшон,
Ки ин ҳолат диҳад бисёр зебат.
Марав аз пушти пулдорони ҷоҳил,

Диҳанд он бедилон фанду фиребат.
Дилам еврову доллар гардад, эй кош,
Ки андозам ба тангиҳои ҷебат.
Баҳор омад, биё, чун ҷон бихоҳам
Гули рӯят, садои андалебат.
Надорад тоқати сабру таҳаммул
Дили Маҳзуни шӯху ношикебат.

* * *

Ба чашмам чашм дӯз, эй садқаи чашмони фаттонат,
Ки дил шуд чок-чок аз хандаи чоки гиребонат.
Ҷилои соқу сурин мекушад зебопарастонро,
Сафобахшандаӣ, эй маҳ, зиҳӣ, ин лутфу эҳсонат.
Худо, абри қабоят чун дили ман чок-чок афтад,
Ки чун маҳтоб мехоҳам бубинам соф урёнат.
Зи тангии қабоят танг гардон ҷони дилтангон,
Маяндеш аз хурофат, ҷони ман, ҷонам ба қурбонат.
Чӣ донад қадри зебоӣ, матарс аз зиштхӯ зоҳид,
Бувад Яздони зебоофар аз зиштон нигаҳбонат.
Биё, даври камар ларзон, магӯ, ки расми мо ин нест,
Бимон ларзад ҳазорон дил аз он нофи намоёнат.
Набошад ҳеҷ гаҳ номардумӣ дил бурдан аз мардум,
Мусулмонтар зи ту набвад, зиҳӣ ин дину имонат.
Зи ишқат набзи Маҳзун гоҳ боло гоҳ поён аст,
Биларзонӣ чу болоят, биҷунбонӣ чу поёнат.

* * *

Бо хушдиле ҳар он, ки даме ҷому ком ёфт,
Аз ҷому ком лаззати айши мудом ёфт.
Ишқ аст зиндагониву меҳр аст зевараш,
Онро, ки ишқ мурд, ҳаёташ тамом ёфт.
Танҳо бимонд оқибат он ёри сардмеҳр,
Чун моҳтоб гарчи ба ҳусн эҳтишом ёфт.
Ҳамдам ба рӯзи марг наёбад дарунсиёҳ,
Хуш зист он касе, ки зи халқ эҳтиром ёфт.
Гирад зи ҷаҳли беш зи мо хешро баланд,
Пасте, ки ҷоҳу кибр зи ризқи ҳаром ёфт.
Бояд миёни кинаварон меҳрубон шавӣ,
Бурд он кунад ба умр, ки лутфи калом ёфт.
Нози Аёз ҳадяи лутфу фаросат аст,
Аз шоҳ меҳр варна кадомин ғулом ёфт?
Эй худпараст, рашк ба Маҳзун чӣ мебарӣ?
К-ӯ аз суҷуди аҳли хирад шаъну ном ёфт!

* * *

Ба абрӯи сияҳ ӯсма қабеҳ аст,
Ба зеборӯй холу хат кареҳ аст.
Зи бадгӯи бадандешу дилозор
Сутури безабон сад бор беҳ аст.
Дило, сабзинаи зебодили ман
Зи ҳурони сияҳботин сареҳ аст.
Бихон аз чашмам аҳволи диламро,
Дар он сидқу вафои ман фасеҳ аст.

Малоҳат ёд гир аз шеъри Маҳзун,

Хатову ҷурми шеъри ӯ малеҳ аст.[1]

* * *

Ҳофизо, шеъри ту аз Қуръон аст,
З-ин сабаб ҳамдами ҷонам он аст.
Деҳ паноҳам ба дили девонат,
З-ин ҷаҳоне, ки пур аз девона-ст.
Нимбисмил тани дар ранҷамро
Нӯшдоруғазалат дармон аст.
Ҳар ҳадисат ҳадаси раҳмонист,
Он ки шак орад агар, шайтон аст.
Саҷда бо шеъри тарат месозам,
Ки ибодат ба дарӣ осон аст.
Ҷони Маҳзун, ки зи ғам меболад,
Аз сафои суханат хандон аст.

* * *

Умр агар сад сол бошад, як дам аст,
Пиру барно дӯстдори олам аст.
Толеи неку бад аз афъоли мост,
Дӯзаху ҷаннат на дар он олам аст.
Айши худро Одам аз гандум биҳишт,
Нафс барҳамдеҳи айши хуррам аст.
Чоки рӯяш нест аз ғам, нек бин,

[1] Дар ин ғазал шакли қофиябандии арабӣ риоя нашудааст. Калимаҳои кареҳ ва беҳ бо ҳо-и ҳаваз навишта шуда, аз дигар қавофӣ, ки ҳе-и ҳуттӣ доранд, фарқ кардаанд. Вале азбаски дар забони форсии тоҷикӣ талаффузи ин вожаҳо як хел аст, ин густохи шумо қоидаҳои арабиро дидаву вайрон мекунад.

Хандаи гандум ба ҳоли одам аст.
Ишқ дар дилҳо қиёмат мекунад,
Бар қиёмат бовари мардум кам аст.
Умр бо шебу фарозаш хуш бувад,
Лаззати оҳанг аз зеру бам аст.
Ошиқ аст, аз ҳузн меболад дилаш,
Давлати дунёи Маҳзун аз ғам аст.

* * *

Эй таманнои дилам, бо сад таманно бинамат,
Шӯр дар сар, шавқ дар дил, масту шайдо бинамат.
«Ҷони ширин», – гуфтиям, додам ҷавобат талху шӯр,
Шӯрбахти ишқаму хушбахти дунё бинамат.
Қадри ту нашнохтам, беқадр дар олам шудам,
Заҳри ҳасрат мехӯрам, чун маҳфилоро бинамат.
Гуфта будӣ: «тиратабъонро набинад чашми ман,
Равшан аз нуру зиёи ишқ шав, то бинамат».
Дил фурӯзон кардаам дар орзуи ишқи ту,
Орзуи ман, куҷо як бор танҳо бинамат?
Шамси рӯи ту чароғи ҷони Маҳзуни ман аст,
Офтоби зиндагиям, рӯй бинмо, бинамат.

* * *

Синаам ҷои гуландомон аст,
Дилам аз гулбаданон гулдон аст.
Ҷон ба зебосанамон бахшоям,
Ки беҳин кори ҷаҳон эҳсон аст.
Ишқ дар олами дил хуршед аст,

Дили беишқ чаҳу зиндон аст.
Ё раб, аз ишқ бисӯзон ҷонам,
Дил талабгори ҳамин эҳзон аст.
Масти ишқему баландем аз ишқ,
Паст дар фикри зару ҳамён аст.
Сухан аз олами дил мегӯем,
Шеъри мо ганҷи дилафгорон аст.
Шеър аз ишқ бигӯ, к-аз ҳикмат
Ҳар чи гӯем дигар, ҳазён аст.
Ҳамдами пук макун Маҳзунро,
Ай Худо, душмани ҷонаш он аст.

* * *

Аз нигоҳи моҳрӯён мулки ҷонам равшан аст,
Дар ҷаҳон то ишқ меварзам, ҷаҳонам равшан аст.
Маҳфилам аз сӯҳбати огаҳдилон дорад фурӯғ,
Кулбаам аз нури рӯи дӯстонам равшан аст.
Гуфтаӣ, носеҳ, ки орад май ба имонат зиён,
Рав, ки бе панди ту ҳам суду зиёнам равшан аст.
Ҷилд-ҷилди шарҳи Ҳофиз жожпардозӣ бувад,
Офтоби шеърҳояш бе ҳамонам равшан аст.
Аз баёни тира парҳезам чу аз торикдил,
Дарди шеърам соддаву тарзи баёнам равшан аст.
Рӯз бо хуршеду шаб бас бо чароғ афрӯхтам,
Баъди ман дар гӯр, Маҳзун, устухонам равшан аст.

* * *

Бар мартабаву ҷоҳ, ки майли назарам нест,
Аз ҳирс зи молу зари дунё хабарам нест.
Чун себи заминӣ[1] самар аз реша надорам,
Вартоҷаму дороӣ ба ҷуз мағзи сарам нест.
Машмар, чу ба худ ҳарф занам, ҳарзаву дашном,
Зинҳор ба ҷуз замзамаи шеъри тарам нест.
Чун раҳгузари бод ҳама олами фонист,
Умеди рифоҳу фараҳ аз раҳгузарам нест.
Аз бими замон мӯътабараш гуфтаам, афсӯс,
Эй соҳиби дил, варна харе мӯътабарам нест.
Ҳоло шудаам куштаи тири нигаҳи ёр,
Дигар зи камонмарду камонаш ҳазарам нест.
Маҳзун, макун андеша зи номардии дунё,
Подош ба лутфу карамат лутфу карам нест!

* * *

Ай Худо, майли дили ёр ба ағёр мабод,
Ишқам инкор кунад? Ё рабам, ин кор мабод!
Агар аз ноз бувад куштану бигрехтанаш,
Бод ин бор, вале кош дигар бор мабод!
Ин чӣ дардест, ки ҳар дам кушаду зинда кунад,
Ҳеҷ мискин ба чунин дард гирифтор мабод!
Нигаҳаш бурд дилам, ғуссааш афсурд дилам,
Гарчи озурд дилам, дар дилаш озор мабод.
Он ки дил доду надоданд дилаш, хок шавад,
Ҳеҷ як дилшударо бахт нагунсор мабод!

---

[1] Себи заминӣ – картошка.

Аз ғамаш ҷонбалабам, боз чу ҷонаш талабам,
Кас чу Маҳзуни манаш зору талабгор мабод!

* * *

Эй дил, эй дил, баҳор меояд!
Бод анбарнисор меояд.
Чашм бикшод ғунчаи бодом,
Ҳусн бар чашмасор меояд.
Оби чун ёр рафтаро бингар,
Боз бар ҷӯйбор меояд.
Он ки аз мо канорҷӯӣ кард,
Мужда деҳ, дар канор меояд.
Ҷони мо раъду барқу тӯфонист,
Ишқ бо корзор меояд.
Пушти ёрони нав мадав,эй дил,
Ёри дерин ба кор меояд.
Ёрро хостӣ барор, нахост,
Хост, охир, барор меояд.
Сард будӣ, муборакат, эй шеър,
Дарди шабзиндадор меояд.
Ишқ ҷӯёи ҷони Маҳзун аст,
Ғам ба ҷони фигор меояд.

* * *

Нашавам ёр туро пасти ба пиндор баланд,
Ки туро кор баланд асту маро ор баланд.
Набувад беш зи хас бори ғам аз кор туро,
Мезанӣ лек ба фахр аз дигарон ҷор баланд.
Ҳиммате, к-аз раҳи миннат ҳавас аз ном кунад,
Ту варо пасттарин бишмару машмор баланд.
Сари Мансур зи ҳақ ханда ба лаб рафт ба дор,

Сари мардони ҷаҳон кард сари дор баланд.
Ғами дилдор тарабовари Маҳзуни ман аст,
Ки зи ғам гашт варо шӯҳрати ашъор баланд.

* * *

Даврони навҷавонӣ аҷаб рӯзгор буд,
Майлам ба ёр буд, ба боғу баҳор буд.
Доғе ба дил набуд маро лоласон, вале
Нақшин қабо зи доғ ба ҳар лолазор буд.
Фархунда буд рӯзу зи рӯзӣ набуд ғам,
Шом аз сафои ҷилваи маҳ хандазор буд.
Нафсам намекашид ба самбӯсаву кабоб,
Ҷон дилкабоби ишқ ба бӯсу канор буд.
Май буд дар миёнаву шеъру ғазал ба лаб,
Моро ба рашку бухли ҳасудон на кор буд.
Аз бутпарасти шоҳу даҳо мегурехтем,
Бар мо хаёли ишқи бутон ифтихор буд.
Маҳзун зи фақр ходими миру вазир шуд,
Варна варо зи хизмати дарбор ор буд.

* * *

Бо хаёлат дар дили шабҳо дили ман ҷон канад,
Қавл бо ту бандаду аз дигарон паймон канад.
Чун хати барқи туролебус ишқи туст, дил
Аз тапидан бозмонад, даст гар аз он канад.
Гарчи пирам аз хурӯши шавқи ман парво макун,
Шавқманди май даҳони шиша бо дандон канад.
Ишқи Фарҳодист Маҳзуни машаққатхоҳро,
Кӯҳи ғамҳои лазизат бо фараҳ осон канад.

* * *

*Барои устод Аламхони Кӯчар*

Ҷони мо аз сӯҳбати ҳамдард хандон мешавад,
Ҳамдили ман, маънии Маҳзун Аламхон мешавад.
Завқи илм ояд ба шогирдон зи пири ранҷдӯст,
Шавқ набвад, илмҷӯ ҳам сер аз ҷон мешавад.
Рӯйсурхии фатири гармро пурс аз хамир,
Мехӯрад сад мушту месӯзад, ки то нон мешавад.
«Нест бо як гул баҳор», – оне, ки мегӯяд, хатост,
Дидам, аз фазли ту хористон гулистон мешавад.
Пеши хоки одамӣ, к-ӯ ҳаст мағруришикан,
Чун Азозил он, ки н-орад саҷда, Шайтон мешавад.
Ҳосили номардии айём бошад номи мо,
Номи тифли хонаи маҳзун Аламхон мешавад.

* * *

Ҷастухезе набз дар шарёни пирӣ мекунад.
Ё ҷавонӣ дар тани фарсуда мирӣ мекунад.
Нафси шаҳвонӣ надорад зӯри аз ҷо хестан,
Чашми носераш ба зебоён далерӣ мекунад.
Ҷон супурдан дар канори гулрухе хоҳад, вале
Меравад он гулъузору марг дерӣ мекунад.
Пир бо пирон занад сад лоф аз зӯри миён,
Назди ҳамҷинсони худ заргӯш шерӣ мекунад.
Гушнамасти кулчаи рухсораи зеборухон,
Бин, ки Маҳзун орзуи чашмсерӣ мекунад.

* * *

Мужда, эй дил, ки нигорам ба бағал меояд,
Аз лаби ғунчаи ӯ бӯи асал меояд.

Гуфт дандон, ки биёяд, ҳама аъзош газам,
Инчунин ҷанг, хаёлам, ба амал меояд.
Ҷон ба ҷӯш омада, сар мезанад аз зарфи танам,
Бин, зи шавқаш ба лабам шеъру ғазал меояд.
Ӯ бирафт аз ману ҳар шаб зи Худо хостамаш,
Амр чун ҳаст зи устоди азал, меояд.
Ғунчасон рӯй панаҳ дошт, чу гул хандон аст,
Қаҳр бо меҳр, чӣ хуш, карда бадал меояд.
Дили Маҳзун зи висолаш, ба Худо, метаркад,
Шодмаргам кунад, оре, чу аҷал меояд!

* * *

Чашмам аз чашмаи чашмони бутон об хӯрад,
Нигаҳи ман ҳаваси рӯи чу маҳтоб хӯрад.
Нафасам печ хӯрад аз хаму печи сари зулф,
Ҳавасам ҳасрати он кокули пуртоб хӯрад.
Завқ олист маро, чун гули вартоҷ сарам
Ҷониби хандаи хуршедвашон тоб хӯрад.
Хубрӯён ҳама ашроф писанданд, дилам
Ҳаваси толеи неки ҳама арбоб хӯрад.
Дили Маҳзун, зи ғаму дарди ҷаҳон бедор аст,
Нест ёре, ки ғами дидаи бехоб хӯрад.

* * *

Дил дучори дард аз ранҷурии тан мешавад,
Мард агар беор гардад, ҷонсарак зан мешавад.
Аз фишори зиндагонӣ сахт гардад устухон,
Мум андар роҳи мошин ҳамчу оҳан мешавад.
Шӯҳрати Рустам зи сеҳри килки Фирдавсӣ бувад,

Васфгар чун ӯ касе ёбад, Таҳамтан мешавад.
Мевадузд аз боғ бо нармӣ намеояд бурун,
Неши хор аз по бурун бо неши сӯзан мешавад.
Одамӣ дар вақти пирӣ мешавад бисёргӯ,
Санги ғелон охири ҷар ғулғулафкан мешавад.
Мешавад ҳассос аз шодиву ғам ҳар дам дигар,
Осмон гирёну хандон моҳи баҳман мешавад.
Кулбаи эҳзони мо ҷонат фурӯзонад, биё,
Дида одат гар кунад, торик равшан мешавад.
Андар ин боғи адаб, Маҳзун, макун шафқат талаб,
Нахли худрӯ ҳезум аз дасти табарзан мешавад.

* * *

Чун ғунчаи гул субҳгаҳон ханда кунед,
Хандид чу шамси осмон, ханда кунед.
Покизатарин шева бувад хандаи тифл,
Монандаи тифли безабон ханда кунед.
Душман ба парешонии мо механдад,
Оед, ба ҳам ба гирди хон ханда кунед.
Бар ҳоли бади касе махандед, бад аст,
Бад рӯзи бадон бувад, бад-он ханда кунед!
Санги бағали кинаи худ партоед,
Бо меҳр зи мағзи дилу ҷон ханда кунед.
Ҷоҳил шуда арҷманду оқил паси дар,
Бар сифлапарастии замон ханда кунед.
Номарди камонмард сари хеш хӯрад,
Надҳад ба касе амон камон, ханда кунед.
Маҳзун зи карашмаи сухан механдад,
Аз лутфи хуши шеъри равон ханда кунед.

* * *

Шукри Ҳақ, ки гаштаем аз хоксорӣ арҷманд,
Хоки моро кард бо покӣ дили хокӣ баланд.
Нозпарвар нестем аз молу мероси падар,
Аз падар мондаст бар мо тешаву белу каланд.
Нӯшу неъматҳои олӣ оши дунёхор бод,
Мо ғами ишқе талаб дорему хоҳемаш чу қанд.
Бо фурӯғи аҷз кардем остонро осмон,
Бас фитод аз осмон наҷми ғурури худписанд.
Дар дили халқӣ ту, Маҳзун, беш аз ин унвон махоҳ,
Бин, ки аксар шоирони мардумӣ номардуманд.

* * *

Чӣ кунам ноз аз ин умр, ки рафтан дорад,
Ёри раъност, вале арбада бо ман дорад.
Бас зи фирдавс ба васвосаи нафс афтодам,
Ҳар замон хавф дил аз фитнаи душман дорад.
Ин ҷаҳон маҳзари ишқ аст, чаманнорин аст,
Дили гулшанҳавасам пой ба гулхан дорад.
Гавҳари шеъри маро кӯрдилон нашносанд,
Он шиносад, ки дилаш дидаи равшан дорад.
Ватанамро ба тану хонаи дил ҷо додам,
Ватанам кай ғами бехонагии ман дорад.
Бӯи уммед зи ёре нарасад, фарёдам
Шеваи кӯфтани об ба ҳован дорад.
Гуфтам: «Аз чӣ дили Маҳзун шиканӣ?» хандон гуфт:
«Ба Худо шоири хуб аст, вале зан дорад!».

* * *

Эй хушиҳои ҷавонӣ, хайрбод,
Эй вафои ёри ҷонӣ, хайрбод!
Эй фурӯғи чашму нерӯи бадан,
Кушт моро нотавонӣ, хайрбод!
Ишқи пирӣ сӯхт бунёди дилам,
Шафқати ишқи ҷавонӣ, хайрбод!
Эй ки рафтӣ, монд армонат ба ҷон,
Ҳайфи ҷони ормонӣ, хайрбод!
Эй ки нашносӣ дили огоҳро
Бо ҳама ганҷи маонӣ, хайрбод!
Эй ки ранҷи ишқ ҷонатро насӯхт,
Лаззати ғамро чи донӣ, хайрбод!
Бо дили пурорзу Маҳзуни ман,
Зинда то рӯз ар намонӣ, хайрбод!

* * *

Ҷони ман, мавсими ғам мегузарад,
Ин ҳама дарду алам мегузарад.
Дили захмини ҷафодида зи ишқ,
Сабр кун, ҷабру ситам мегузарад.
Эй ғанӣ, ханда ба нодор мазан,
Давру даврони ту ҳам мегузарад.
Хандаи ҷом шунав вақти ҷаранг:
«Ҷом мемонаду Ҷам мегузарад!»
Дар ҷаҳон пок бизӣ, ғусса махӯр,
Ғадри дунёи ғарам мегузарад.
Беҳтарин умр ҳамонест, ки он
Бо сахову ба карам мегузарад.

Нест, Маҳзун, ба касат кин, ба Худо,
Дар вафо мисли ту кам мегузарад!

* * *

Мард зӯр аз молу зар ҳамчун Таҳамтан мешавад,
Зан барои зар зи макру фитна махзан мешавад.
Дар зарурат мард пӯшад ҷомаеро орият,
Ҷома андар пайкараш чун хор бар тан мешавад.
Зан вале бар каф биёрад соате пероҳане,
Худнамо дар боғу дар бозору барзан мешавад.
Мардро зебад далерӣ, иффату покӣ ба зан,
Боз зеби кӯҳу қумрӣ зеби гулшан мешавад.
Марди занхислат зиёд асту занони мардхӯ,
Байни марду зан гаҳе баҳси тую ман мешавад.
Зан агар бар нанг ояд, кори мардон мекунад,
Мард беномус агар гардид, чун зан мешавад.
Мисли ҷамъу касри барқ аразандаи ҳам марду зан,
Сар ба сар оянд гар, як хона равшан мешавад.
Марди дунеро бубинад носазовори зане,
Дидаи Маҳзун зи ғам чун абри баҳман мешавад.

* * *

Ҳар қадар бар сари ман мекунӣ овоз баланд,
Дил шавад боз гирифтори ту, эй нозбаланд!
Чун садобахш[1] агар ҳамдами лабҳот шавам,
Ман ҳам аз ҷон бикунам лаҳни туро боз баланд.

---

[1] Садобахш – микрофон.

Ҳаваси бӯсаи лабҳои ту амрест муҳол,
Меситонӣ ба баҳои лабат андоз баланд.
Нестам пастназар, ҳаст малакзавқ дилам,
Гили моро бисириштанд аз оғоз баланд.
З-оташи меҳри рухат шефтаи сӯхтанам,
Ошиқи шед бувад тоири парвозбаланд.
Сеҳри ҳусни ту ба Маҳзун диҳад эъҷози сухан,
Шавад эҷодбаланд, ар бувад эъҷоз баланд.

* * *

Ёрам аз шарму ҳаё рухсор гулгун мекунад,
Беқарорӣ набз дар рагҳои пурхун мекунад.
Аз нигоҳи шавкҷӯшам мегурезонад нигоҳ,
Ваҳ, чи хуш дилро ба чашми маст мафтун мекунад.
Ҷоми майро гар диҳад соқӣ ба таъхиру итоб,
Хоҳиши майхораро бар бода афзун мекунад.
Аз азал ҳамқисмати хори биёбон аст ишқ,
Варна Маҷнун аз чӣ рӯ маскан ба ҳомун мекунад?
Дил рабояд аз ману гӯяд, ки дил изҳор кун,
Эй Худо, Маҳзуни бедил арзи дил чун мекунад?

* * *

Ҳар дамам дил тарафи хилвати ҷонона кашад,
Бар ҳарими ҳарами шоҳиди фарзона кашад.
Бас зи масҷид ҳама ҷо ҳарфи риё мешунавам,
Узр, носеҳ, ки маро пой ба майхона кашад.
З-он ҳақиқат, ки фақат бӯи низоъ ояду шӯр,

Хоҳам афсуни нигоҳе, ки ба афсона кашад.
Аз тарабхона, ки ҳақ беҳ зи адабхона расад,
Табъи нозуки дили мо ба дигар ҷо накашад.
Ҳавли ҷон аст маро ҳамдамии ҷоҳилакон,
Дил ба бекинагии ҳарзаи девона кашад.
Ҷони Маҷнун чу ба лаб аз ғами ҳиҷрон бирасад,
Қасри Лайлӣ биравад наъраи мастона кашад.
Баски Маҳзун, ба фиғон аст зи паймоншиканон,
Гар ба хилват биравад, соғару паймона кашад.

* * *

Эй бода, васли мову туро таъна мезананд,
Бигзорашон, ки таъназанон камтар аз зананд.
Он дӯстон, ки қимати ман паст мекунанд,
Пастанд хештан, ба Худо, душмани мананд.
Мақсудашон, ба churchдаври ман, аз ман на дӯстист,
Лӯлисифат зи баҳри тамаъ тор метананд.
Дар пеш дӯстанду зи пас, дасташон расад,
Нақши маро зи сафҳаи офоқ мекананд.
Ҳар ҷо раванд, ғайбати фарзонагон кунанд,
Аъмолашон наяст ба ҷуз аз фиребу фанд.
Гуфтӣ, ки нест майл ба ҳақ додхоҳро,
Аз сифла лутф металабӣ? Ҷони ман, маханд!
Ҳайф аст ҳарфи меҳру муҳаббат ба дилсиёҳ,
Анвори ишқ нест ба дунёи худписанд.
Кард аз разолати уқало тарки ақлу ҳуш,
Бо бода сохт ин дили Маҳзуни ҳушманд.

* * *

Маҳзун, биёр ҷом, ки ҳангоми бода шуд,
Бӯи баҳор омаду табъам кушода шуд.
Якчанд ҷом деҳ, ки равам бар суроғи ёр,
Ҷонам ҳариси ёри гиребонкушода шуд.
Қурбони май шавам, ки ҷасорат ба дил бидод,
Қасдам ба чанд ҷуръаи ҷуръат пиёда шуд.
Ёре, ки лол буд забон пеши оразаш,
Бӯсидамаш хамӯш зи лаб, роз ифода шуд.
Аз ман сабақ зи ишқ бигир, эй ҷавон, бидон,
Надҳад фиреб таҷрибае, к-истифода шуд.
Ангушти нарми ёр расад нарм бар дарам,
Маҳзун, биёр ҷом, ки ҳангоми бода шуд.

* * *

Дилро шикор чашми ту бо як нигоҳ кард,
Чашми сиёҳи масти ту рӯзам сиёҳ кард.
Моро хавоси дидани номаҳрамон набуд,
Бо номи Ҳақ, ки чашми ту аввал гуноҳ кард.
Рахшид нури ишқ аз он ҳадяи нигоҳ,
Эй марги қалби сода, ки сахт иштибоҳ кард.
Бар синаи надидамуҳаббат алов рехт,
Оваҳ, чӣ сӯз буд, ки ҳолам табоҳ кард.
Аз ман кунун ба роҳ гурезон кунӣ нигоҳ,
Эй ки дилам хаёли ту берун зи роҳ кард.
Пурсӣ ба ноз: «пурғаму Маҳзун зи чистӣ?»
Чашми сиёҳи туст, ки рӯзам сиёҳ кард!

* * *

Ҳар гаҳ ки дил ҷамоли туро ёд мекунад,

Хотир зи дарди ишқи туам шод мекунад.
Ишқе, ки бар ҷаҳони дилам офтоб дод,
Вайронаҳои ҷони ман обод мекунад.
Омад зи ҳаҷри ёр ба фарёд ҷони мо,
Булбул бари гул аст, чӣ фарёд мекунад?
Юсуфдилам, ки ҷомаам аз пас дарид ишқ,
Макре чу моҳи Миср чӣ эҷод мекунад?
Парвонасон насӯхт дил аз оташи висол,
Хокистар асту бӯй зи Фарҳод мекунад.
Маҳзун зи ҷони сӯхта гӯй ғазал агар,
Бадхоҳу нек шеъри ту аз ёд мекунад.

* * *

Хуш бувад рӯзе, ки бо ёрони ҷонӣ бигзарад,
Хуш бувад шоме ба ишқу дилситонӣ бигзарад.
Чист он шодӣ, ки ғам меоварад фарҷоми он,
Ғам чу шодӣ оварад, бо шодмонӣ бигзарад.
Оламеро метавонад барқ афрӯзад даме,
Войи умре, ки ба аҷзу нотавонӣ бигзарад.
Тӯй бошад марги он, ки ормонаш дидааст,
Ҳайфи оне, ки зи олам ормонӣ бигзарад.
Зиндагӣ зебост, зебо, дил бидеҳу дил ситон,
Қасди худ аз умр гир, охир, ҷавонӣ бигзарад.
Бишнав, эй Маҳзун, зи фарёди дили рӯди равон:
«Эй гаронхобон, шитобон зиндагонӣ бигзарад».

* * *

Айш андар гулшане бо ёр фирӯзӣ бувад,
Хаса, ин толеъ атои фасли наврӯзӣ бувад.
Умри ширин сарфи ҳирсу кина месозанд, ҳайф,

Ин ғанимат баҳри меҳру ишқомӯзӣ бувад.
Як хазина ғам гирифтам дар баҳои дил зи ту,
Он муҳаққар, ҷони ман, н-аз баҳри дилсӯзӣ бувад.
Шодкомии яке аз рӯзи шуми дигарест,
Марги мунъим қабрканро хандаи рӯзӣ бувад.
Шеър, Маҳзун, ончунон гӯ, то биболад хотире,
К-ин ҳама худсӯзият баҳри дилафрӯзӣ бувад.

* * *

Ғунча хандиду чеҳра хандонид,
Гули ишқи маро шукуфонид.
Абр чун ёри ман қавоқ андохт,
Гиряи ӯ маро бигирёнид.
Барқ ханҷар чу чашми ёр кашид,
Пояи байти дил биларзонид.
Шохборон гурезпои маро
Сӯи долони ман гурезонид.
Булбуле чун ба гул нишастан дошт,
Бо навои хушаш бифаҳмонид:
Навбаҳор аст шод,эй Маҳзун,
Бояд аз ёр бӯса бистонид!

* * *

Омад баҳору ҷони маро пуршарор кард,
Дилро ҳавои ишқи бутон беқарор кард.
Аз нав парастувор ба дил лона мекунад,
Он ишқи пургудоз, ки аз ман фирор кард.
Бодомвор наргиси ҷоду бикард боз,
Моро нигор маст ба чашми хумор кард.

Чун ғунча ёри шӯх гиребон кушод, бин ,
Ҷонро ҳариси тугмаи ҷуфти анор кард.
Айш аст муддаои дилу ҷайби мо тиҳист,
Эй сода, баҳри айш бубояд, ки кор кард.
Маҳзуни маст лаб ба лаби ҷом мениҳад,
Ҳар гаҳ ки ёди бодаи лабҳои ёр кард.

* * *

Ҳар ки дорад сидқ, бар ӯ ҳурмати хос оваранд,
Дӯстон ҳам аз садоқат бар ҳам ихлос оваранд.
Ҷавҳари зотӣ надорад эҳтиёҷи тарбият,
Некномиро ба мо некон ба мерос оваранд.
Тарки одат кай кунад коҳил, чу нафрин нашнавад,
Хоббурда пойро бо туф ба эҳсос оваранд.
Мо ба покӣ аз мақоми қудсиён болотарем,
Ҷоҳилон рӯ лек бар нопоку ифлос оваранд.
Бахш, Маҳзун, ошиқонро шеърҳои бонамак,
Ҷони ман, аҳли футувват бар намак пос оваранд.

* * *

«Ба шоми мо ғарибон чун шафақ гул кард Гулрухсор,
Саморо пуршамими сирри сунбул кард Гулрухсор».[1]
Ба маҳҷурии Тӯс амсоли пайки Рӯдакӣ омад,
Чи хуш арвоҳи ихвонро тавассул кард Гулрухсор.

---

[1] Байт аз Ахавони Солис аст.

Биболид аз сафои ҳусну лаҳнаш ҷон, мунаввар шуд,
Даме бо меҳри раббонӣ таҷаммул кард Гулрухсор.
Дили мо дар ғуруби умр аз ғам чун шафақ хун аст,
Чаро н-омад ба сарвақтам, таҳаммул кард Гулрухсор?
Натобад дар самои тирабахтон рӯй моҳи ишқ,
Ба шоми ормони мо тааллул кард Гулрухсор.
Дар ин пойиз, ё Раб, аз гули рухсори ӯ доғам,
Фиғонҷонам зи ҳасрат ҳамчу булбул кард Гулрухсор…
Фақат ту бенасиби ишқи қудсӣ нестӣ, Солис,
Ба васли ҷони Маҳзунам тағофул кард Гулрухсор.

* * *

Бе гули рухсори ёрам ман дар ин гулзор зор,
Лолаи ишқам шавад бе шафқати ғамхор хор.
Бо умеди субҳи рӯяш шеър бофам барабас,
Метанам чун анкабут андар шабони тор тор.
Иштиёқи васли ӯ фасл аз ҷаҳонам кардааст,
Хори ишқаш дар дилам то ҳашр дорад хор-хор.
Эй ҳасуд, аз ғайбати ту гаштаам машҳуртар,
Бахт хандад гар ба рӯят, мешавад ағёр ёр.
Кинахоҳон ғофиланд аз айши ишқи синасӯз,
Байни дилхобон, Худо, ҷони маро бедор дор.
Бар аёдат гар равӣ, андеш аз захри забон,
Ҳарфи ноҷо мешавад андар тани бемор мор.

Чун гули шафқат ба чашми миру шаҳ пажмурдаам,
Абри раҳмат, бораке дар гулшани дарбор бор.
Пеши Маҳзун, эй нововар, лоф аз шеърат мазан,
Толиби дард аст, дорад аз чунин ашъор ор.

* * *

Ёд бодат, эй саропо ноз,
Дод нозат маро пари парвоз.
Шеърҳоям накардаӣ эҳсос,
Ҳайфи қалби пурормону роз.
Бо ғурур аз самои ман рафтӣ,
Ҳамчунон мурғакони навпарвоз.
Боз қисмат туро ба ман овард,
Нест он сон маро вале эъҷоз.
Рӯи қабри муҳаббатам нолӣ,
То зи нав ишқро кунем оғоз.
Бомдоде бигуфт огоҳе,
Бо диле пур зи сӯзу пур аз соз:
«Ошиқон куштагони маъшуқанд,
Барнаояд зи куштагон овоз».
Куштаи нози туст ин Маҳзун,
Охир, аз куштае чӣ хоҳӣ боз?

* * *

Эй шому сабоҳи дил, шамси дилу моҳи дил,
Аз ишқ гувоҳи дил, фармонбару шоҳи дил.
Аз чеҳраи моҳи ту, ҷодуи нигоҳи ту
В-аз чашми сиёҳи ту – ин рӯзи сиёҳи дил.

Эй оқили давронам, хуш сӯхтаӣ ҷонам,
Ту донию ман донам аҳволи табоҳи дил.
Ман рӯдаму пуршӯрам, аз кӯи хирад дурам,
Аз ишқи ту машҳурам, эй пушту паноҳи дил.
Ҳар лаҳзаи хуррамро, дарду ғами одамро,
Бешу ками оламро бинам ба нигоҳи дил.
Дар лаҳзаи нокомӣ, гуфтӣ, ки макун хомӣ,
Набвад ғами бадномӣ дар ҷодаву роҳи дил.
Афсӯс зи ман рафтӣ, чун гул зи чаман рафтӣ,
Чун ҷон зи бадан рафтӣ, нашнида ту оҳи дил.
Маҳзуни дилафгорам, кай дид кас озорам,
Чун дӯст туро дорам, ин аст гуноҳи дил.

* * *

Эй ишқ, бақои дил, эй ишқ, сафои дил,
Аз арш зиёи дил, эй нури Худои дил!
Ойинагари сина, барҳамзани сад кина,
Эй махзану ганҷина дар қасру сарои дил.
Ҳам доми балоӣ ту, ҳам дарду давоӣ ту,
Эй доми балои дил, эй дарду давои дил.
Он дил, ки надорад ғам, з-он ғам набувад хуррам,
Ман дар ғами ӯ гирям, вои дилу вои дил.
Эй ишқ, бикун афсун, афсона шавад Маҳзун,
Маҷнун шаваду мафтун, рақсад ба ҳавои дил.

* * *

Гарчи чун ойина андар ишқи ту пок аст дил,
Нест мӯнис бо ту чун ойина, ғамнок аст дил.
Эй ки бо ойина хандон шона бар мӯ мезанӣ,

Дар ғами он мӯ мисоли шона садчок аст дил.
Сӯям, эй ойинарӯ, боре, Худоро, ханда кун,
То ба кай гирён чу абри боми афлок аст дил?
Ғам чу хокистар сафо бахшад дили ойинаро,
З-ин сабаб дар хӯрдани ғам, бин, чи бебок аст дил!
Ҳамчу пушти ойина рӯзам сиёҳ аз чашми туст,
Заҳри ҷон шуд ишқи ту, мӯҳтоҷи тарёк аст дил.
Қадри қалби ҳамчунон ойинаи Маҳзун, мабод,
Он даме донӣ, ки шояд дар дили хок аст дил.

* * *

Дар зиндагӣ то зиндаам, хандон манам, гирён манам,
Бозори гардон аст он, сарсону саргардон манам.
Аз омади ризқам гаҳе нон бар гадоён медиҳам,
Аз н-омадаш гоҳи дигар дар орзуи нон манам.
Гаҳ бешу гаҳ кам мехӯрам, гаҳ шаҳду гаҳ ғам мехӯрам,
Мафтуни дунёям гаҳе, безор гаҳ аз ҷон манам.
Гар рост бигзорам қадам, ояд ба сар сад дарду ғам,
Гар каҷ нишинам, воаҷаб, боқадр чун султон манам.
Оне, ки беорӣ кунад, бо дилхушон ёрӣ кунад,
Бонанг ғамхорӣ кунад, ҳайрон манам, ҳайрон манам.
Хомӯш шав, ғавғо макун, эй дил, зи ғам парво макун,

Шодӣ агар, он сон туӣ, Маҳзун манам, ин сон манам.

* * *

Эй ишқи нахуст, аз ту бувад ранҷи зиёдам,
Умрам ба сар омад, наравӣ лек зи ёдам.
Ман бехабар аз лаззати ғам будам, ало ёр,
Шукронаи ишқат, ки чунин сӯз бидодам.
Дигар ба раҳи мушкили пурпечу хами ишқ
З-он рӯз, ки дар по-т фитодам, нафитодам.
Дорам ҳаваси ишқ ба пирӣ, чӣ тавон кард?
Хонанд ҳама дилшудагон пирмуродам.
Аз моли ҷаҳон ҳикмати ишқ аст насибам,
Ҷуз ишқ Худованд дигар ҳеҷ надодам.
Огоҳ наяст он ки зи озори муҳаббат,
Аз хайли вуҳуш аст, на аз зумраи одам.
Маҳзунам аз ин ҷамъияти подаи бедард,
Танҳо ба хаёли хуши ғамҳои ту шодам.

* * *

Ман онам, ки мани худро шиносам,
Макун фандам, фани худро шиносам.
Баробар нестам бо шӯълатабъон,
Зиёи гулхани худро шиносам.
Ба ҳар боғу чаман накшоядам дил,
Сафои гулшани худро шиносам.
Ман аз он қадр дар оила дорам,
Ки бӯи равзани хуро шиносам.
Зи кӣ бигрезаму бо кӣ нишинам,

Куҷо по мондани худро шиносам.
Нигоҳи меҳр дорад дӯст бар ман,
Зи чашмаш душмани худро шиносам.
Маро бо ман дигар ту ҷанг мандоз,
Ки ман ҳаммеҳани худро шиносам.
Машав ширин чу хоби субҳгоҳӣ,
Ки дарғафлатзани худро шиносам.
Ба механ май макун маҷбурам, эй дӯст,
Тақозои тани худро шиносам.
Дили Маҳзун бувад ганҷинаи ғам,
Баҳои махзани худро шиносам.

* * *

Имшаб ба ҳузни гиряи борон гиристам,
Дардам фузуд дар дилу аз ҷон гиристам.
Ёрам, ки тарк кард маро, навбаҳор буд,
Омад баҳору аз ғами ҳиҷрон гиристам.
Аз синаи фигори замин сабза медамад,
Пажмурд лек сабзаи армон, гиристам.
Бе ҳамдилу рафиқ ғарибам ба мулки худ,
Бо ёди базму маҳфили ёрон гиристам.
Бас корвони марги азизон зи даҳр рафт,
Вомондаам зи ҷамъи азизон, гиристам.
Рӯзи сиёҳ омадам аз рӯзгори дун,
Бар рӯзгори бесару сомон гиристам.
Тифлам ба ханда «шоири бехона»-ам бигуфт,
Дар хандаҳои тифлаки хандон гиристам.
Маҳзун, зи ҳузну ашк гиламро сириштаанд,
Чун абри навбаҳор фаровон гиристам.

* * *

Мо халқи ҷаҳон ҷумла мусулмони Худоем,
Гар кофару габрем, ба фармони Худоем.
Бар мом бувад ҷумлаи фарзанд баробар,
Мо низ мусовӣ, ҳама яксони Худоем.
Гар «Инҷил»-у «Таврот»-у «Забур»-аш напазирем,
Мушрик ба ҳама ояти «Қуръон»-и Худоем.
Бошем бубояд ҳама ҳамдину ҳамоин,
Гар ёри Худоему дар имони Худоем.
Тавҳид миёни ҳама ақвом бубояд,
Гар саҷдагари даргаҳи армони Худоем.
Бар хӯрдани ҳам ҷанг кунад ҷумлаи ваҳшӣ,
Ҷангидани мо чист, ки инсони Худоем.
Не обу замин аст зи мову на ҳавояш,
Хуш боядамон зист, чу меҳмони Худоем.
Дар ҳирси ҷаҳон ғофили хешем чу Маҳзун,
Гар дил ба Худоем, бубояд ба худ оем!

* * *

*Барои Рустами Мурод*

Дард бисёр аст моро, аз кадомаш дам занем,
Беҳ, ки май пеш оварему як дами беғам занем.
Ҳиммати ёрон кунад моро зи мӯҳтоҷӣ раҳо,
Гап зи шукри дӯстони дар сахо Ҳотам занем.
Бо талоши мо нагардад ризқи пешонӣ зиёд,
Гар ҷаҳонро дар тиҷорат давр бо як дам занем.
Душманатро ҳам Худо гар дод давлат, шод шав,
Мерасад рӯзе, ки дар ёди Худо мо ҳам занем.
Ранҷиши ҳамсоя гоҳо, дӯст, аз тақсири мост,

Шояд ӯро ҷову ноҷо пеши ҳар кас кам занем.
Зӯраш ояд, лоҷарам, номард мегаштаст зӯр,
Ин масал аз марги Сӯҳробу фани Рустам занем.
Аз фиребу фитнаву озор, соҳибдил, гурез,
Мову ту бояд зи дилҳо кинаро барҳам занем.
Дар ғами ишқе фитодӣ боз, Маҳзун, шод бош,
Мову ту ёри ғамем, эй кошки дар ғам занем!

* * *

Эй шаб, эй шаб, марав, тараб дорам,
Кӯҳи дарде ба ҷон талаб дорам.
Нашъаи ғуссаи маро донӣ?
Шеър аз банди ҷон ба лаб дорам.
Эй хаёли гурезаёри ман,
Магурез аз сарам, ки гап дорам.
Ҳури урёни ҷаннатам омад,
Ҳарчи гӯям, бимон, сабаб дорам.
Шеъри урён зи соқи урёнаш
Хоҳаму шарм аз адаб дорам.
Он чи дидам накардаам изҳор,
Баҳри чӣ? Баҳри кӣ? Аҷаб дорам.
Моҳ умри ман аст, меғурбад,
Лаззати умр як ваҷаб дорам.
Эй шаб, афсонасози Маҳзунӣ,
Марав аз ман, марав, ки гап дорам…

* * *

Наям аз арш, яке одамакам,
Хокаму байни самову самакам.
Бегунаҳ нестам аз рӯзи азал,
Моили ишваи Шайтонамакам.
Ҷаддам аз нафс биҳиште, ки биҳишт,

Кард овора ба ду гандумакам.
Ташнаи мадҳу саноям ҳама умр,
Бисито гоҳ-гаҳе кам-камакам.
Хӯрам аз хони касон нону намак,
Худ хиҷилсуфрааму камнамакам.
То зи бори каҷи ғам хам назанам,
Ошиқи зулфи каҷи хам-хамакам.
Бода пеш ор, яке дам бизанам,
Ки дар ин бодсаро як дамакам.
Бин ки Маҳзунаму хунинҷигарам,
Мафишор, эй дилу эй ғам, намакам!

* * *

Аҳли қаламу китоб моем,
Танпарвари фанхароб моем.
«Аз хоби гарон бихез!» – гуфтем,
Дарғамзада з-ин хитоб моем.
«Бедор» намуда қавми худро,
Дар хилвати хеш хоб моем.
Сарчашмаи маърифат намоем,
Аммо зи азал сароб моем.
«Фарзона кун интихоб» – гӯем,
Шӯровари инқилоб моем.
Аз дарди маҳал мағал бисозем,
Як умр дар изтироб моем.
Ақвоми дигар ба маҳ расиданд,
Чун маркаби дар халоб моем.
Маҳзун, ҳама айши хеш ҷӯяд,
Як соддаи дар азоб моем.

* * *

Аз ғами ишқи ту шабҳо печутобе доштам,
Дар дилу ҷонам зи дардат инқилобе доштам.
Нест авлотар зи дарди ишқ айши умрбод,
Буд форам, гарчи ҷони пуразобе доштам.
Чашмаи меҳри фиребо буд дар чашмони ту,
Чашмаи уммед з-он ҷуфти саробе доштам.
Ҳолиё дилтанги умри якмаромам, ёд бод,
Меҳри хандон аз паси гирён саҳобе доштам.
Талхии май кардааст имрӯз умрам талхтар,
Аз ҷавоби талхи ту ширин шаробе доштам.
Риштаи шеърам занад аз дарди бедардӣ гиреҳ,
Ёди айёме, ки сӯзи беҳисобе доштам.
Ишқ дар дил ҳамчу гавҳар буд дар дарёи умр,
Бодҳое низ дар сар чун ҳубобе доштам.
Пир гаштам з-он даме, ки ишқро додам зи даст,
Дилхушам, Маҳзун, ки айёми шубобе доштам.

* * *

Чу ман ёри ғамам, умре ба ғам дил дода мемирам,
Зи ғам хӯ кардаам бо бода, бо ғамбода мемирам.
Сухандону хирадмандон сафар бар кӯи ғам доранд,
Ба он раҳ пайравам, як рӯз дар он ҷода мемирам.
Зи миллат сарбаландиҳо баландии бало будаст,
Чӣ донам з-он баландии бало уфтода мемирам.
Чӣ сирре буд, миллат ними худро, мими худро кушт.
Аз он тарсам, ки ин асрорро накшода мемирам.

Алайҳи бахти худ умре кунад ҷаҳду ҷадал тоҷик,
Ман аз худношиносиҳои халқи сода мемирам
Мисоли пода моро ҳар тараф хоҳанд, меронанд,
Барои нафсу бими ҷон миёни пода мемирам.
Нагардам бандаи нафс, арчи банди ғам шудам, Маҳзун,
Ба дунё омадам озодаву озода мемирам.

* * *

Чашм чун ғунча ба оҳанги сабо боз кунам,
Хонаи дил зи сафо ойинапардоз кунам.
Бинам аз ойинаи чашми касон кинаву меҳр,
На чу иғвоталабон гӯш ба ғаммоз кунам.
Умри серӯза дилозор ба худ талх кунад,
Умр ширин ба ҳавои тарабу соз кунам.
Ҷоми май ору рухи моҳи шабафрӯз намо,
То саҳар қиссаи наврӯзи дил оғоз кунам.
Васли зебои дилозор нахоҳам, ба Худо,
Болу пар хоҳаму то пеши ту парвоз кунам.
Аз Худо ҳамдилу ҳамсояи неке талабам,
Ки ба сӯҳбат сари хон ҳар дамаш овоз кунам.
Нози дилсӯхтаро сӯхтадил бардорад,
Ман фақат пеши шумо, аҳли сухан, ноз кунам.
Муддаӣ лол шавад, ғайбати Маҳзун накунад,
Гар зи лутфи суханаш як сухан иброз кунам.

* * *

Аз олами сидқу сафо, меҳру вафо гап мезанам,
Аз ишқ мегӯям сухан, дардошно гап мезанам.
Ҳайрон машав, ҳар ҷо манам, аз чун туе боло

манам,
Соқӣ ба маҳфилҳо манам, дар тӯйҳо гап мезанам.
Ту бо бародар ногапӣ, аз кин ба модар ногапӣ,
Меҳрошно дорам чу дил, бо н-ошно гап мезанам.
Дар хайли дунон чун фитам, кай мезанам як бор дам,
Дар олами армони дил худ бесадо гап мезанам.
Аз чи кунам шӯру мағал бо подаи дуну дағал,
Он беҳ, ки бо шеъру ғазал бо дилрабо гап мезанам.
Маъшуқаи зеболиқо дар ишқ сӯзонад маро,
Ман дар ғамаш обу адо, обу адо гап мезанам.
Аз худ намегӯям сухан, Маҳзун, ба шеъри хештан,
Дар табъ қудсимашрабам, ман бо Худо гап мезанам.

* * *

Пазмон шудамат, пазмон, бар пеши ту меоям,
Бо сад ҳавасу армон бар пеши ту меоям.
Шуд боғу чаман гулпӯш, ин даҳр баҳороғӯш,
Оғӯш кушо, эй ҷон, бар пеши ту меоям.
Бе васли ту дилгирам, аз ғусса ҳамемирам,
То ҷон бидиҳам осон, бар пеши ту меоям.
Дар сӯҳбати дилсардон олам бувадам зиндон,
Бигрехта аз зиндон, бар пеши ту меоям.
Даврам ҳама бедард аст, пуркинаву номард аст,
З-он давраи номардон бар пеши ту меоям.
То чанд хазон бошам, маҳкуми бадон бошам,

Аз чашми бадон пинҳон бар пеши ту меоям!
То чанд шавам дилхун, то чанд шавам Маҳзун,
Хандон бикунам, хандон, бар пеши ту меоям!

* * *

Намеарзад ҷаҳон бар ғам, биё бинмой мамнунам,
Ки даҳри сифлапарвар мекунад ҳар лаҳза дилхунам.
Хушомад гуфтани ағёр бӯи фитнаҳо дорад,
Бикун бо ишваю бо нози чашми маст мафтунам.
Бихоҳам хилватею бо ғами ишқи ту биншинам,
Зи даври беғамони дун бисоз, эй ёр, берунам.
Бихоҳӣ ҷони ширинро диҳам андар вафои ту,
Ба дунёи муҳаббат пайрави Фарҳоду Маҷнунам.
Аз аввал хостам ишқат, варо то бар аҷал хоҳам,
Фироқат буд сангинам, бувад чун марг акнунам.
Маро боре ба худ хонӣ, сарамро чарх гардонӣ,
Дар он соат агар донӣ, баланд аз чархи гардунам.
Диламро ғам чу бифшорад, ба шеъри ноб рӯ орад,
Аҷаб дилкаш ғазал дорад, бихон ашъори Маҳзунам.

* * *

Эй пайкари гумкардаҷон, ҷонат манам, ҷонат манам,
Эй орзу, эй ормон, умре дар армонат манам.
Аз хеш нашморӣ маро, дар ранҷ бигзорӣ маро,

Ҳарчанд озорӣ маро, танҳо санохонат манам.
Рухсор гулгун мекунӣ, сад нозу афсун мекунӣ,
Гарчи ҷигар хун мекунӣ, бигзор, қурбонат манам.
Дил бар рақибон медиҳӣ, нонро ба серон медиҳӣ,
Лаълу зар арзон медиҳӣ, эй шӯх, ҳайронат манам.
Гаҳ рӯй пинҳон мекунӣ, гаҳ соқ урён мекунӣ,
Гар ину гар он мекунӣ, дар дину имонат манам.
Шодам, ки Лайлои манӣ, эй ҷон, Зулайхои манӣ,
Қайси биёбонат манам, Юсуф ба зиндонат манам.
Эй шамси сӯзони дилам, эй моҳтоби манзилам,
Бигдоз боз обу гилам, Маҳзуни хоҳонат манам.

* * *

Гуфтам аз кӯза равам, бода ба соғар бизанам,
Кӯзаи шикваи дил пеши бародар бизанам.
Ки чаро меҳри ман аз дил бирабудӣ осон,
Сар занад гар ғами дил, гӯ, ба куҷо сар бизанам?
Зи сари меҳр бибояд, ки дар ин даҳри дудар
Ту маро дар бикушоиву туро дар бизанам.
Навбаҳорон ба ҷаҳон чодари гулдӯз занад,
Бо ту бар кӯҳ равам, хаймаву чодар бизанам.
Марг бар аҳли футувват адами ишқ наяст,
Ин масал бар ту ман аҳди паямбар бизанам.
Марги Маҳзун шунавӣ, ҳеҷ ба дил ғусса магир,
Тоири рӯҳ шавам, гирди ту пар-пар бизанам.

* * *

Вафои ёри ҷонӣ ҳам шавад гум,
Набошад дар миён гар нони гандум.
Худоё, ризқи бешам деҳ, ки бошанд
Забониҳову нониҳо чу анҷум.
Ҳар он соне, ки бошад дӯст, дӯст аст,
Нигаҳ дор аз бади чун мору каждум.
Фузун кун меҳр бар ақвоми миллат,
Ки созам шеъри ваҳдатро тараннум.
Бишуд ворис ба Фирдавсӣ фақат духт,
Ғалат гӯянд: «духтар – моли мардум».
Надидам як шаробиро ба дил кин,
Малоф аз сидқ, овар саҷда бар хум.
Наям, шеъри аҷам, чун нақш дар об,
Агарчи қатраам дар мавҷи қулзум.
Чу дур ашъор созам суфта, Маҳзун,
Дар ин мавҷу дар ин авҷи талотум.

* * *

Ҳар куҷое пой мондам, макру афсун дидаам,
Меҳрубон кам дидаам, бемеҳр афзун дидаам.
Бишнавам аз пир ҷои панд алфози қабеҳ,
Кирмхории ниҳоли фазл аз бун дидаам.
«Гургзода гург мегардад» – биёмад боварам,
Дар нигоҳи баччаи қотил пайи хун дидаам.
Мӯсафеде бо ҷавонон кард рақси бенизом,
Хешро андар миёни хайли маймун дидаам.
Дӯстонам, аз пайи маҳфил ҳамегаштанд дӯш,
Ҳолиё дар ҳирси молу пул чу Қорун дидаам.
Ишқи поки одамиро ҷуз ба Ҳақ дигар маҷӯ,

Ман варо дар қиссаи «Лайливу Маҷнун» дидаам.
Шоиронро ёд меоранд вақти нӯшбод,
Гоҳи тақсими маош аз давр берун дидаам.
Аз тахаллус мефизояд ҳусну маънои ғазал,
Дар ғазалҳоям муносиб номи Маҳзун дидаам.

* * *

Инъоми муҳаббат – дили дилдода гирифтам,
Осон нагирифтам, дилу ҷон дода гирифтам.
Бар шӯҳрати ман рашк мабар ҳамчу сабукфикр,
Бо ранҷи гарон хеста – афтода гирифтам.
Барбод шудам, з-аҳли сухан дур фитодам,
Дар ҷамъияти бодию дун бода гирифтам.
Умр аст чу маъшуқаи маккора фиребо,
Аз содагии хеш варо сода гирифтам.
Бар фисқ кашиданд маро подаи фосиқ,
Ҳарчанд, ки худ дур аз ин пода гирифтам.
Маҳзун, ғазали ишқи ту подоши азоб аст,
Якпоя ба поси ғамаш истода гирифтам.

* * *

Бо ғаму дарди дилам ҳар шаб ғазалбозӣ кунам,
Бо аҷал дастогиребонам, аҷалбозӣ кунам.
Қудсиям, дар фикри таъмири ҷаҳон афтодаам,
Хокбозе нестам, охир, маҳалбозӣ кунам.
Мегурезам бар паноҳи ишқ аз макри замон,
То ба бедардон наолоям, дағалбозӣ кунам.
Дилшиносу роздоне хоҳаму савдои май,
То ки аз асрори дил радду бадалбозӣ кунам.
Баҳси шеъри мо ба маҳфил нест ҷуз ғавғои ҳеҷ,

Шеъри Ҳофиз хонаму тарки мағалбозӣ кунам.
Вақти бозӣ нест, Маҳзун, дар ғаниматгоҳи умр,
Хушгуҳар ёре дарояд дар бағал, бозӣ кунам.

* * *

Омадам бар даҳр бо номи сухан,
Бахш бар ман, ё раб, илҳоми сухан.
Дар дилам меҳри сухан гардон қавӣ,
Ошиқам кун бар дилороми сухан.
Дар забонам лаҳзаи изҳори дил
Пухта гардон шеваи хоми сухан.
Боли парвозам бидеҳ, то ки барам
Кӯй то бар кӯй пайғоми сухан.
Орзуи каъбаи дил кардаам,
Бастаам бар хеш эҳроми сухан.
Тангдастам гарчи андар зиндагӣ,
Лек мастам аз майи ҷоми сухан.
Шамъи маҳфилҳост шеъри содаам,
Медамад субҳи ман аз шоми сухан.
Мекушад,Маҳзун, маро шеъри баланд,
Мемурам афтода аз боми сухан.

* * *

Маҳзун, хабар аз ном аз оғози ғазал кун,
Пероҳани пешин бификан, ҷома бадал кун.
Бар хотири ҳар қофияе жож мапардоз,
Дар шеър ба пайроҳаи мақсуд амал кун.
Аз дард бизан ҳарф, чу май гарчи бувад талх,
Аз ишқ сухан хубу гуворо чу асал кун.
Торик магӯ фикр чу он фазлфурӯшон,

Хуршедсифат бар карами нур ҷадал кун.
Нохуб бувад ҳузн ба анҷоми ҳадисат,
Маҳзун, хабар аз ном аз оғози ғазал кун.

* * *

Эй ки дорӣ чашми бехоби сухан,
Мерасӣ бар мулки шодоби сухан.
Сарбаланди базму маҳфилҳо шавӣ,
Эй ки дорӣ тоқату тоби сухан.
Аз паси оинаи шеъри аҷам,
Дарс бишнидам ман аз боби сухан.
Ҳамчу тутӣ дида акси хешро,
Гаштаам, инак, шарафёби сухан.
Субҳ шамси шеър аз ҷонам дамад,
Шоми ман равшан зи маҳтоби сухан.
Эй ки дорӣ маҳфили моро ҳавас,
Бигзар аввал дарси одоби сухан.
Аз чунин ашъор, Маҳзун, ор кун,
Саҷда овар пеши арбоби сухан.

* * *

Эй дил, маро дар ишқи бутон мубтало макун,
Худро фидо ба ишваи ҳар бевафо макун.
Бошад сароб чашмаи чашмони хубрӯ,
Эй ташнаҷони ишқ, ба худ о, хато макун.
Холи лабаш нигораи фанд аст, дил мабанд,
Ҷонро асиру банд ба доми бало макун.
Дидори ёри каҷназар, оре, ҷаҳаннам аст,
Моро дучори каҷнигаҳон, ай Худо, макун.
Аз ранҷи хеш ҷӯй саодат, фасона аст,

Бовар дигар ба сояи боли ҳумо макун.
Рӯзӣ мисоли боз зи авҷи талош ҷӯ,
Одат ба ризқи муфт чу мурғи саро макун.
Доми фиреб аз раҳи Маҳзун бигир зуд,
Мо зиракем, ҳиллагариҳо ба мо макун.

* * *

Эй дил, чу ёр хост туро, азми роҳ кун,
Рав ҷони худ нисор ба чашми сиёҳ кун.
Аз мардумон гурез, ки номардумон буванд,
Рав гулнигаҳ ба мардуми он гулнигоҳ кун.
Дар базми аҳли дил чу яке каҷдиле расад,
Вайро надида гиру қадаҳро паноҳ кун.
Пиронасар чу дил бидиҳӣ, иштибоҳ нест,
Гар ишқ иштибоҳ бувад, иштибоҳ кун!
Маҳзун, зи ҳузни шеъри ту дил шод мешавад,
Шодони ғамрасони касонро табоҳ кун!

* * *

*Барои Саидҷон Ҳакимзода*

Ман намеорам дигар тоби сухан,
Гап мазан бо ман ту аз боби сухан.
Шоиронро фаҳшгӯӣ гашт расм,
Сард шуд бозори одоби сухан.
Рӯзу шаб эй бас бихӯрдам печутоб
Дар раҳи пурпечу пуртоби сухан.
Эй басо дар зиндагӣ раҳгум задам,
То биёбам дурри ноёби сухан.
Васф кардам мунъимони мастро,
Гӯшнамасти нону аз оби сухан.
Хор бар ҷонам халад, чун бингарам

Хоргаштанҳои арбоби сухан.
Кард, Маҳзун, ин алам савдоиям,
Аҳли савдо гашт асҳоби сухан.

* * *

*Ба раққосаи хушхиром Хайринисои Ватан*
Чарх бизан ҳамчу тазарви чаман,
Ҷилва бидеҳ домани гулпераҳан.
Сарв туӣ, лек хиромон ба ноз,
Ноз писандад ҳама аҳли сухан.
Химчаи нозуки миён тоб деҳ,
Тоб хӯрад ҳар нафасам дар бадан.
Нуру зиё бахш зи моҳи рухат,
Ханда бикун, шӯъла ба ҷонам фикан.
Даст бияфшону сабук пой кӯб,
Чашм бигардону ба ҳам миҷҷа зан.
Ҳузну алам дур зи Маҳзун бикун,
Хайринисо, Хайринисои Ватан!

* * *

З-он даме, ки гаштаам ёри сухан,
Ман гирифторам, гирифтори сухан.
Мубталои ишқи шеърам кун, Худо,
Беш гардонам дилафгори сухан.
Кам кун аз дӯшам ту бори зиндагӣ,
Хам занам бигзор аз бори сухан.
Аз сухан кам дидаам айшу рифоҳ,
Беш дидам ранҷу озори сухан.
Мехарам бо нархи ҷон ранҷи варо,
То нагрworld кам харидори сухан.
Лоф, Маҳзун, кам зан аз ашъори хеш,

Кост аз шеъри ту бозори сухан.

* * *

Чаро хобӣ, эй дил, ба умри равон,
Рамақ монда оё туро аз равон?
Азоне, ки гӯяд муаззин ба субҳ,
Бувад бонги реҳлат, сабақ гир аз он.
Хазон чун биорад ба ҷонат ҳуҷум,
Ба ҷаҳде зи ҷонат хазонро хазон.
Нашояд гирифтан ба пул обрӯ,
Бувад нози мансабхарон бо харон.
Ба ҷуз Ҳақ кӣ тонист ислоҳи бад,
Бадонро бубояд супурдан бад-он.
Чу Маҳзуни огаҳ чунон гӯ сухан
Ҳама хуфтагони ҷаҳонро ҷаҳон.

* * *

Дили ойина тапад дар дили соҳибназарон,
Олам афсона бувад дар нигаҳи бохабарон.
Неши хору шаби тору сари дор аст базеб,
Бояд омӯхтан идрок зи тасвиргарон.
Вожаи рашку ҳасад, кинаву озор маҷӯ,
Нест дар сафҳаи қомуси дили хушгуҳарон.
Ин ҷаҳон зеб ба Ақлу ба Фаросат дорад,
Набувад беш вагарна зи чарогоҳи харон.
Лаззати ҳаҷру фироқу ғаму сабр аст муҳол,
Сухан аз ишқ магӯ дар гузари беҷигарон.
Ҳамчу Маҳзун зи ғами ишқ агар маст шавӣ,
Айши ҷовид биёбӣ ту зи умри гузарон.

* * *

Додиям ризқи нафас бас зи ҳавои дигарон,
Ай Худо, ҷон биканам баҳри сафои дигарон.
Чархи гардун чу ба сози дили ман тоб нахӯрд,
Кардаам рақс ба созу ба навои дигарон.
Оқил аз маҳфили нопокдилон пок равад,
Панд гирад зи гуноҳу зи хатои дигарон.
Шодам, ин гиряву худкостанам нест абас,
Сӯхтам шамъсифат баҳри зиёи дигарон.
Шеъри Маҳзун, ки давои дили ушшоқ бувад,
Дарди худ гуфт, вале гуфт барои дигарон.

* * *

Аз пушти мо чу соя куҷо меравӣ? Марав!
Дар сар ҳавои шӯҳрати мо меравӣ, марав.
Донӣ, ки нест соя ба даҳр офтобро,
Эй бехабар, ба коми фано меравӣ, марав.
Мо оташему қисмати мо сӯзу оташ аст,
Эй муддаӣ, ба доми бало меравӣ, марав.
Зӯри абас мазан, ки зи он бишканад миён,
Ранҷи ба рашк меравадат бар ҳаво, марав.
Аз меҳру ишқи пок сафо ёфт ҷони мо,
Бо кина чун ба кӯи сафо меравӣ? Марав!
Ойинасон зи пушти сияҳ нест нури мо,
Бо он қафои тира қафо меравӣ, марав!
Мастии мо ба олами пастӣ намебарад,
Майхорагӣ макун ту, ба кори хато марав.
Маҳзун зи лутфи Ҳақ ба сухан комгор шуд,
Аз рашку кин масӯз, алайҳи Худо марав!

* * *

Хез, эй дил, ба пешвози субҳ,
Рози дил гӯй пеши нози субҳ.
Наргисе маст бин чу чашми ёр,
Рағми хоб аст эътирози субҳ.
Ҳамчунон андалеб нағма бисоз,
Нағмаи шӯху дилнавози субҳ.
Шеъри Ҳофиз каломи раббонист,
Хон варо ҳамчунон намози субҳ.
Гавҳари шеър ҳамчу шабнам рез,
Бар варақ чун ба гул – тирози субҳ.
Шеърҳоят сафои рӯҳнавоз
Ёфт, Маҳзун, зи имтиёзи субҳ.

* * *

Дар сар ҳавои ризқи ҳавоӣ,
То чанд ҷӯӣ оши худоӣ?
Ношукри неъмат, ношукри қисмат,
Нолон ба пеши дорову боӣ.
Бечораҳол аз бечоранолӣ,
Эй вой-воӣ, эй вой-воӣ.
Аз фитрати ту шармам биёяд,
Ё раб, наёбӣ нон бо гадоӣ.
Кун тарки одат, ёбӣ саодат,
Омӯз тоқат з-аҳли зиёӣ.
Аз моли олам, аз бешу аз кам
Дигар махӯр ғам, гар ёри моӣ.
Бехона Маҳзун, дилро макун хун,
Ганҷию зеби вайронаҳоӣ.

* * *

Навбаҳор омадааст,эй дили ман, чун бошӣ?
Дар чаман лола шукуфтаст, чаро хун бошӣ?
Дӯстон давра гирифтанд ба базми гулу май,
Хуш набошад, ки ту аз доира берун бошӣ.
Умр дарёб, машав чира ба молу зару сим,
Рафтанат бояд, агар Хусраву Қорун бошӣ.
Дар раҳи ишқ ҷунунмашрабии Қайс омӯз,
Написанданд ба фазл арчи Фалотун бошӣ.
Гиряву хандаи Наврӯз аҷаб зебояст,
Боядат ҳар нафаси умр дигаргун бошӣ.
Шод бош,эй дилу ин гуфтаи Хофиз бипазир:
«Ҳеҷ хушдил написандад, ки ту Маҳзун бошӣ».

* * *

Эй дилбахурӯшовари танноз, куҷоӣ?
Ҷонам ба лаб омад зи ғамат боз, куҷоӣ?
Бемории қандам ман аз ин қанди фаровон,
Эй умри маро талху забунсоз, куҷоӣ?
Дар хонаи мо хест зи ту шӯри қиёмат,
Ошӯбгари хонабарандоз, куҷоӣ?
Гуфтам, ки ниҳонӣ зи ҳама ишқи ту варзам,
Овоза шуд охир, бидеҳ овоз, куҷоӣ?
З-он рӯз, ки кардӣ ту маро мунтахаб, эй ёр,
Монданд ҳама бо даҳани воз, куҷоӣ?
Бадхоҳи маро шод макун, дур машав, дур,
Ҷонаш зи ҳасад сӯхта бигдоз, куҷоӣ?
З-он пеш, ки охир шавад афсонаи Маҳзун,
Афсонаи нав, ишқи нав оғоз, қуҷоӣ?

* * *

Сабрам ба фиғон аст, дилором, куҷой?
Боз ову биёвар ба дил ором, куҷой?
Бадномии ишқи ту таманност диламро,
Бе ишқ наарзад ба ҷаве ном, куҷой?
Пои дили ман хун бишуд аз пушти дили ту,
Афтод зи по, то ки шавӣ ром, куҷой?
Бе шеъри чу шаҳди лаби ту талх бувад умр,
Ширинлаби шӯхи шаккаринком, куҷой?
Рӯзӣ набувад рӯз маро дидани рӯят,
Эй рӯзи ман аз дасти ғамат шом, куҷой?
Бахшид ба Маҳзуни ту фар ҷоми лабонат,
Лабро ба лабам неҳ дами фарҷом, куҷой?

* * *

Кӯш бо аҳли дилу аҳли хирад ёр шавӣ,
К-аз сабукбории афкор бас афгор шавӣ.
Дари иқбол шавад боз ба ангушти амал,
Эй гаронхоб, ба идбор гирифтор шавӣ!
Эй ҷавонӣ, ба садо ой чу дорӣ нафасе,
Умр чун сабти садо нест, ки такрор шавӣ.
Эй дили хуфта, гарам умр ба беҳуда гузашт,
Сабз гардам ба хазон низ, чу бедор шавӣ.
Гарчи айёми гулу маҳфили аҳбоб хуш аст,
Ончунон беш махӯр май, ки дилозор шавӣ!
Сабр хуб асту қаноат хушу бишкастани нафс,
На ба ҳадде, ки ба дӯши дигарон бор шавӣ.
Дастгирӣ мабар аз ёд, фалакгир шудӣ,
То бигиранд туро даст, нагунсор шавӣ.
Эй ҳавасбоз, маҳи хонаи худ ёд биёр,

Мадеҳ аз даст, ки раҳгумзадаву хор шавӣ.
Маҳзун ар талъати нур аст, мабар рашк ҳасуд,
Аз раҳи нор ба ин нур сазовор шавӣ.

* * *

*Барои Алимуҳаммад Муродӣ*

Зиҳӣ шеърат, зиҳӣ шеърат, Муродӣ,
Ки хандад бар ғаму гиряд ба шодӣ.
Китоби мо нахонад кас, валекин
Барад аз ку ба ку дардат мунодӣ.
Ба роҳи рафтаи кас по намондӣ,
Ба сӯи олами худ раҳ кушодӣ.
Туро аз обу оташ офариданд,
Миёни ин ҳама хокиву бодӣ.
Кашад пеши ғамат Маҳзун хиҷолат,
Ки ту ғамкуштагонро устодӣ.

## ҒАЗАЛИ ФИРОҚ

*Барои рӯзноманигори ормонӣ Айюби Неъмат*

Дил мешукуфт, дӯст, зи фазли ту боғ-боғ,
Чун лола дар фироқи ту гардид доғ-доғ.
Дар ин чаман, ки нузҳати қавмаш бихостӣ,
Каргас бикард манзилу дорад фароғ зоғ.
Ҷон баҳри нур дода ту, моем арҷманд,
Пас аз ғуруби шед шавад мӯътабар чароғ.
Паст аст хоки одамӣ, эй войи одамӣ,
Бархокрафтаро накунад аз дигар сороғ.
Дар хоб бо мазоҳ ба ман ҳарф мезадӣ,
«Маҳзуни шод, аз ту ҳаме сӯзадам димоғ».

## ҒАЗАЛИ ҒАРИБӢ

Эй ҷон Ватан, канори туро ёд мекунам,
Сарсабз навбаҳори туро ёд мекунам.
Ҳарчанд рӯи сабзаву гул пой мениҳам,
Ман сангу хоку хори туро ёд мекунам.
Истодаӣ ду чашм ба раҳ, модари азиз,
Он чашмҳои чори туро ёд мекунам.
Мафтуни ёди чашму нигоҳи ту мешавам,
Чашмони пурхумори туро ёд мекунам.
Эй Давлат[1], аз садои хушат маст мешудам,
Хуш нағмаҳои тори туро ёд мекунам.
Эй марг, дар Ватан агарӣ интизори ман,
Дидори интизори туро ёд мекунам.
Хун мечакад зи дидаи Маҳзун ба ёди ту,
Эй ҷон Ватан, канори туро ёд мекунам.

## ҒАЗАЛИ ОШТӢ

Баччаҳои тирабахти Тоҷикистонем мо,
Қадри модар чист? Эй ёрон, намедонем мо.
Хилқати ноаҳл кашталгири ҷаҳли мо бувад,
Бо бародарҳои худ дастогиребонем мо.
Чун каси бадрӯзи аз модар дуъонагрифтае,
Пеши ҳар шебу фарози умр сарсонем мо.
Аз сурури сурати мо сирати мо хун шавад,
Кӯчахандонем, аммо, хонагирёнем мо.
Боиси ранҷи бародар, доғи модар гаштаем,
Тоҷикистон, бахш моро, сад пушаймонем мо.

[1] Давлатманди Хол дар назар аст.

Ояте бар лаб зи сулҳу оштӣ ойӣ агар,
Сар ба пойи бонамозат, дӯст, мемонем мо.
Шеър, Маҳзун, овар аз сулҳу сафову дӯстӣ,
То ки аз меҳру вафо дигар ғазал хонем мо!

## ҒАЗАЛИ ВАҲДАТ

Бахт механдад ба истиқболи мо,
Мешукуфад ғунчаи иқболи мо.
Меҳр миллатро ба ваҳдат оварад,
Ҳифз созад ваҳдат истиқлоли мо.
Оли Сомон аз ҷудоӣ шуд хароб,
Дарс бошад саргузашти оли мо.
Мекушад моро ба дасти мо рақиб,
Эҳтиёт аз душмани бадфоли мо.
Ҳарфи ваҳдат беш гуфтем, ай Худо,
Қоли моро васл кун бо ҳоли мо.
Меҳр гар дорему сулҳу дӯстӣ,
Мурғи хушбахтӣ шавад ҳамболи мо.
Рӯҳи Исмоили Сомонӣ, бубин
Орзуи хеш дар омоли мо.
Тоҷикистон ваҳдатистон мешавад,
Мешукуфад гулшани иқболи мо.

## ҒАЗАЛИ ТАҚДИР

*(Ба ифтихори 15-умин солгарди Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии ҶТ)*

Эй муждаи озодӣ, Иҷлосияи тақдир,
Эй тантанаи шодӣ, Иҷлосияи тақдир.
Бо васвасаи Шайтон мо нест ҳамегаштем,
Моро ту зи нав зодӣ, Иҷлосияи тақдир.

Аз ҳар тарафе душман мебаст раҳи моро,
Сад банд ту бикшодӣ, Иҷлосияи тақдир.
Эмомалии Раҳмон аз баҳри наҷот омад,
Ӯро ту ба мо додӣ, Иҷлосияи тақдир.
Аз рӯзи баду сахтӣ, бар олами хушбахтӣ
Ӯ гашт ба мо ҳодӣ, Иҷлосияи тақдир.
Сулҳ аст шиори ӯ, ҳақ ҷумлаи кори ӯ,
Бошад пайи ободӣ Иҷлосияи тақдир.
Хурсанд зи ту Маҳзун, васфат бикунад афзун
Дар арсаи эҷодӣ, Иҷлосияи тақдир!

## ҒАЗАЛИ ҶАШН

Мерасад хуш паёми Сомонӣ
З-аҳди воломақоми Сомонӣ.
Тоҷикистон ҳамешавад обод
Бонизом аз низоми Сомонӣ.
Сабзаи ифтихор рӯёнад
Мазраи эҳтироми Сомонӣ.
Майсаи эътибор сабзонад
Хоки поки каломи Сомонӣ.
Сулҳу ваҳдат шиор бояд кард,
Гар бихоҳӣ давоми Сомонӣ.
Эй ки номаш бузург медорӣ,
Зинда монӣ зи номи Сомонӣ.
Шод аз ҷашн ин замон Маҳзун
Мерасонад саломи Сомонӣ!

## ҒАЗАЛИ МАВЛУД

Эй нексиришти меҳрбунёд,
Эй меҳру муҳаббати худодод.
Мавлуди ту баҳри мо азиз аст,
Ин рӯз туро ба мо Худо дод.
Аз файзи қудумат, эй шарафманд,
Шуд маҳфили мо муҳаббатобод.
Лабханди ту гашт хандаи бахт,
Эй меҳрфизои бахтэҷод.
Фархундагибахши умри моӣ,
Бошӣ ҳама умр хурраму шод.
Шод аст зи шодии ту Маҳзун,
Ин ҷашни накӯ муборакат бод!

## ҒАЗАЛИ ШУКРОНА

*Барои Низом Қосим*

Сад шукр, ки мо Низом дорем,
З-ӯ мактаби интизом дорем.
Ҳамрози фариштаи самоем,
Гарчи ба замин мақом дорем.
«Май нӯш, вале диле маранҷон»-
Аз арш чунин паём дорем.
Дар майкада ҷайбнотавонем,
Пур аз майи шеър ҷом дорем.
Парҳез зи ҳарфи зишт бо мо,
Аз боби адаб калом дорем.

Онро, ки суханпараст бошад,
Аз ҷону дил эҳтиром дорем.
З-ӯ пухтасухан шавем, Маҳзун,
Ҳарчанд, ки шеъри хом дорем.

## ҒАЗАЛИ НАВРӮЗ

Хуш мужда медиҳад бод: Наврӯз мерасад боз!
Мурғон кунанд фарёд: Наврӯз мерасад боз!
Чун ёраки гуландом хандид шохи бодом,
Бар даҳр чашм бикшод, Наврӯз мерасад боз!
Аз даҳшати зимистон будем чун ба зиндон,
Гаштем шоду озод, Наврӯз мерасад боз!
Гарчи чароғ куштанд, моро фароғ куштанд,
Бигзашт доду бедод, Наврӯз мерасад боз!
Қалби зи ҷонгузашта, ҷони харобгашта
Обод гашт, обод, Наврӯз мерасад боз!
Аз нав фароғ омад, ишқе суроғ омад,
Эй дил, муборакат бод, Наврӯз мерасад боз!
Сардӣ гузашт, ҷонам, танҳо дигар намонам,
Эй қисмати худодод, Наврӯз мерасад боз!
Хонад тарона Маҳзун бо шавқу шӯри афзун,
Рақсед, аҳли эҷод, Наврӯз мерасад боз!

# АЗ КИТОБИ «МУНОҶОТ»

*Дило, дар мулки шабхезӣ гар аз андӯҳ нагрезӣ,*
*Дами сӯҳбат башоратҳо биёрад з-он диёр охир.*
*Ҳофиз.*

## ҲАРИМИ РОЗ

Манам Маҳзун, ҳазан дорам, Худоё,
Хиҷил аз хештан дорам, Худоё.
Зи пушти Одамам, ин ҷо ғарибам,
Ҳавас бар он Ватан дорам, Худоё.

Худовандо, маро фахре зи ман нест,
Фароғат андар ин дорулҳазан нест.
Зи фирдавси баринам тард кардӣ,
Нидои ҷон ба ҷуз ҳуббулватан нест.

Агар бинам нигоҳи пурфани зан,
Набитвонам балои нафс куштан.
Зи зебоӣ нагаштам сер, ё Раб,
Чӣ хоҳад шуд намозу рӯзаи ман?

Равонам додаӣ баҳри амонат,
Ки покаш парварам – дорам замонат.
Ба нопокон маёлоям, Худоҷон,
Ки н-афтад дар амонат то хиёнат.

Худоё, пок гардон гавҳари дӯст,
Ки бошам то қиёмат дар бари дӯст.
Бувад нокастарин ёр, он ки дорад
Нигоҳи бад ба байту ҳамсари дӯст.

Чаро дар байни ин камфитрате чанд
Бикардиям асиру пойдарбанд.
Маро з-ин чанду банди худ раҳо кун,
Ки пар гирам ба сӯят, ай Худованд.

Худовандо, ба неконам бипайванд,
Раҳонам аз бадию фитнаву фанд.
Зи покон ғайри ту дигар надорам
Азизе дар ду олам, ай Худованд!

Худовандо, ба номат саҷда орам,
Ки ишқу меҳрро кардӣ шиорам.
Надорам ҳирси молу рашк бар кас,
Ба даст овардани дилҳост корам.

Худоё, пеши мардон дар суҷудам,
Ҳамеша пайрави асҳоби ҷудам.
Агар бо заррабин сад сол кобанд,
Набошад ҷуз футувват дар вуҷудам.

Футувват ҷавҳари мардони пок аст,
Футувват зевари мардони пок аст.
Бувад нодиртарин сарват футувват,
Ки танҳо дар бари мардони пок аст.

Фиристон ёри дилпоке ба пешам,
Ки байни кинахоҳон синарешам.
Ба покон гар маро ҳамдам насозӣ,
Худовандо, бихон бар сӯи хешам.

Бидорам дӯст мардони Худоро,
Занони покдину порсоро.
Вале бо бедилон як дам нахоҳам,
Худовандо, биҳишти босафоро.

Бузургон неку бад санҷида рафтанд,
Гули мақсудашонро чида рафтанд.
Бидида ҷанги мазҳабҳо, Худоё,
Ба ҳоли зори мо хандида рафтанд.

Бузургон кардаанд эъмори дунё,
Кашида ғурбату озори дунё.
Қадамҷошон гулистон гашт, ё Раб,
Вале рафтанд дар по хори дунё.

Туро бишносам аз ори бузургон,
Бузургият зи осори бузургон.
Ба сахтӣ озмоӣ меҳри ёрон,
Бифаҳмидам зи озори бузургон.

Касе, ки кард даъвои бузургӣ,
Надорад гарди дунёи бузургӣ.
Бувад, ё Раб, пайи маҳви бузургон,
Чӣ донад худкушиҳои бузургӣ?

Бузургон содаанду хоксоранд,
Дилогаҳро зи худ боло шуморанд.
Зи ҷаҳли муддаӣ миранд, ё Раб,
«Бузургонро бузургон зинда доранд.»

Замонро, ай Худо, эъҷоз додӣ,
Заминро нав ба нав пардоз додӣ.
Бидодӣ рафтагонро ранҷу меҳнат,
Ба мо сад дастгоҳи ноз додӣ.

Будӣ гар Рӯдакиро кампиютор,
Ҷаҳон мегашт аз ашъор саршор.
Агар ин гуна даврон буд, ё Раб,
Намешуд хор Фирдавсиву Аттор.

Ба аҳди Саъдӣ ар тайёра будӣ,
Гулистон сар ба сар сайёра будӣ…
Зи сеҳри шеъри Ҳофиз, ай Худованд,
Ҷаҳон огоҳ аз маҳвора будӣ.

Агар мебуд тилфони муосир,
Зи Юмгон занг мезад зуд Носир.
Ҳамекардем роҳӣ чархболаш,
Ба фармонат, Худо, мегашт ҳозир.

Чу сайти Мавлавиро мекушодӣ,
Ҳамехондӣ суруд аз шавқу шодӣ.
Чунин имкони эъҷозофаринӣ
Чаро, ё Раб, бузургонро надодӣ?

Ҳакими нуктадон – Аллома Иқбол,
Адиби хушбаён – Аллома Иқбол.
Бараҳманзодае, муслимтаборе,
Бувад ҷаннатмакон Аллома Иқбол!

Ҷаҳон бе шеъри воло фар надорад,
Замон ашъори ҷонпарвар надорад.
Бузургон дорад, аммо баъди Иқбол
Бузурги рӯшане дигар надорад.

Чӣ бошад кас, агар дарде надорад,
Зи ишқе заррае, гарде надорад.
Ба дарди ишқ сӯзонам, Худоё,
Каси бедарду ғам мардӣ надорад.

Зи шеъри шоире гавҳар биборад,
Зи шеъри шоире касро нафорад.
Чу ман, ё Раб, касе аз баҳри мардум
Ба марзи шеър ҷавгандум накорад.

Китобе пур зи шеъри дилписанд аст,
Китобе дарза-дарза ҳарзабанд аст.
Чу ноҳамвор тақдирам, Худоё,
Замини шеъри ман пастобаланд аст.

Зи бар кардам фани афсунгариро,
Навову шеваи ҳуру париро.
Худовандо, маёло бо қабоҳат
Забони модарӣ, шеъри дариро.

Яке дар фикри мазмуни баланд аст,
Якеро мақсади андарзу панд аст.
Заминӣ офаридиям, Худоё,
Аз ин рӯ, шеъри ман мардумписанд аст.

Худо, бегонагонро хеш гардон,
Бадонро неку хайрандеш гардон.
Чи бисёранд нопокони ҷоҳил,
Сафи мардони ҳақро беш гардон.

Парастад он яке симу зарашро,
Дигар ҷоҳу ҷалолу минбарашро.
Худо, гумроҳи каҷро раҳнамун шав,
Ки донад қадри байту ҳамсарашро.

Худовандо, Худовандо, Худованд,
Чаро дур афканӣ модар зи фарзанд.
Ба бандафтода рӯзе боз ояд,
Магар ояд Бухоро ё Самарқанд?

Худовандо, Худовандо, Худованд,
Макун бегона модарро ба фарзанд.
Чаро як қавми бефар мезанад ҳанг,
Зи фарҳанги Бухорову Самарқанд?

Худат донӣ,Худо, Маҳзун аз инам,
Ки бо бадҳо кунӣ гаҳ ҳамнишинам.
Аз он мардумгурезу шабпарастам,
Ки рӯи кинахоҳонро набинам.

Бидонам роҳи оқилро муқаддас,
Азобу ранҷи мушкилро муқаддас.
Худоё, дар шумори қудсиётат,
Шуморам каъбаи дилро муқаддас.

Худовандо, зи нафси бад нигаҳ дор,
Зи баднафси чу деву дад нигаҳ дор.
Касе, ки бо саги нафс аст анбоз,
Зи роҳи бад намегардад, нигаҳ дор.

Худоё, ишқро гардон шиорам,
Ба покони ҷаҳон кун беш зорам.
Бигардон каъбаи дилро насибам,
Ки ман имкони ҳаҷ рафтан надорам.

Худовандо, маро аз ғам раҳо кун,
Ҷудо аз маҳфили аҳли риё кун.
Тани танҳо бимонам бо дили худ
Ва ё бо ҳамдилонам ошно кун.

Худоё, ақл бар дарвеш додӣ,
Зару сарват ба бадандеш додӣ.
Фиребу фитнаву бухлу риёро,
Миёни аҳли масҷид беш додӣ.

Надидам, ай Худо, инсони комил,
Хирад ҷоҳил надорад, ганҷ – фозил.
Ҷавонмардон басо дидам сияҳбахт,
Чи бисёр аст хушбахти сияҳдил.

Худо, осон бигардон мушкиламро,
Маёло бо бадӣ обу гиламро.
Магардонам дучори кинаварзон,
Зи каҷдилҳо ҳимоят кун диламро.

Яке дод, ай Худо, дашноми талхам,
Ки ту аз Хуталону ман зи Балхам.
Ҳама аз миллати худ сарфарозанд,
Сари тоҷик з-ин дарди маҳал – хам.

Маро аз чӣ, Худо ҷуз ғам надодӣ,
Нишоту айш дар олам надодӣ?!
Миёни қавмҳои тоҷбефар
Бикардӣ тоҷику тоҷам надодӣ.

Худовандо, бикун аз кина дурам,
Зи кибру аз ғурури нозарурам.
Ба покони ҷаҳонам соз ҳамдам,
Намозӣ кун дилу ақлу шуурам.

## ИШҚИ ҶОНСӮЗ

Муҳаббат ҳалқаи пайванди умр аст,
Муҳаббат фанди умру панди умр аст.
Чашон банни башар з-ин заҳри ширин,
Худовандо, муҳаббат қанди умр аст.

Набошад хуш ҷавонӣ бе муҳаббат,
Нагардад ёр ҷонӣ бе муҳаббат.
Макун холӣ дилам аз ишқ, ё Раб,
Нахоҳам зиндагонӣ бе муҳаббат.

Хама сӯзам, ҳама оҳам муҳаббат,
Шукӯҳу мансабу ҷоҳам муҳаббат.
Бигардонӣ гар аз сар чархи умрам,
Худоё, аз ту мехоҳам муҳаббат.

Худоё аз куҷо омад муҳаббат,
Ба қасди ҷони мо омад муҳаббат.
Ба зери кӯҳи ғам бифшурд дилро,
Ба монанди бало омад муҳаббат.

Манам як ошиқи дилхун, Худоё,
Ба ҳаҷри ёр чун Маҷнун, Худоё.
Ба Маҷнун васли Лайлиро надодӣ,
Аз ин ғам гаштаам Маҳзун, Худоё.

Яке сабзинаи шириншамоил
Диламро бо нигоҳе кард моил.
Чу ман дар ишқ сӯзонаш, Худоё,
Бигардад то ба зӯри ишқ қоил.

Бигуфтам: «Об!». Обам дод духтар,
Ба сад нозу итобам дод духтар.
Асири чашми ӯ гаштам, Худоё,
Нашуд моил, азобам дод духтар.

Бидорам дилбари деринаро дӯст,
Ҳамон ширинлаби бекинаро дӯст.
Худоё, сабз гардон нахли ҷонам,
Ки дорам шӯхаки сабзинаро дӯст.

Худоё, ёрро дилсард кардӣ,
Дилу ҷони маро пурдард кардӣ.
Чаро ӯро нагардондӣ насибам,
Маро Маҳзуну танҳогард кардӣ.

Маро куштаст чашмонаш, Худоё,
Нигоҳи гарму фаттонаш, Худоё.
Агарчанде ки ношукрӣ зи ман кард,
Кунам шукронаи ҷонаш, Худоё.

Худоё, бе ғамаш як дам набошам,
Даме бе ёди ӯ хуррам набошам.
Агарчанде ки кардастам фаромӯш,
«Фаромӯшаш кунам, одам набошам.»

Аз ӯ хушчеҳртар дигар надидам,
Аз ӯ пурсеҳртар дигар надидам.
Варо Меҳрист ном, аммо, Худоё,
Зи ӯ бемеҳртар дигар надидам.

Ба ҷонам сад ҷафо кардӣ, Худоё,
Ки бо ӯ ошно кардӣ, Худоё.
Дили пурмеҳрро хуншор, хуншор,
Зи ёри бевафо кардӣ, Худоё.

Худоё, зиндагиям барабас рафт,
Ҳама ганҷи дилам дар як нафас рафт.
Умеду ормони меҳрҷӯям
Пайи ҷодунигоҳи булҳавас рафт.

Куҷо шуд, ай Худо, Парвинаи ман,
Нигаҳҷодуи ман, сабзинаи ман.
Худоё, овараш, зуд овараш, зуд,
Ки метаркад зи ғусса синаи ман.

Аҷаб номеҳрубон дорам, Худоё,
Ғами ишқаш ба ҷон дорам, Худоё.
Бикун меҳри маро ҷо дар дили ӯ,
Вагарна сад фиғон дорам, Худоё.

Маро додӣ аҷаб ёре, Худоҷон,
Аҷаб шӯхи ситамгоре, Худоҷон.
Диламро додамаш бигрифту бигрехт,
Расон ӯро ба ман боре, Худоҷон.

Худоҷоно, Худоҷоно, Худоҷон,
Ба номи поки ту бодо фидо ҷон.
Маро ёре чу ҷон бар тан бидодӣ,
Чаро хоҳӣ бувад аз тан ҷудо ҷон?!

Худовандо, Худовандо, Худованд,
Чӣ хуш дар доми ишқам кардаӣ банд.
Чаро додӣ фақат бар ман садоқат,
Ба ёри пурҷафоям фитнаву фанд.

Шабон гаҳ-гоҳ мебинам ба хобаш,
Лаби хандон, рухи чун моҳтобаш.
Намесозам варо, ё Раб, фаромӯш,
Барам то гӯр ишқи пуразобаш.

# АЗ ДАФТАРИ МУХАММАС

## ПАЁМИ ҚУДС

Нисфи умрам рафт гарчи барҳадар,
Нест холӣ сина аз шӯру шарар.
Боғ андар тирамаҳ орад самар,
Ишқ дар пирӣ бувад пурсӯзтар,
Ҳамчу шер оям ба майдони ҳунар!

Жожгӯиро дигар бас мекунам,
Ҷаҳд бар гуфтори дилрас мекунам.
Панҷ даркамро мухаммас мекунам,
Шеърро ганҷи муқаддас мекунам,
Дафтарамро мекунам пур аз гуҳар.

Чашм пурнур аз басорат кардаам,
Гӯшро дур аз ҳақорат кардаам.
Шомаро пок аз кароҳат кардаам,
Завқу ламсамро таҳорат кардаам,
Ёбам аз дунёи покон то хабар.

Раҳ нарафтам чун радиф аз пушти кас,
Чун сутурон пушти овози ҷарас.
Нест парвозам чу парвози магас,
Ҳаст рӯҳам бо бузургон ҳамнафас,
Бо нигоҳи дил ба ашъорам нигар.

Гар мухаммас бастаам бар рафтагон,
Бастаам бар шеъри оливу равон.

Кам накардам қимати ашъорашон,
Дардашон бо ранҷ бисриштам ба ҷон,
То сафои шеър гардад бештар.

Бар диёри шеър бебок омадам,
Чун паёми қудс бар хок омадам.
Бо сафои ақлу идрок омадам,
Покбозам, бо дили пок омадам,
Аз дили нопок, Маҳзун, алҳазар!

## ИШҚИ БЕВАФО

*Мухаммас бар ғазали устод Рӯдакӣ*

Бирав омӯз, эй дил, ҳар фанеро,
Ба тан аз илм кун пероҳанеро.
Сафо аз хеш бахшо гулшанеро,
Дило, то кай ҳамеҷӯӣ манеро,
Чӣ дорӣ дӯст ҳарза душманеро?

Гиртфторӣ ба дарди бедавое,
К-аз он ғам нест уммеди раҳоӣ.
Набошад ишқи хубонро бақое,
Чаро ҷӯӣ вафо аз бевафое,
Чӣ кӯбӣ беҳуда сард оҳанеро?

Туро кӣ гуфт моил бар хатар шав,
Равон аз пушти он ҷодуназар шав.
Биё, вақт аст, з-ин савдо бадар шав,
Дило, з-ин барзани нороҳ бар шав,
Ки дар оташ нишонӣ барзанеро.

Туро бошад ҷалолеву шукӯҳе,
Чу як вомонда аз киштии Нӯҳе,
Манам дилхаставу афтодарӯҳе.
Дили ман арзане, ишқи ту кӯҳе,
Чӣ сой зери кӯҳе арзанеро.

Биё, Маҳзун, шунав ақли закиро,
Гузор андешаҳои кӯдакиро.
Бидидӣ дар ҷаҳон фархунда киро?
Биё, инак, нигаҳ кун Рӯдакиро,
Агар беҷон равон хоҳӣ танеро.

## ТО КАЙ?

*Мухаммас бар ғазали Низомии Ганҷавӣ*

Аз аввал кардаӣ мафтунам, эй дӯст,
Намехоҳӣ чаро акнунам, эй дӯст?
Наям дигар, ҳамон Маҳзунам, эй дӯст,
Агар пурсӣ, ки чунӣ, чунам, эй дӯст,
Ҷигар пурдарду дил пурхунам, эй дӯст.

Биё, инсоф аз баҳри Худо кун,
Табиби ҷони ман, дардам даво кун.
Илоҷи ғуссаи беинтиҳо кун,
Ҳадиси ошиқӣ бар ман раҳо кун,
Ту Лайлӣ шав, ки ман Маҷнунам, эй дӯст.

Накардиям ба лутфе як даме шод,
Ба ғамҳои ту умрам рафт бар бод.
Бигӯ, то кай наориям ту бар ёд?
Ба фарёдам зи ту ҳар рӯз, фарёд
Аз ин фарёди рӯзафзунам, эй дӯст!

Шуморӣ ишқро ҳарчанд бозӣ,
Маро з-он бозии дил мегудозӣ.
Манам аз ҷабри ту ночор розӣ,
Шунидам ошиқонро менавозӣ,
Магар ман з-он миён берунам, эй дӯст?

Зи пешам бигзарӣ фархундаву маст,
Биангорӣ маро нодида, бо шаст.
Макун пеши рақибонам ту сарпаст,
Нагуфтӣ, гар биафтӣ, гирамат даст,
Аз ин афтодатар к-акнунам, эй дӯст.

Агарчи аз ғаму дардат ба ҷонам,
Ба гардун мерасад оҳу фиғонам.
Натонам зиндагӣ бе ту, натонам,
Ғазалҳои Низомӣ бар ту хонам,
Нагирад дар ту ҳеҷ афсунам, эй дӯст!

## ПАЙҒОМ

*Мухаммас бар ғазали Адиб Собири Тирмизӣ*

Даме асири сухан гашта бошам, озодам,
Фақат карашмаи илҳом мекунад шодам.

Зи шеъру ҳарфу сухан сохтанд бунёдам,
Агарчи доди сухан дар замона ман додам,
Ситоравор замона намедиҳад додам.

Ба назм аз дами тифлӣ ниёз овардам,
Ғизои шеъри дарӣ кард инчунин мардам.
Ба ҷодаҳои сухан бо ҳавас сафар кардам,
Раҳе намонд зи назми сухан, ки наспардам,
Даре намонд зи шеъри дарӣ, ки накшодам.

Ба лутфи шеъри тарам аз нахуст дил доданд,
Ба ҳар куҷо, ки шудам, қалбу чеҳра бикшоданд.
Чи ҷашнҳо, ки зи ман пуршукӯҳу ободанд,
Ба шеъри ман ҳама аҳли замона дилшоданд,
Чӣ уфтода маро, к-аз замона ношодам?

Агар калиди дари ганҷҳо чу аз сухан аст,
Суханшинос гиромӣ магар ба ин Ватан аст?
Сафои табъи адиб арчи хушсухан будан аст,
Ба назму насри накӯ дар замона ёди ман аст,
Чи кардаам, ки саодат намекунад ёдам?

Зи хок буд гилам, баски хоксор шудам,
Зи обу оташу бодам, ки ҷоннисор шудам.
Зи чор ирс ба некӣ чу ёдгор шудам,
Чу оби дидаву хоки раҳ арчи хор шудам,
Бубин, зи рӯи латофат чу оташу бодам.

Маро, ки ошиқи ҷому шароб мебинӣ,

Ҳамеша шоддилу комёб мебинӣ,
Ба чашми дил нигарӣ, дар азоб мебинӣ.
Агар зи рӯи либосам хароб мебинӣ,
Хароб нестам, аз рӯи фазл ободам.

Агарчи маст маро дидаӣ, мабин мастам.
Баландор манам, аз куҷо забардастам?
Алайҳи ғуссаи олам ба бода пайвастам,
Аз он гаҳе ки қадам дар ҷаҳон ниҳодастам,
Ба коми худ қадаме шодмона нанҳодам.

Касе ба қуллаи мақсад намерасад осон.
Наёфт ҳеҷ касе шаъну обрӯ арзон.
Ба авҷи шӯҳрати ман, ҷони ман, машав ҳайрон,
Агарчи пеши ту истодаам чу шогирдон,
Зи роҳи илму ҳунар дар замона устодам.

Сабақ зи ишқу фаросат намедиҳад мактаб.
Агар наяст туро ин ду бахт аз кавкаб.
Манам ба ишқу вафо норасида бар матлаб,
Надида ҳеҷ муроде зи ёри ширинлаб,
Ба Бесутуни ҷафо монда ҳамчу Фарҳодам.

Дило, хамӯш, ки ман хастаам зи гуфтушунуфт.
Зи ҳарфи беш гули орзуи кас нашукуфт.
Адиби род ба Маҳзун зи панди хеш бигуфт:
Чу ҳоли ман зи суруфи ҷаҳон халал пазруфт,
Зи ҳоли хеш хабар дар ҷаҳон фиристодам.

## ҲУШДОР

*Мухаммас бар ғазали Мавлавӣ*

Эй халқи Худо, аз чӣ ҷудоед, ҷудоед,
Аз меҳри Худо омадаед ар, ба худ оед!
Бо номи Худо сураи тавҳид сароед,
Онҳо, ки талабгори Худоед, Худоед,
Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед.

Филҷумла, ки махлуқи вайу бандаи ӯед,
Тарсову мусулмону ҷуҳуд аз чӣ бигӯед?
Дил ҳаст ар, онро зи баду кина бишӯед,
Чизе, ки накардед гум, аз баҳри чӣ ҷӯед?
В-андар талаби гумшуда аз баҳри чароед?

Ҳарчанд зи бодеду гилу оташу обед,
Бо амри вай ободии дунёи харобед.
Ҷаҳл аст фақат душманатон, хасм накобед,
Исмеду ҳуруфеду каломеду китобед,
Ҷабрили аминеду расулон шумоед.

Ин умри ғанимат гузаронед ба некӯ,
Бошед ба ҳам дилшудаву дилбару дилҷӯ.
Ин даҳри муҷаллост чу як хонаи хушрӯ,
Дар хона нишинед, магардед ба ҳар сӯ,
Зеро ки шумо хонаву ҳам хонахудоед.

Эй ошиқи шайдошудагон бар рухи маъшуқ,
Бар тирадилон нест муяссар рухи маъшуқ.
Дар сина бидоред мунаввар рухи маъшуқ,
Хоҳед бубинед рух андар рухи маъшуқ,
Зангор зи оина ба сайқал бизудоед.

Маҳзун, ки парастад раҳи покони тариқат,
Ояд дилаш аз зумраи нопок ба риққат.
Берамз бигуфт ар, шунаваш, дӯст, ба диққат,
Ҳар рамз, ки Мавло бисарояд ба ҳақиқат,
Медон, ки ба он рамз сазоед, сазоед.

## ХУДО НИГАҲ ДОРАД

*Мухаммас бар ғазали Ҳофиз*

Худост дар дили ман, к-ӯ маро нигаҳ дорад,
Зи лутфи ӯст, ки аҳли сахо нигаҳ дорад.
Сафорасони маро дар сафо нигаҳ дорад,
Ҳар он кӣ ҷониби аҳли Худо нигаҳ дорад,
Худош дар ҳама ҳол аз бало нигаҳ дорад.

Паёми аҳди маро хуш бибар ба ҳазрати дӯст,
Ки дар вафош диҳам ҷону сар ба ҳазрати дӯст.
Зи макр то ки наояд хатар ба ҳазрати дӯст,
Ҳадиси дӯст нагӯям, магар ба ҳазрати дӯст,
Ки ошно сухани ошно нигаҳ дорад.

Ба пеши бехабар, эй дил, ту рози дил макшой,
Зи аблаҳон бираҳон ҷон, ба назди ёрон ой.
Чу пой гар бигузорӣ, нахуст мебин ҷой,
Дило, маош чунон кун, ки гар билағзад пой,
Фариштаат ба ду дасти дуо нигаҳ дорад.

Агарки нест туро мӯҳри нафс дар фармон,
Бароти ҳурмату икром медиҳӣ арзон.
Низом дор нигаҳ вақти аҳд бо ёрон,
Гарат ҳавост, ки маъшуқ нашканад паймон,
Нигоҳ дор сари ришта, то нигаҳ дорад.

Ба кӯҳу дашту даман манзили маро бинӣ
Ва бо вуҳуш агар маҳфили маро бинӣ,
Ба шаҳр гар биравӣ, хушгили маро бинӣ,
Сабо, ба он сари зулф ар дили маро бинӣ,
Зи рӯи лутф бигӯяш, ки ҷо нигаҳ дорад.

Худойро биталаб, дил, бубин, ки ёр чӣ гуфт?
Надод бар ғами ишқи ту эътибор, чӣ гуфт?
Даме ки дил бирабуд он накӯнигор, чӣ гуфт?
Чу гуфтамаш, ки диламро нигоҳ дор, чӣ гуфт?
«Зи дасти банда чӣ хезад? Худо нигаҳ дорад»

Бидидаам зи бутон, ай Худо, басо хорӣ,
Фирист баҳри дилам дилбари вафодоре.
Чу ёбамаш пас аз ин ғурбату ситамгорӣ,
Сару зару дилу ҷонам фидои он ёре,
Ки ҳаққи сӯҳбати меҳру вафо нигаҳ дорад.

Чи хуш бикард ба Маҳзун шабон нидо Ҳофиз,
Зи ишқ дод ба ӯ партави вафо Ҳофиз.
Гурезпои варо гуфт гӯиё Ҳофиз:
«Ғубори роҳгузорат куҷост, то Ҳофиз
Ба ёдгори насими сабо нигаҳ дорад».

## ДОМИ БАЛО

*Мухаммас бар ғазали Ҷомӣ*

Эй хандanигоҳи фитнаэҷод,
Умрам ба ғами ту рафт бар бод.
Бо дилшудагони нав дилат шод,
Аз ёри куҳан намекунӣ ёд,
Пеши кӣ кунем аз ту фарёд?

Кардам чу зи бодаи лабат нӯш,
Сад ваъда бидодиям дар оғӯш.
Эй дод, ки кардаӣ фаромӯш,
Фарёди касе намекунӣ гӯш,
Ин шеваи нав муборакат бод!

З-он рӯз, ки бо ту аҳд бастем,
Аз бодаи талхи ишқ мастем.
Умрест агарчи дар шикастем,

Бо давлати бандагит ҳастем
Аз хоҷагии ду олам озод.

Онон, ки фиребхурдагонанд,
Ҷабри ғами ишқи ту надонанд.
Ҳар лаҳза ба пот дил фишонанд,
Шояд, ки туро фаришта хонанд,
К-ин лутф надорад одамизод.

Ошиқ ба ту ҳаст гарчи чандин,
Андеш зи расми дину оин.
Ёд ор вафои ёри дерин,
Аз шаккари ҷонфизои Ширин
Парвиз наёфт завқи Фарҳод.

Кӣ дид зи ошиқони номӣ,
Эй сода, вафову шодкомӣ?
Маҳзун, сухане шунав гиромӣ:
Мурғи чамани вафост Ҷомӣ,
Дар доми ғаму бало чӣ афтод?

## БАДЕҲАИ АШК

*Мухаммас бар ғазали Соиб*

Осуда буд умр, чу тиру камон набуд,
Ҷуз шеъри тар ба маҳфилу вирди забон набуд.
Ҳарфи дурушт дар лаби пиру ҷавон набуд,
З-ин пештар матои сухан ройгон набуд,
Гарди касодӣ аз пайи ин корвон набуд.

Ҷуз ишқу меҳр ҷой намеёфт дар ниҳод,
Фозил ба маҳви ҷаҳл ҳамебуд дар ҷиҳод.
Миллат ба базми шеър ҳамекард иттиҳод,
Шеъри баланд по ба сари арш мениҳод,
Хуршед поймол ба ҳар остон набуд.

Ҳар гӯшаи Ватан чу равӣ, имтиёз буд,
Оҳанги сулҳу меҳр аҷаб дилнавоз буд.
Боғу чаман нишемани нозу ниёз буд,
Минқори булбулон ба шакарханда боз буд,
Дашноми талх дар даҳани боғбон набуд.

Таҳқири аҳли илм надидем беш аз ин,
Устодро ба хотиру ҳоли пареш аз ин.
Соҳибдилон шуданд дили реш-реш аз ин.
Нозук шудаст хотири гул, варна пеш аз ин
Дар гӯши боғ нағмаи булбул гарон набуд.

Бори ғами замона дилогоҳ мекашад,
Оҳи ҷигар зи мардуми гумроҳ мекашад.
Аз ҷабри халқу беғамии шоҳ мекашад,
Номи сиришк мебараду оҳ мекашад
Чашме, ки бе бадеҳаи ашки равон набуд.

Нури Худо зи чеҳраи аҳли суҷуд рафт,
Номусу нанг аз гузари аҳли ҷуд рафт.
Аз базми давр лаззати шеъру суруд рафт,
Риндона кард ақл, ки аз базм зуд рафт,
Мискин ҳарифи шишаи оташзабон набуд.

Чун шох каҷ давид, варо боғбон бурид,
То ки ниҳоли боғ нагардад хазон, бурид.
Маҳзун аз он ки рост намерафт, аз он бурид,
Соиб чи хуб кард, к-аз ин нокасон бурид,
Савдогари қаламрави суду зиён набуд.

## ШАҲДИ ҒАМ

*Муаммас бар ғазали Соиб*

Пастии дун мазоҳ бувад сарбаландро,
Ғайбат кунад фузун шарафи арҷмандро.
Мастии мо мабину шунав турфа пандро:
Май зердасти худ накунад ҳушмандро,
Парвои сел нест замини баландро.

Дар роҳи ишқ, муддаӣ, аз пушти мо марав,
К-аз ранҷи роҳ мехӯрӣ сад бор калладав.
Додем ҷони хеш дар ин роҳ дар гарав,
Эмин зи фитнаи лаби хомӯши мо машав,
К-ин сели тунд мегусилад зуд бандро.

Чашми базеб боиси туғёни дил шавад,
Аз ҷӯши шавқ ақл ба фармони дил шавад.
Шаҳват шарорбахш ба исёни дил шавад,
Чун нафс шуд салим, нигаҳбони дил шавад,
Бим аз саги шубон набувад гӯсфандро.

Бозича аст одаму олам ба чашми маст,
Парвош нест, халқи ҷаҳон гар хӯрад шикаст.
Бегона аст адл ба дунёи пулпараст,
Пайкон даҳони хандаи сӯфорро набаст,
Фикри дили ғамин набувад ҳарзахандро.

Маҳзун, зи шаҳди ғам, ки бузургон чашидаанд,
По аз ҷаҳони пасти заифон кашидаанд.
Гарчи зи беғамон ғами бисёр дидаанд,
Мардон зи роҳи дард ба дармон расидаанд,
Соиб, азиз дор дили дардмандро!

## ДАРДИ ЗАМОН

*Мухаммас бар ғазали Сайидо*

*(Эҳдо ба рӯҳи поки Одина Ҳошим)*

Эй ки муштоқ ба ҳарфу сухану шеъри манӣ,
Дон, ки набвад сухану шеър маро анҷуманӣ.
Гарчи дорам зи сухан махзани илҳоми ғанӣ,
Ғунча гардид гули қисматам аз камсуханӣ,
Чун нафас танг шуда рӯзиям аз бедаҳанӣ.

Нест кас шӯҳра кунад ин сару савдои маро,
То ба бозор барад муждаи колои маро.
Дастгире набувад табъи дилорои маро,

Надиҳад ҳеҷ касе об суханҳои маро,
Шуд дилам хун ба таманнои ақиқи яманӣ.

Донам, эй марди накӯпеша, ки номат боқист,
Шоиро, рози дили ту ба каломат боқист.
Эй Ҷами айшталаб, айш зи ҷомат боқист,
Номи соҳибҳунарон то ба қиёмат боқист,
Нақши Фарҳод хабар медиҳад аз кӯҳканӣ.

Лаб зи таърифи фурӯ бастаам аз рӯи адаб,
Ишқ агар пок бувад, кай шавад изҳор ба лаб,
Гарчи воло бувадам мартабаи ному насаб,
Соҳиби иззати зотӣ назанад дам зи ҳасаб,
Ғунча ҳаргиз накунад даъвии гулпираҳанӣ.

Ҷоҳилонанд зи бас роҳбари давру замон,
Шуд «хирадманд» тиҳимағз ба таҳдиди камон.
Нашнавам ҳарфи хуше аз даҳани пиру ҷавон,
Чашм пӯшида, гузар мекунам аз боғи ҷаҳон,
Ин чаман баски надорад гули барсарзаданӣ.

Нокасе зевари худ карда зару деборо,
Нописандона ба ангушт намояд моро.
Пари товус зи зиштӣ нараҳонад поро,
Накунад ҷомаи зарбафт бадал аъзоро,
Назанад сурати девор дам аз симтанӣ.

Тангдастии хирадманд диҳад озорам,
Хории аҳли сухан неш занад чун хорам.
Ман аз ин тӯшаи айём, ки бархурдорам,

Умрҳо шуд, ки сари хеш ба зону дорам,
Ғунчахуспист маро кор зи бепираҳанӣ.

Чархи каҷрав, ки камон дод ҳама ҷоҳилро,
Пешво кард зи асрори ҷаҳон ғофилро.
Ҳар куҷо буд, бикуштанд ҳама оқилро,
Хуни ноҳақ нагузорад нафасе қотилро,
Шамъро шуд пари парвона ба гардан кафанӣ.

Чашми чорам ба абас роҳи туро меҷӯяд,
Рӯйро ашки надомат ба абас мешӯяд.
Нахли дил хушк шавад, боз куҷо мерӯяд,
Ҳар кӣ аз базми ҷаҳон рафт, ба худ мегӯяд:
Нест дар сӯҳбати ин қавм дигар омаданӣ.

Чи бало буд, ки омад зи қазову зи қадар,
Ки падар хуни писар рехт, писар хуни падар.
Модар аз марги ҷигарбанд бишуд хуни ҷигар,
Вақти он аст, ки афлок шавад зеру забар,
Базми тасвир бувад лоиқи барҳамзаданӣ.

Маст гардӣ ту агар, фош макун мастии хеш,
Айш дар хилвати худ мекуну бо ҳастии хеш.
Ба камон даст мабар, ту манамо пастии хеш,
Ба заифон макун изҳор забардастии хеш,
Теша зад бар сари Фарҳод дам аз кӯҳканӣ.

Сидқ дар дил набувад, кор намеояд рост,

Меҳрубонӣ набувад, ёр намеояд рост.
Даври мо чун хати паргор намеояд рост,
Сухани хона ба бозор намеояд рост,
Доя мегуфт ба гаҳвора маро ношуданӣ.

Тирарӯзӣ ҳама аз касратии ҷанг шудаст,
Мӯҳтарам хирасару нокасу бенанг шудаст.
Ҷони оинаи Маҳзун ҳадафи санг шудаст,
Сайидо, баски ҷаҳон дар назарам танг шудаст,
Ҷой дар кунҷи қафас кардаам аз беватанӣ.

## КАЪБАИ ДИЛ

*Мухаммас бар ғазали Сайидо*

Ризқ беш аз амали хайру сахо мегардад,
Бенаво дар талаби лутфи Худо мегардад.
Дардманд аз пайи доруву даво мегардад,
Дил чу афтод зи по, дасти дуо мегардад,
Роҳрав пир шавад, роҳнамо мегардад.
Чашм чун ғунча кушо субҳ ба оҳанги азон,
Ёбад аз файзи саҳар ҷону дилу рӯҳ тавон.
Аз пайи марди Худо шав ба раҳи рост равон,
Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,
Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.

Соя наздик шавад баски зи афзудани нур,
Соил аз хонаи мунъим наравад ҳеҷ ба дур.

Гарчи аз базми ҷавонӣ бикунад пир ҳузур,
Ошноӣ ба ҷавонон натавон кард ба зӯр,
Тир з-оғӯши камон зуд ҷудо мегардад.

Дилам аз сифлапарастии замон хӯрд фишор,
Ҷоҳилон мунъиму фозил ҳама ҷо зору низор.
Хонаи аҳли ҳунар ёд биёрад зи мазор,
Раҳм бар булбули худ зуд кун, эй тозабаҳор,
Рӯзгорест, ки бе рангу наво мегардад.

Ин ҷаҳон бо ҳама бад ҳавзаи маъюсӣ нест,
Тарс агар доштаам, ларзаи маъюсӣ нест,
Шеъри Маҳзуни маро ҳарзаи маъюсӣ нест,
Сайидо, каъбаи дил равзаи маъюсӣ нест,
Ҳоҷати халқ аз ин хона раво мегардад.

## МУЖДАИ СУЛҲ

*Мухаммас бар ғазали Сайидо*

Сад падар пайдо кунад, гар бепадар афтад касе,
Мӯътабар дар ин замон бошад, чу хар афтад касе.
Мешавад воломақом, ар дузду ғар афтад касе,
То кай, эй булбул, ба дунболи ҳунар афтад касе,
Беҳ, ки ҳамчун ғунча дар савдои зар афтад

касе.

Ҳайфи умри одаме, к-афтад пайи илму ҳунар,
Худ сафои сад ҷаҳону қадри ӯ чун хоки дар.
Мешавад помол ҳар ҷо сабзаи вологуҳар,
Аз хабардорӣ зи ман гаштанд ёрон бехабар,
Бохабар бошанд аз худ, бехабар афтад касе.

Эй дили огоҳ, худро доиман хуррам бигир,
Бо малак ҳамроз бошу даст аз одам бигир.
То фалак аз сифлаҳои ин замона рам бигир,
Дастам, аз баҳри Худо, эй Исии Марям, бигир,
Аз фалак афтад беҳ аст, аз пушти хар афтад касе.

Баски аҳли ҷоҳ нашносанд ҷои хештан,
Бандаи нафсанду умре мубталои хештан.
Тираақле, ки набинад пеши пои хештан,
Чун асо созанд ӯро пешвои хештан,
Кӯчагарду хушкмағзу дар ба дар афтад касе.

Аз тиҳимағзон расад иллат ба миллат, эй Худо,
Ду бародар ҷанг карданд аз ғироми каҷҳудо.
Қосиде, Маҳзун, ба шодӣ сулҳро созад нидо,
Метавон бардошт ӯро бар сари худ, Сайидо,
Дар миёни ҳарду ҷангӣ чун сипар афтад касе.

## БА ҶОЕ НАРАСИДЕМ

*Мухаммас бар ғазали Маҳзуни Самарқандӣ*

Дидем азобу ба сафое нарасидем,
Ранҷур шудему ба давое нарасидем.
Афрӯхта, аммо ба зиёе нарасидем,
Афсӯс давидему ба ҷое нарасидем,
Чун обила гаштему ба пое нарасидем.

Ҳарчанд баландем ба андешаву идрок,
Помоли замонем дар ин гунбади афлок.
Покему ҳақирем ба як зумраи нопок.
Мо хоки кафи пои касонем, кам аз хок,
Чун зарраву аммо ба ҳавое нарасидем.

Оне, ки гирифтори ғами чуну чаро монд,
Бе нашъаи парвоз чу мурғони саро монд.
Дар синаи мо ҳасрати умри гузаро монд,
Аз пешравон қофилаи бонги даро монд,
Мо гӯшкарон то ба садое нарасидем.

Ҳар қадр, ки дар ҷодаи мақсуд гудозем,
Ҳайратзада он қадр дар ин олами розем.
Мӯҳтоҷ ба андарз ба ҳар шебу фарозем,
Аз оҷизӣ вомондаи ин умри дарозем,
Чун маркаби ланге, ки ба пое нарасидем.

Аз қофилаи умр садои ҷарасе нест,
Камқадртар аз аҳли сухан хору хасе нест.
Ҳамном чи нолӣ, ки ба мо додрасе нест,
Маҳзунтару маъюс чу мо ҳеҷ касе нест,
Зеро ки ба алтофи атое нарасидем.

**БО ХУДО БОШ**

*Мухаммас бар ғазали Маҳзуни Самарқандӣ*

Дилпок чу чашмаи шифо бош,
Дур аз фану фитнаву риё бош.
Монанди ҳавои дилкушо бош,
Аз хеш барову бо Худо бош,
Зинҳор зи хештан ҷудо бош.

Ҳамдард ба қалби решдида,
Бо ҳамдили нӯшу нешдида,
Бо зулфи каҷи парешдида,
Бо чашми касони хешдида
Бегонанамову ошно бош.

Аз каҷнигаҳӣ ситам физояд,
Аз буғз ба дил алам физояд.
Сад рашку ҳасад ба ҳам физояд,
Аз кина ҳазар, ки ғам физояд,
Чун оина софу босафо бош.

Мағрур касе, ки босано шуд,
Дар панҷаи нестӣ фано шуд.
Худхоҳ зи аҳли дил ҷудо шуд,
Аз саркашӣ най чу бӯрё шуд,
Зинҳор чу хок зери по бош.

Дар сидқ ба аҳдбастагон шав,
Дармону давои хастагон шав.
Ғамхори зипонишастагон шав,
Мақбули дили шикастагон шав,

Бар дарди ҳама чу мӯмиё бош.

Дар бодияи ғазалсарой
Ҳамном агар дучор ой,
Пандаш бишунав зи ошной:
Хуш бош, вале зи худ барой,
Маҳзун, ту ҳамеша бо Худо бош!

## АХТАРИ ШАБЗИНДАДОР

*Мухаммас бар ғазали Раҳӣ*

Размтарс аз зарби теғу бими дор осуда аст,
Коҳил аз шабзиндадориҳои кор осуда аст.
Бешарар аз сӯзи ишқи пуршарор осуда аст,
Хотири беорзу аз ранҷи ёр осуда аст,
Хори хушк аз миннати абри баҳор осуда аст.

Нола дорад аз сари шаб то саҳаргоҳӣ ҳазор,
Монд бар Маҷнун зи Лайлӣ қиссаҳои қалби зор.
Ранҷи ширин монд аз Фарҳод бар мо ёдгор,
Гар ба дасти ишқ наспорӣ инони ихтиёр,
Хотират аз гиряи беихтиёр осуда аст.

Бадтарин хислат дили беҷурмро ранҷондан аст,
Пешхезӣ дар набард офот бар худ хондан аст.
Бурдборӣ ҷавҳари аз хеш некӣ мондан аст,
Пой дар доман кашидан фитна аз худ рондан аст,

Гар заминро сел гирад, кӯҳсор осуда аст.
Гар надонӣ фитрати нопоку хоки пасти халқ,
Аз барои халқ хидмат кун, машав дилбасти халқ.
Ростон гаштанд баски мубталои шасти халқ,
Каҷниҳодӣ пеша кун, то вораҳӣ аз дасти халқ,
Ғунчаро сад гуна осеб асту хор осуда аст.

Одами соҳибдилу бедард дар афлок нест,
Ҳар киро дарде набошад, огаҳу дилпок нест.
Лаҳзае бе ашк гарчи дидаи ғамнок нест,
То бувад ашки равон, аз оташи ғам бок нест,
Барқ агар сӯзад чаманро, ҷӯйбор осуда аст.

Қалби шоир аз ҳама асрор дорад огаҳӣ,
Дар дили шаб шеър меояд ба ҷонаш чун ваҳӣ.
То саҳар, Маҳзун, гудозӣ хешро аз бегаҳӣ,
Шаб сар омад, як дам, охир, дида бар ҳам неҳ, Раҳӣ,
Субҳгоҳон ахтари шабзиндадор осуда аст.

## ДОҒИ ДИЛ

*Мухаммас бар ғазали Раҳӣ*

Нолондилему дар чаман ово гузоштем,
Вайрона дар нишемани ғавғо гузоштем.
Ҷонро гарав ба ҳар сару савдо гузоштем,
Рафтему пой бар сари дунё гузоштем,
Кори ҷаҳон ба аҳли ҷаҳон во гузоштем.

Озурдатабъ аз тафи обу ҳавои шаҳр,
Ранҷур аз фазои фасоҳатрабои шаҳр,
Дилгир аз кашокашу аз моҷарои шаҳр,
Чун оҳуи рамида зи ваҳшатсарои шаҳр
Рафтему сар ба домани саҳро гузоштем.

Огоҳро ба сарвати олам ниёз нест,
Шайдои ишқро ба ҷуз аз ғам ниёз нест.
Шабсӯзро чу моҳ ба ҳамдам ниёз нест,
Моро ба офтоби фалак ҳам ниёз нест,
Ин шӯхдидаро ба Масеҳо гузоштем.

Эй бехабар зи лаззати ҳусни ҷаҳони қудс,
Ошиқ бишав, ки ишқ намояд нишони қудс.
Бо амри зулҷалол – шаҳи ломакони қудс,
Моро бас аст ҷилвагаҳи шоҳидони қудс,
«Дунё барои мардуми дунё гузоштем».

Моро, ки нест ҷуз алами ишқ дар бисот,
Ҳарчанд ғам зиёд шавад, дил кунад нишот.
З-он дам ки ишқ омаду кайфияти сабот,
Кӯтоҳ шуд зи домани мо дасти ҳодисот,
То дасти худ ба гардани мино гузоштем.

Дар ишқ роҳ бе куталу бе нишеб нест,
Бе кибру нозу ишва нигори базеб нест.
Дилро ба васли ёр агарчи шикеб нест,
Шоҳид, ки саркашӣ накунад, дилфиреб нест,
Фаҳми сухан ба мардуми доно гузоштем.

Чун мо ба дарди ишқ гирифтор кас набуд,
Дар аҳд устувору вафодор кас набуд.
Пурсабр дар азобу ғами ёр кас набуд,
Дар ҷустуҷӯи ёри дилозор кас набуд,
Ин расми тозаро ба ҷаҳон мо гузоштем.

Ғамгин мабош, умр надорад бақо, бас аст,
Олам пур аст аз ғаму ҷабру ҷафо, бас аст.
Дар айш кӯш, ғуссаи беинтиҳо бас аст,
Аз мо ба рӯзгор ҳадиси вафо бас аст,
Нагзоштем гар асаре ё гузоштем.

Маҳзун, ки буд ошиқи шеъри равон, Раҳӣ,
Баҳри зиёи зиндагӣ афрӯхт ҷон, Раҳӣ.
Нашнохт гарчи қимати моро замон, Раҳӣ,
Будем шамъи маҳфили равшандилон, Раҳӣ,
Рафтему доғи хеш ба дилҳо гузоштем.

## ҲАДИСИ ҶАВОНӢ

*Мухаммас бар ғазали Раҳӣ*

Субҳам, сафонадидааму нодамидаам,
Бодам, зи ишқи шеъри бузургон вазидаам.
Гардам, вале ба гарди сухан норасидаам,
Ашкам, вале ба пои азизон чакидаам,
Хорам, вале ба сояи гул орамидаам.

Зоди сафар зи шавқ, равам бар диёри ишқ,
Оворагарди ишқаму дар пой хори ишқ.

Дастам бигир, ёр, дар ин раҳгузори ишқ,
Бо ёди рангу бӯи ту, эй навбаҳори ишқ,
Ҳамчун бунафша сар ба гиребон кашидаам.

Дар орзуи васфи рухат то фитодаам,
Бо азми сад умеду таманно фитодаам.
Шояд ба қасди васли ту ноҷо фитодаам,
Чун хок дар ҳавои ту аз по фитодаам,
Чун ашк дар қафои ту бо сар давидаам.

Дар даҳр ҷуз азоб надидам ба умри хеш,
Аз ёр ҷуз итоб надидам ба умри хеш.
Кардам вафо, ҷавоб надидам ба умри хеш,
Ман ҷилваи шабоб надидам ба умри хеш,
Аз дигарон ҳадиси ҷавонӣ шунидаам.

Оре, зи рӯди ишқи ту обе нахӯрдаам,
Чун ташна ҷуз фиреби саробе нахӯрдаам.
Нозу итоб дидаву тобе нахӯрдаам,
Аз ҷоми офият майи нобе нахӯрдаам
В-аз шохи орзу гули ишқе начидаам.

Ишқат зи ранҷу дард диламро амон надод,
Умре ба ғайри нолаву оҳу фиғон надод.
Пирам бикарду як дами шодӣ нишон надод,
Мӯи сафедро фалакам ройгон надод,
Ин риштаро ба нақди ҷавонӣ харидаам.

Маҳзун даме зи лаззати ғам ёфт огаҳӣ,
Узлат гузиду ёфт зи узлат фари шаҳӣ.

Бар ӯ зи осмони ғазалҳот шуд ваҳӣ,
Гар мегурезам аз назари мардумон, Раҳӣ,
Айбам макун, ки оҳуи мардумнадидаам.

## РАҲГУЗОРИ ТАЛАБ

*Мухаммас бар ғазали Раҳӣ*

Фурӯғи покравӣ аз магас намеояд,
Сухан латиф зи ҳар баднафас намеояд.
Ба гӯши кар хабаре аз ҷарас намеояд,
Насими ишқ зи кӯи ҳавас намеояд,
Чаро ки бӯи гул зи хору хас намеояд.

Ба бод рафт умед аз висоли ёр ба бод,
Мисоли он, ки ба беҳуда ҷон канад Фарҳод.
Нигори сангдил аз ҳоли мо наорад ёд,
Зи норасоии фарёди оташин фарёд,
Ки сӯхт синаву фарёдрас намеояд.

Зи хӯи танбалию коҳилӣ бикун парҳез,
Куҷост ори ту, ёр? Аз барои кор бихез!
Зи бори миннати эҳсони аҳли ҷоҳ гурез,
Ба раҳгузори талаб обрӯи хеш марез,
Ки ҳамчун ашки равон бозпас намеояд.

Ба дӯш бор чу Маҳзун кашидаем, Раҳӣ,
Зи боғи умр фақат ғам шамидаем,Раҳӣ.
Нигоҳи марҳамат аз кас надидаем, Раҳӣ,

Зи ошноии мардум рамидаем, Раҳӣ,
Ки бӯи мардумӣ аз ҳеҷ кас намеояд.

## ЗИНДОНИ ЗИНДАГӢ

*Мухаммас бар ғазали Шаҳрёр*

Ман рози нокушодаам, аз асри бистам,
Эй роздони ғайб, бигӯ, баҳри чистам?
Аз аршиёни пок ва ё одамистам,
То ҳастам, эй рафиқ, надонӣ, ки кистам,
Рӯзе суроғи вақти ман ой, ки нестам.

Маккора аст вақт, чу шайтони зиндагист,
Дар дил мудом фитнаву ҳазёни зиндагист.
Чашму дилу шуур, ки ҳайрони зиндагист,
Дар остони марг, ки зиндони зиндагист,
Тӯҳмат ба хештан натавон зад, ки зистам.

Маҳзун чу Шаҳрёр, бубин, дар чаман чу гул,
Бо рангу бору бӯй ниҳон дар кафан чу гул.
Нолад ба мулки шеър чунин бесухан чу гул,
Пайдост аз гулоби сиришкам, ки ман чу гул
Як рӯз ханда кардаму умре гиристам.

## МАРО ЁД КУНЕД

*Мухаммас бар ғазали Лоиқ*

Гар шавад барқ шарарбор, маро ёд кунед,

Олам аз меҳр пуранвор, маро ёд кунед.
Абр гардид гуҳарбор, маро ёд кунед,
Дӯстон, вақти гули хор маро ёд кунед,
Чун гули санг зи куҳсор маро ёд кунед.
Рӯҳ то монадам амсоли дили оина пок,
Аз садоям бирасад замзамаи нағмаи рок,
То нагӯед шуда олами зебой ҳалок,
Гар бихоҳед, ки ман хуфта набошам дар хок,
Бо дилу дидаи бедор маро ёд кунед.

Ҳар гаҳе ҷавҳари ашъори бузургон хонед,
Шеър аз меҳру вафову ғами ҳиҷрон хонед,
Гар ба толору ба майдону сари хон хонед,
Ҳар гаҳе ҷом ба каф масту гаронҷон хонед
Шеъри Хайём ба такрор, маро ёд кунед.

Гар бубинед «гулу сабза тарабнок шудаст»,
Сари гӯрам «зи сабо домани гул чок шудаст»,
Тараболуда ҳама оламу афлок шудаст,
Ғаму шодии ҷаҳон дар дили ман хок шудаст,
Сари ҳар шодию тимор маро ёд кунед.

Ошиқе бигзарад ар шеър ба лаб волаю маст
Аз хиёбону раҳе бозуи маъшуқа ба даст,
Гӯяд ин ҳам задани ҷоми ҳама бодапараст:
Ҷоми умри мани пуршӯр агар нима шикаст,
Сари ҳар мастии саршор маро ёд кунед.

## ҲАМТАҚДИР

*Мухаммас бар ғазали Муҳаммад Ғойиб*

Баски дил бар ишваю нози сухан додем мо,
Рӯ ба саҳрои ҷунуни шеър бинҳодем мо.
Ҷӯи ишқ аз кӯҳи ғам кандем, Фарҳодем мо,
Хуфтабахти оламем, аз ғафлатободем мо,
Зиндамаргони ҷаҳони умрбарбодем мо.

Рустойи ишқи мо андар замире ҷо нашуд,
Кӯҳнакафши мо писанди дилбари доро нашуд.
Дастгире ғайри ранҷи мо ба мо пайдо нашуд,
Мактаби ободи доройи насиби мо нашуд,
Дар ҳамин вайронадонишгоҳ устодем мо.

Ҳар шикастеро биёяд, гуфтаанд, аз пас шикаст,
Ноҳақиҳо шишаи уммеди мо, эй бас шикаст,
Борҳо ҳарчанд омад бар сари нокас шикаст,
Дасти зӯри манфиат қуфли дари маҳбас шикаст,
Дастбӯсони гунаҳгорони озодем мо.

Эй басо андар дили мо шӯълаи уммед мурд,
Фанди номардонаи Рустам сари Сӯҳроб хӯрд.
Нотавон пеши камон гаштанд бас мардони гурд,
Синаи чоки ҳадафро тир донад роҳи бурд,

Додхоҳони хамӯши даври бедодем мо.

Шамъи фазли халқро ҳарчанд бонӣ мекунем,
Баҳри нангу ори миллат ҷонфишонӣ мекунем.
Лек бар дӯши замон гоҳе гаронӣ мекунем,
Бо умеди як навозиш зиндагонӣ мекунем,
Хӯрдагони мушти ғам ҳастем, ношодем мо.

Борҳо хӯрдем баски фанди пандомӯзро,
Субҳро шаб гӯяду шоми сияҳдил рӯзро.
Пешво кардем бар худ шамъи худафрӯзро,
Ёфтан осон набошад раҳбари дилсӯзро,
Раҳрави бераҳбалад дар роҳи эҷодем мо.

Дилфигори қисмати халқем, беғам нестем,
Дар сухан, эй дӯст, аз бисёрҳо кам нестем,
Мову ту, Маҳзун, зи бенангони олам нестем,
Чӯбдасте килки худро карда охир хестем,
Чун Муҳаммад аз назарҳо гарчи афтодем мо.

## МАСТИ НОЗ

*Мухаммас бар ғазали Озар*

Ошиқам, чу Маҷнунам, майл бар даман дорам,
Ишққушта Маҳзунам, ҷони пурҳазан дорам.
Кӯҳнамай деҳ афзунам, то ғами куҳан дорам,
Бепанаҳтарин мардам, такя бар сухан дорам,

Гиря дар ниҳон дорад хандае, ки ман дорам.

Саҷдагаҳ, азизи ман, ҷои ҳарзахандӣ нест,
Дар ҷаҳони ишқ, эй ҷон, фахру арҷмандӣ нест.
Ишқ аҷз мехоҳад, шавқи аҳдбандӣ нест,
Шӯри гоҳ-гоҳи ман арзи сарбаландӣ нест,
Мавҷи рӯдборонам, саҷда бар шикан дорам.

Шӯҳрати маро боис файзи ранҷу тоқат шуд,
Комёб ҷони ман баъди сад фалокат шуд.
Шод гашт дил, вақте фориғ аз ҳалокат шуд,
Шӯхиҳои гуфторам матраҳи назокат шуд,
Дар баҳори эҷодам нози сад чаман дорам.

Масти нози маъшуқам, масти бодапаймоям,
Масти ранҷи ширинам, масти ишқу савдоям.
Бо ҷаҳони поки худ ин ҷаҳон биороям,
Шоири чаманҳарфам, лаб агарки бикшоям,
Бӯи гул кунад мастат, ғунча дар даҳан дорам.

Чун ба ном Маҳзунам, н-оядат, бале, бовар,
Ман ба ишқу ғам шодам, не ба молу не бо зар.
Такя мекунам бар худ, бар Худои ишқофар,
Баски такямаҳрумам, осмон шудам Озар,
Аз ситораҳо ҳар шаб ашканҷуман дорам.

# АЗ «МОДАРНОМА»

## САДҒАМ

*Рубоиёт дар сӯгвории модар*

Эй модари ҷон, фидои номат бошам,
Дилдодаи лаззати каломат бошам.
Нашнохтаам ба зиндагӣ қадратро,
Ҳасратзада то рӯзи қиёмат бошам.

Эй модари ҷон, фиғон кашам войи туро,
Пурсон нашудам чаро таманнойи туро.
Он хок беҳ аз ман, ки ба дил ҷоят дод,
Дар дида чаро накардаам ҷойи туро?

Эй модари ҷон, бисӯзам аз дарди ғамат,
Кӯҳи ғами ман куҷову як гарди ғамат?
Донам, нарасам ба кӯчаи қадри ғамат,
Авратсифатам ба кишвари марди ғамат.

Эй модари ҷон, ғами туро қисса кунам,
Аз дарду алам мӯи сияҳ песа кунам.
Андӯҳи дилат ба халқи олам бирасад,
Чун пораи нон агар варо ҳисса кунам.

Эй модари ҷон, шабон ба хобам ой,
Пурсидани аҳволи харобам ой.
Донам, ки ба гӯр ҳам надорӣ ором,
Эй рӯҳи ғам, аз баҳри савобам ой.

Эй модари ҷон, ҳақиру зорам бе ту,
Бар ҳеҷ касе меҳр надорам бе ту.
Савдозада бар пеши мазорат оям,
Берӯҳтар аз санги мазорам бе ту.

Эй модари ҷон, шукӯҳи даргоҳу дарам,
Ганҷинанигоҳдори вологуҳарам.
Бе туст парешон ҳама ганҷи дили ман,
Вайрона кунун хона бувад дар назарам.

Эй модари ҷон, фалак занам оҳи туро,
Фарёд кунам рӯҳи ғамогоҳи туро.
Тарсам, ба фиғони хеш, эй олами дард,
Н-осуда яке насозам арвоҳи туро.

Эй модари ҷон, ғами ту дар ҷони ман аст,
Ғамномаи ту суруди виҷдони ман аст.
Як аллаи ту ҳазор мадҳияи ман,
Як дарди ту сад ҳазор афғони ман аст.

Эй модари ҷон, ғами ту обам созад,
Огоҳ зи олами азобам созад.
Як умр ту ғам хӯрдиву ман нуқлу кабоб,
Имрӯз фироқи ту кабобам созад.

Эй модари ҷон, бе ту наояд хобам,
Мехезаму осори туро мекобам.
Доданд ба мурдашӯ ҳама пираҳанат,
То бӯй кунам, бӯи туро дарёбам.

Эй модари ҷон, фурӯғи ҷонам, модар,
Зебандаи рӯи остонам, модар.
Рафтию фитод бори гардун ба сарам,
Бишкаст сутуни осмонам, модар.

Эй модари ҷон, чароғи ҷонафрӯзам,
Аз ҳикмати зиндагонӣ пандомӯзам.
Дар ҳар сафарам бисӯхтӣ боиси ман,
Ту дар сафарию ман кунун месӯзам.

Эй модари ҷон, нашнидаам арзи туро,
Дар гӯш гаҳе накардам андарзи туро.
Бо сӯхтанам менашавам пок дигар,
Як умр адо намекунам қарзи туро.

Эй модари ҷон, хеш ҳалоки ту кунам,
Бахшиш талаб зи рӯҳи поки ту кунам.
Дар зиндагӣ, афсӯс, нагаштам гирдат,
Ҳоло ба алам тавофи хоки ту кунам.

Эй модари ҷон, ба мо чу довар, модар,
Бахшандаи меҳри чор додар, модар.
Рафтию миёни мост раҳгумзада меҳр,
Қисматгари меҳри мо – баробар, модар.

Эй модари ҷон, пас аз ту, эй модари ҷон,
Омад ба баҳори умри ман боди хазон.
Хуршеди ҳавас накард дар дида тулӯъ,
Чун гӯри ту тангу тору сард аст ҷаҳон.

Эй модари ҷон, пас аз ту, эй модари ҷон,
Хезад зи ҳавои дилам оҳанги хазон.
Овози ту оядам зи ҳар бонги азон,
К-«эй баччаи ҷон, чи бевафояст ҷаҳон!»

Эй модари ҷон, саҷда кунам хоки туро,
Қурбон бишавам номи шарафноки туро.
Монам ба суруди дарднокам боқӣ
То ҳаст ҷаҳон хотираи поки туро.

Эй модари ҷон, пас аз ту, эй модари ҷон,
Ҳайратзадаам дар ин ҷаҳони гузарон.
Аз панди ту рӯзгори ман дошт низом,
Бе панди ту зиндагониям ҳаст гарон.

Эй модари ҷон, шамси ҳаётам, модар,
Нури басару ба дил нишотам, модар.
Бе ту дару даргаҳи дилам сард бувад,
Шуд бе ту сурудам оҳу мотам, модар.

Эй модари ҷон, зиёд пандам додӣ,
Аз ростӣ дарси дилписандам додӣ.
Гуфтӣ: «наравам зи хонаат ҷои дигар»,
Рафтӣ ба куҷо? Чаро ту фандам додӣ?

Эй модари ҷон, бинолам армони туро,
Бар гӯши фалак расонам афғони туро.
Афсӯс, нашуд харида, эй модари ҷон,
Бо қимати молу зару ҷон ҷони туро.

Эй модари ҷон, ҳазор афсӯс-афсӯс,
Бе ту бирасад баҳор, афсӯс-афсӯс.
Гуфтӣ: «ба баҳор агар расам, кӯҳ равам»,
Рафтӣ ба дили мазор, афсӯс-афсӯс.

Эй модари ҷон, дареғи армони дилат,
Афсӯси накӯхоҳиву эҳсони дилат.
То ҳаст ҳаёт, кошки, чархи фалак
Мегашт ба армону ба фармони дилат.

Эй модари ҷон, дареғи ҷонат, модар,
Нодида бирафтӣ ормонат, модар.
Не зӯриву не зориву не зар бигирифт
Пеши раҳи марги беамонат, модар.

Эй модари ҷон, ҳазор афсӯс-афсӯс,
Рафтӣ ба дили фигор афсӯс-афсӯс.
Армони туро фалак занам, гиря кунам,
Бо нолаи зор-зор, афсӯс-афсӯс.

Эй модари ҷон, ғами ту дорам то рӯз,
Аз ранҷи фироқ хору зорам то рӯз.
Ин ғусса маро сӯи ту ово дорад,
Тарсам, ки зи ғам тоб наорам то рӯз.

Эй модари ҷон, бихон бари хеш маро,
Аз ғусса дилу ҷигар бишуд реш маро.
Тобу таби дил намонд аз ин беш маро,
Эй кошки мекушт фалак пеш маро.

Эй модари ҷон, намонд сабри дили ман,
Аз гиря ба ҷон биёмад абри дили ман.
Қабри ту ба зери барфу борон чун аст?
Аз ғусса қиёмат аст қабри дили ман.

Эй модари ҷон, зору низорам бе ту,
Гунг аст ҳама тору дуторам бе ту.
Фарёд ба роҳи нафасам санг бубаст,
Сангин шуда кору рӯзгорам бе ту.

Эй модари ҷон, обу адоям бе ту,
Фарёду фиғони бесадоям бе ту.
Шеърам зи вафову меҳри ту дошт шукӯҳ,
Аз меҳру вафо чӣ сон сароям бе ту?

Эй модари ҷон, ғами дилам афзун аст,
Дил решу ҷигар зи ғуссаат пурхун аст.
Аз тирашабон танг ҳамегашт дилат,
Дар манзили тангу тор ҳолат чун аст?

Эй модари ҷон, зи ғуссаат сӯхт дилам,
Дар оташи ҳиҷрони ту афрӯхт дилам.
Умре ғами мо бихӯрда, ғам хӯрд туро,
Афрӯхтан аз дили ту омӯхт дилам.

Эй модари ҷон, барои ғам зода шудӣ?
Бар хӯрдани ғам магар фиристода шудӣ?
Сад ҷаҳду талоши мо ҳама рафт ба бод,
Ғамзода будӣ, куштаи ғамбода шудӣ.

Эй модари ҷон, ғами ҷаҳон хӯрд туро,
Озурдагиҳои мо биозурд туро.
Мо ёр ба бодаву ту бо ғамбода,
Ғамхортаре зи мо зи мо бурд туро.

Эй модари ҷон, зи хеш мондӣ ту нишон
Мо чор бародару яке хоҳари ҷон.
Бояд чу ту нақши нек монем ба даҳр,
Як-як пайи ту равем аз ин дори ҷаҳон.

Эй модари ҷон, надидам, эй модари ҷон,
Пурзӯртаре зи меҳри модар ба ҷаҳон.
Ин нукта ба вақти марги ту гашт аён,
К-«эй очаи ҷон», – ту гуфта дар додани ҷон.

Эй модари ҷон, дарду ғамат ёри ман аст,
Андарзи ту мубтадои ашъори ман аст.
Бо номи ту ман раҳи бузургон гирам,
Он рӯҳи бузурги ту мададгори ман аст.

Эй модари ҷон, обу адоям бе ту,
Бар ҳасрату дард мубталоям бе ту.
Шоҳона агарчи нозу неъмат дорам,
Дар кишвари меҳр чун гадоям бе ту.

Эй модари ҷон, обу адоям бе ту,
Мӯҳтоҷ ба лутфи ошноям бе ту.
Ғамхортар аз ту кас набудаст маро,

Раҳгумзадаи кӯи вафоям бе ту.

Эй модари ҷон, обу адоям кардӣ,
Бо олами дард ошноям кардӣ.
Баъди ту баҳои сӯхтан донистам,
Пурсӯзтар оҳангу навоям кардӣ.

Эй модари ҷон, дареғи нури рӯят,
Афсӯсу дареғи нуқраи гесӯят.
Покиза танат насибаи каждуму мор,
Афсӯс, гузар нест маро бар сӯят.

Эй модари ҷон, ҳайфи қаду болоят,
К-он мадфани торик бишуд маъвоят.
Шуд пора кафан, рехт ҳама гӯшт зи тан,
Ҷону ҷигарам рехт аз ин ғамҳоят.

Эй модари ҷон, саҷда кунам хоки туро,
Ҷовид кунам номи шарафноки туро.
Дар рӯи ҷаҳон гузорам аз меҳру вафо
Бо шеъру ғазал пайкараи поки туро.

Эй модари ҷон, тарки саломат кардӣ,
Шодию сурурро надомат кардӣ.
Гуфтӣ, ки зи марг гар раҳам, тӯй кунам,
Рафтию дар ин хона қиёмат кардӣ.

Эй модари ҷон, шабе ба хобат дидам,
Хандон ба мисоли моҳтобат дидам.
Он рӯз расида буд пайғоми хушам,

Аз шодии хеш комёбат дидам.

Эй модари ҷон, ҳайфи дили ранҷурат,
Донам алами гузаштаи пуршӯрат.
Умри ту, ки тира буд дар олами нур,
Дардо, аламо, азобу ранҷи гӯрат.

Эй модари ҷон, фурӯғам аз нури дилат,
Хурсанд будам зи шодию сури дилат.
Сад дод зи дасти захми носури дилат,
Навмед шудам зи оҳи ранҷури дилат.

Эй модари ҷон, фидои озори дилат,
Фар ёфтам аз саховату ори дилат.
Ҳар ганҷ, ки аз Ақлу Фаросат дорам,
Мерос бувад зи ганҷи осори дилат.

Эй модари ҷон, ҳазор афсӯс-афсӯс,
Бар ҷони ба меҳр зор афсӯс-афсӯс.
Шояд, ки ба додат нарасидем гаҳе,
Кардӣ ту зи мо фирор афсӯс-афсӯс.

Эй модари ҷон, мадори ҷонам, модар,
Ободгари дару дуконам, модар.
Ширинии таъми ошу нонам, модар,
Ку бе ту фурӯғи ошёнам, модар?

Эй модари ҷон, мадори ҷонам, модар,
Нури басару ба дил тавонам, модар.
Рафтию ҳақиру нотавонам, модар,

Бе ту ба фалак расад фиғонам, модар.

Эй модари ҷон, азизу бологузарам,
Будӣ ту шукӯҳи хонаву бому дарам.
Ғамхонаи ман баъди сари ту тобад
Чун гӯри ту тангу тор андар назарам.

Эй модари ҷон, шукӯҳи даргоҳу дарам,
Эй ҷисми назарнагири болоназарам.
Бар қадри ту кам расидам, эй муштипарам,
Имрӯз занам мушти надомат ба сарам.

Эй модари ҷон, китоби нанвиштаи ман,
Эй пайкараи зи меҳр бисриштаи ман.
Дар даҳр манам нишони меҳру ғами ту,
Баъди сари ман чӣ монад аз киштаи ман?

Эй модари ҷон, чу барқ рафтӣ зи сарам,
Афканда зиёву нур дар бому дарам.
Шӯри дилу нури басарам ҳосили туст,
Аз ман чӣ бимонад, чу зи олам гузарам?

Эй модари ҷон, фалак занам аз ғами ту,
Хонам ба фалак марсияи мотами ту.
Резад зи алам чу ашк борони фалак,
Гӯяд ба ҷаҳон ҳадиси чашми нами ту.

Эй модари ҷон, монд ба дил армонат,
Гашт обу адои ғаму ҳасрат ҷонат.

Ҳарчанд напечидаам аз амрат сар,
Чӣ чора кунам пеши ғами сӯзонат?

Эй модари ҷон, фалак занам оҳи туро,
Пурсон нашудам дили ғамогоҳи туро.
То мижжа задам, шуд раҳи умрат охир,
Бо мижжа чаро наруфтаам роҳи туро?

Эй модари ҷон, оҳи ту дар гӯши ман аст,
Берӯҳ зи оҳи вопасат ҳӯши ман аст.
Дар манзили сина дил бувад зиндабагӯр,
Ҷон мурда ба қоби тан кафанпӯши ман аст.

Эй модари ҷон, ҷону дилам банди ғамат,
Сӯзе набувад ба даҳр монанди ғамат.
Ёрону бародаранд пайванди ғамат,
Донам, ки манам ягона фарзанди ғамат.

Эй модари ҷон, биёрад, эй модари ҷон,
Бӯи ту ба фасли гул ба ман боди вазон.
Хуршед зи меҳру лутфи ту қисса кунад,
Аз умри ту барқу раъд з-оҳат ба фиғон.

Эй модари ҷон, боз туро меҷӯям,
Аз нури маҳу меҳри само меҷӯям.
Аз бӯи хуши боди сабо меҷӯям,
Аз покии субҳи босафо меҷӯям.

Эй модари ҷон, бидидам эҳсони туро,

Баъди сари ту зи шафқату лутфи Худо.
Бӯят зи сабову раҳмат аз гиряи абр,
Гармии муҳаббатат зи хуршеди само.

Эй модари ҷон, бе ту дилафгор шудам,
Бо яъсу надомату алам ёр шудам.
Аз шафқати ту сар ба фалак месудам,
Афкандаи чоҳи ғаму озор шудам.

Эй модари ҷон, бе ту дилафгор манам,
Савдозадаи кӯчаву бозор манам.
Марсияи даҳри бевафо буд ғамат,
Чун марсияи умри ту такрор манам.

Эй модари ҷон, шабон туро ёд кунам,
Дар хоб ризо бидида дил шод кунам.
Бедор шавам, набинам осори туро,
«Ку модари ҷон», – бигуфта, фарёд кунам.

Эй модари ҷон, ки кардаӣ таҳсинам,
Дар мушкилиям бидодаӣ таскинам.
Таҳсини касон намедиҳад таскинам,
З-он ёфта таҳ, бидида кин, ғамгинам.

Эй модари ҷон, пас аз ту ғамнок манам,
Бо қалби фигору синаи чок манам.
Афсурдакафан нуҳуфта дар хок туӣ,
Афсурдабадан ба гирди он хок манам.

Эй модари ҷон, рӯзу шабат ёд кунам,

Армони дилу тобу табат ёд кунам.
Бар матлаби дил агар бароре ёбам,
Он дам зи дуову талабат ёд кунам.

Эй модари ҷон, бубахш, эй модари ҷон,
Як гарди ғамат наметавон кард баён.
Гуфтам ба қалам: дарди диламро бинавис,
Гуфто, ки гарон асту гарон асту гарон.

Эй модари ҷон, бубин чиҳоят кардем,
Дар зиндагият зиндаҷудоят кардем.
Андар пайи ризқи хеш овора шудем,
Рӯзиталаби раҳми Худоят кардем.

Эй модари ҷон, зору малолам бе ту,
Ғамгиндилу озурдахаёлам бе ту.
Пеши кӣ барам меҳри ятими дили худ,
Сархам чу аломати саволам бе ту.

Эй модари ҷон, модари соҳибҳунарам,
Як лаҳза намеравӣ зи пеши назарам.
Ашёву ҷиҳози хона мерос зи туст,
Эъҷози ту дод зеб даргоҳу дарам.

Эй модари ҷон, куҷо шудӣ, таб дорам,
Аз сӯзи фироқ хаставу беморам.
Дасти ту куҷост, бар сарам бигзорӣ,
К-аз бистари сӯзу дард сар бардорам.

Эй модари ҷон, чи хуш расад овозат,

Дар хотираҳои ҷони ман ҳар созат.
Гуфтӣ, ки хабар гир маро, гап дорам,
Афсӯс, ки ногуфта бирафтӣ розат.

Эй модари ҷон, касе надонад розат,
В-он мӯъҷизаҳои дасти пурэъҷозат.
Аз зеби ҳунарҳо-т маро буд шукӯҳ,
Боқист ба ҷомаҳои ман шерозат.

Эй модари ҷон, дукони корат боқист,
Нақши қадамат ба раҳгузорат боқист.
Дар гӯши дилам зи марги фарзандонат
Оҳи дилу нолаҳои зорат боқист.

Эй модари ҷон, зи ғам ҷавон пир шудам,
Бемеҳрии даҳр дида дилгир шудам.
Бе шафқату меҳри одамӣ ҷон чӣ бувад?
Бар хеш бихон маро, зи ҷон сер шудам.

Эй модари ҷон, ба панди ту зор манам,
Дар мушкили зиндагӣ гирифтор манам.
Аз роҳи хато ту боз медоштиям,
Бе роҳнамоият хатокор манам.

Эй модари ҷон, азоб дидӣ, афсӯс,
Як умри пур аз шитоб дидӣ, афсӯс.
Ин нуру зиёи олами зеборо
Гӯё зи паси ҳиҷоб дидӣ, афсӯс.

Эй модари ҷон, буд офтобӣ ҷонат.

Бисришта зи покиҳои меҳр имонат.
Сад ҷаҳд агар кунад, баробар нашавад
Дар даҳр касе ба шафқату эҳсонат.

Эй модари ҷон, хоки ту қимат будаст,
Ҷозибаи меҳри ту зи шафқат будаст.
Баъди ту миёни беғамон донистам,
Ҳар лаҳзаи сӯҳбатат ғанимат будаст.

Эй модари ҷон, ғами ту ҳушёрам кард,
Аз хоби гарони умр бедорам кард.
Аз ман бирабуд беғамиҳои маро,
Дар зиндагӣ бурдбору солорам кард.

Эй модари ҷон, дареғи чашми ба дарат,
Андар ғами ман бирехт лахти ҷигарат.
Бахшида гуноҳи худ натонам, ки чаро
Ҳангоми видои ту набудам ба барат.

Эй модари ҷон, ҷон ба кафам аз ғамҳот,
Пур бекасаму талхакафам аз ғамҳот.
Аз сӯзу алам дам ба дарун мегардам,
Ҳайрони худам, чун накафам аз ғамҳот?

Эй модари ҷон, аламкаши раҳпоям,
Дар олами ғам кунун тани танҳоям.
Андар назарам мазор тобад олам,
Ҳар гоҳ ки бар сари мазорат оям.

Эй модари ҷон, бар ту аламдода манам,

Дунёи алам тую аламзода манам.
Ғамбода туро аз ғами ман хӯрд, дареғ,
Оне, ки хӯрад умре зи ғам бода, манам.

Эй модари ҷон, зи ғусса хун мегирям,
Кам ёди ту кардаам, фузун мегирям.
З-ин ғам, ки даруни қабр ҳолат чун аст,
То умр бувад, дарун-дарун мегирям.

Эй модари ҷон, қаламкашам аз ғами ту,
То рӯз нишаста ғам кашам аз ғами ту.
Аз умр надидаӣ ба ҷуз дарду алам,
То умр бувад, алам кашам аз ғами ту.

Эй модари ҷон, ганҷи муқаддас, модар,
Мислат ба ҷаҳон нест ягон кас, модар.
Дунёи ман аз фарри рухат зебо буд,
Афсӯс, наоӣ ту дигар пас, модар.

Эй модари ҷон, рӯҳи ту дилогоҳ аст,
Ҳар лаҳза ба ман мӯнису некихоҳ аст.
Андар талаби лутфи Худо, донистам:
Лутфу карамат аз карами аллоҳ аст.

Эй модари ҷон, малӯлам, эй модари ҷон,
Аз беғамию беҳисии мурдадилон.
Дуранд чунон зи одамӣ, ки гӯӣ
Тавлид зи модарон нагаштанд эшон.

Эй модари ҷон, ғамат ҳабибам бошад,

Рӯҳи ту ба хастагӣ табибам бошад.
Дар зери қудуми модарон аст биҳишт,
Зери қадамат кош насибам бошад.

Эй модари ҷон, биҳишт бодо ҷоят,
Ҷавлонгаҳи покизадилон маъвоят.
Аз нури рухат фурӯғ Кавсар ёбад,
Фирдавс биболад аз қаду болоят.

Эй модари ҷон, зи зиндагӣ хаста шудам,
Садпора дили ту дида бишкаста шудам.
Як пораи пайванд зи ҷони ту манам,
К-ин дам зи шикастапораҳо баста шудам.

Эй модари ҷон, шунав аз ин пораи шеър,
Ҷон аз ғами ту бигашт ғамхораи шеър.
Шабҳо сари гоҳвораам хестаӣ,
Шабхез манам кунун ба гаҳвораи шеър.

Эй модари ҷон, модари ҷон, модари ҷон,
Донам, нашавӣ зинда ба фарёду фиғон.
З-ин мӯя, вале мон, ки бидонанд касон,
К-аз модари ҷон нест азизе ба ҷаҳон.

Эй модари ҷон, ҳамдами ғамҳои дилам,
Ғамнома навиштаам – аламҳои дилам.
Бар як шаби ранҷи ту наарзад, донам,
Ин номаи ранҷаму ситамҳои дилам.

## АЗ ДАФТАРИ ДУБАЙТӢ

Биё бо ҳам нишинем, эй бародар,
Маноз аз сарвату аз молу аз зар.
Баланд аз дигарон машмор худро,
Ки фардо бо ҳама бошӣ баробар.

Намехоҳам диле пуркина бошад,
Диле хоҳам, ки чун оина бошад.
Мисоли чашмаҳои кӯҳсорон,
Мусаффо андаруни сина бошад.

Нахоҳам байни беғамҳо нишинам,
Ба айшу нӯшу бепарво нишинам.
Бихоҳам хилватеву шеъру дафтар,
Ғами ту бошаду танҳо нишинам.

Гаҳ аз пуркории бисёр сӯзам,
Зи бекорӣ гаҳе ночор сӯзам.
Нагунҷад гаҳ ба дил бекориву кор,
Нишинам дар ғами дилдор сӯзам.

Вуҷудам аз алам месӯзад имшаб,
Зи оҳи ман қалам месӯзад имшаб.
Диламро бурд ёри бевафое,
Дилам баҳри дилам месӯзад имшаб.

Замоне ман гирифтори ту будам,
Саропо волаву зори ту будам.
Вале сӯзу ғами ман бар ҳаво рафт,
Агарчанде ҳаводори ту будам.

Туро дидам, гурезон шуд ғами ман,
Фузун шуд дар муҳаббат ҳар ками ман.
Бихандид офтоби орзуям,
Дар ин олам нагунҷид олами ман.

Нигоҳамро зи чашмат бар нагирам,
Диле, ки додамат дигар нагирам.
Нигоҳат шӯълаи барқ асту барқасд
Нагирам чашм аз он то дар нагирам.

Нигорино, саропои ту шеър аст,
Нигоҳи чашми зебои ту шеър аст.
Ба васфат шеъри ман ғайр аз сухан нест,
Вале ширин суханҳои ту шеър аст.

Биё, эй ҷон, аз ин ғавғо гурезем,
Ба ҳам шинему бо ҳам бода резем.
Биёмезем бо ҳам масту махмур,
Ки то рӯзи қиёмат барнахезем.

Дили ман буд ганҷи дастнорас,
Бигуфтам, бар туяш биспораму бас.
Гирифтӣ, лек баргардондияш пас,
Шудам сархам ба пеши нокасу кас.

Макун қасди зи ёрон кандани дил,
Ки набвад аз дил осон кандани дил.
Зи ту дил кандаму умре бисӯсам,
Шабон чун шамъ аз ҷон кандани дил.

Нигоҳам бо нигоҳат меситезад,
Нигоҳам аз нигоҳат мегурезад.
Агар хонӣ баёзи қалби покам,
Зи ҳар байташ шикоят аз ту хезад.

Биё, ҷоно, зи дунё ком гирем,
Баҳорон асту бо ҳам ҷом гирем.
Биоғозем хуш афсонаи дил,
Ки як рӯзе раҳи фарҷом гирем.

Баҳорон асту ман победи корам,
Наояд муждае аз ту, нигорам.
Хумори бӯсаи чашми ту гирад,
Биё, эй ҷон, биё бишкан хуморам.

Баҳор асту баҳори ман куҷоӣ,
Туро ҷӯям, нигори ман, куҷоӣ?
Аз ин чашму назарҳо дилгазонам,
Нигори дилшикори ман, куҷоӣ?

Гули хушрӯ, гули хушбӯ, сияҳгӯш,
Сияҳабрӯ, сияҳгесӯ, сияҳгӯш.
Кашад доман чу барф аз домани кӯҳ,
Барорӣ сар, намоӣ рӯ, сияҳгӯш.

Баҳор асту напурсӣ чунам, эй ёр,
Ҳама шод асту ман маҳзунам, эй ёр.
Дилам торику дунё хандарез аст,
Бидеҳ дастат, бубар берунам, эй ёр.

Баҳору булбуле бо гул нишаста,
Тавалло мекунад бо ҷони хаста.
Ба дард ояд дили ман аз фиғонаш,
Бифаҳмад дилшикаста дилшикаста.

Баҳори гулбасар омад, хуш омад,
Насим анбаргуҳар омад, хуш омад.
Дили ман аз фараҳ бишкуфт, бишкуфт,
Ба ҷон шӯру шарар омад, хуш омад.

Куҷоӣ дилбари дар хандаи ман,
Куҷоӣ, эй ба ғам афкандаи ман?
Дар ин дунё маро арзандае нест,
Туӣ танҳо, туӣ арзандаи ман.

Ҷавоният шавад кам лаҳза-лаҳза,
Ниҳоли қоматат хам лаҳза лаҳза.
Замоне ошиқат бидҳад фиребат,
Барои ман хӯрӣ ғам лаҳза-лаҳза.

Ба сӯи орзуҳо пар кушодам,
Муҳаббат бар дил омад, дар кушодам.
Фиреби чашми шӯхат шоирам кард,
Ба васфи чашми ту дафтар кушодам.

Биё асрори дилҳоро кушоем,
Ки то дар олами меҳру вафоем.
Даво бахшад ба дарди мо ду – се ҳарф,
Вагарна дардманди бедавоем.

Баҳор омад, дилам шайдоят, эй ёр,
Сарам пайваста дар савдоят, эй ёр.
Биё, дар синаи чун лолазорам,
Куҷо хоре халад бар поят, эй ёр?

Дилам ҳар дам ҳавои тоза хоҳад,
Гудозу сӯзи беандоза хоҳад.
Сари савдоиям савдо пазирад,
Ҷунунии дилам овоза хоҳад.

Маро бо лутф гоҳе менавозӣ,
Гаҳе бо нозу ишва мегудозӣ.
Ба ҳар неку бади ту розиям ман,
Агар розӣ шавӣ дар ишқбозӣ.

Ба ҳар наззораи гарме дилам рафт,
Ба ҳар лабхандаи нарме дилам рафт.
Ба шаҳри ишқ чун рустоӣ будам,
Ба афсунҳои бешарме дилам рафт.

Қатори кокулонат бешумор аст,
Дилам овехта дар он қатор аст.
Қароре нест, ҷоно, кокулатро,
Куҷо пас ин дили моро қарор аст?

Дили шоир ҳавои зар надорад,
Хаёли беғамӣ дар сар надорад.
Дили шоир бувад дарёву дарё
Равон асту ғами гавҳар надорад.

Диле бе сӯз болу пар нагирад,
Чароғи ишқ бе ғам дар нагирад.
Агар сӯзи муҳаббат бор н-орад,
Дарахти умри одам бар нагирад.

Лиқои чун парӣ дорад гули ман,
Ду чашми ахтарӣ дорад гули ман.
Чаро ӯро ба маҳ созам баробар,
Ки аз маҳ бартарӣ дорад гули ман.

Баҳорон ошиқи девонаам ман,
Дилам оташ, худ оташхонаам ман.
Нигоҳам ташнаи чашмони зебост,
Саропо фандаму афсонаам ман.

Надорам ғам, ки қасре хонаам нест,
Ҳаёту базми ҷамшедонаам нест.
Ба рӯди масти кӯҳӣ мебарам рашк,
Ки мисли ӯ дили девонаам нест.

Дуторе, ки ду тораш ҳамнаво нест,
Ба дил форам варо савту садо нест.
Ду дил ҳам гар ба ҳам дардошно нест,
Чи суд аз боҳамие, ки вафо нест?

Накӯмардон ба мисли чашма ҷӯшанд,
Ба фазл андар амал бо ҷон бикӯшанд.
Вале як зумра ҷоҳилҳои бефар
Зи кин иғвогаранду касфурӯшанд.

Ба олам кори оқилро писандам,
Азобу ранҷи мушкилро писандам.
Раҳи дил ёфтан осон набошад,
Раҳи дилро, раҳи дилро писандам.

Нигорино, гирифтори ту бошам,
Ҳамеша нозбардори ту бошам.
Шуморам хешро бадбахт умре,
Агар донам, ки озори ту бошам.

Яке шӯхе маро бо ханда сӯзад,
Ба нозу ишваҳои ганда сӯзад.
Дареғи дил, агар ғарқи ҳавасҳо
Барои ёри ноарзанда сӯзад.

Бувад дунёи розам давлати ман,
Бувад сӯзу гудозам сарвати ман.
Туро не розу не сӯзу гудоз аст,
Чӣ дорӣ, гӯй, андар нисбати ман?

Агарчи шӯхию бебок, эй гул,
Шукуфӣ дар раҳи идрок, эй гул.
Дуоят мекунам: умре бимонӣ
Ҳамин сон тозарӯю пок, эй гул!

Баҳор асту баҳор асту баҳор аст,
Дили ман ишқро парвардагор аст.
Куҷоӣ, ёри афсунгар, ки ҷонам
Ба як наззораи гарми ту зор аст.

Баҳор асту баҳор асту баҳор аст,
Гули коғаз зи ишқат ёдгор аст.
Нарӯяд сабзаи лутфи ту дар дил,
Зи ғамҳоят дили ман лолазор аст.

Макун уммед аз хубон вафоро,
Ки кам бошад вафодорӣ ба дунё.
Нигар, ҳарчанд пок асту зулол аст,
Ду соҳилро бибӯсад оби дарё.

Ба шеърат лаҳну овозе надорӣ,
Дар он шӯреву эъҷозе надорӣ.
Ту мурғи хонагиро оварӣ ёд,
Ки пар дориву парвозе надорӣ.

Ба сад уммед пешат оям, эй гул,
Ба ту рози дилам бикшоям, эй гул.
Ниҳода сар ба зонуи ту як дам,
Зи ғамҳои ҷаҳон осоям, эй гул.

Гаҳе савти ҳазорон дар ту бошад,
Гаҳе борону тӯфон дар ту бошад.
Гаҳе ториву гоҳе софу равшан,
Дило, набзи баҳорон дар ту бошад.

Шабон то рӯз бо ёдат нишаста,
Ба номат шеър гуфтам даста-даста.
Дили бишкастаамро ёд овар,
Чу бинӣ мисраи шеърам шикаста.

Ҷавонӣ меравад, мондем ғофил,
Зи оҳу нолаву ҳасрат чӣ ҳосил?
Зи мо нолад ҷавонӣ, баски будем
Ба фасли гулшукуфте пой дар гил.

Зи гулпарвар чаман бояд бимонад,
Чаман зеби Ватан бояд бимонад.
Фақат халқу диёрамро сурудам,
Ба дунё шеъри ман бояд бимонад.

Маро бо худ ҳамехонад дили ту,
Дили манро намедонад дили ту.
Дилам аз олами равшан бимонад,
Агар аз ман даме монад дили ту.

Ало моҳи шабафрӯзу шабафрӯз,
Зи як моҳи заминиям бувад сӯз.
Чунон болам зи ишқи ӯ ба шабҳо,
Намехоҳам, ки гардад шоми ман рӯз.

Хароб аст аз ту аҳволам, аё ишқ,
Вале аз ту наменолам, аё ишқ.
Ҳама сад доду фарёд аз ту доранд,
Вале ман бо ту меболам, аё ишқ!

Куҷоӣ, сӯзи ман, охир, куҷоӣ,
Ҳаётомӯзи ман, охир. Куҷоӣ?
Шабам чун рӯз бо ту буду бе ту
Чу шаб шуд рӯзи ман, охир, куҷоӣ?

Надидам ман зи ишқи ту бароре,
Надорад ҷонам аз дастат қароре.
Ҳама узви танам ояд ба фарёд:
Чӣ ёр аст ӯ, чӣ ёр аст ӯ, чӣ ёре?

Ҳамеша шукри чун ту ёр дорам,
Зи сӯзат нур дорам, нор дорам.
Хушу болидарӯҳам аз ғами ту,
Агарчи синаи афгор дорам.

Ба маҳфилҳо сухан аз мову ман шуд,
Ба манзилҳо зи молу пул сухан шуд.
Суханфаҳмон паси дарҳо бимонданд,
Сухан беқадр дар сад анҷуман шуд.

Ту соҳибмансабу болонишинӣ,
Надонӣ қадри инсони заминӣ.
Ба бинӣ мекашӣ хат осмонро,
Агар манфиати муфте бубинӣ.

Қадат мавзуну чун сарви баланд аст,
Лабу рӯю нигоҳат дилписанд аст.
Вале ҳайфи дилат, аз ин ҷавонӣ
Ҳавасбунёду пур аз макру фанд аст.

Нашӯяд ашки ман занги дили ту,
Нагардад нарм аз он санги дили ту.
Бале, дарди дилам кӯҳи бузург аст,
Нагунҷад аз дари танги дили ту.

Ба сар андешаи бисёрам аз туст,
Ба сина ин дили хуншорам аз туст.
Вале шукр аз тую ишқи ту дорам,
Ки дафтар – дафтари ашъорам аз туст.

Диламро дилбари арзанда бояд,
Сарамро сарвари арзанда бояд.
Наёбад раҳбаре бе роҳбар роҳ,
Ба раҳбар раҳбари арзанда бояд.

Агарчи кардиям банди нигоҳат,
Агарчи хурдаам фанди нигоҳат,
Вале умре дилам бошад мунаввар,
Зи барқи он шакарханди нигоҳат.

Шаби торик аз сар хоби ман рафт,
Аз он ғам, ки зи сар маҳтоби ман рафт.
Намеёбам сару сомони худро,
Ки сомонбахш – он ноёби ман рафт.

Зи ишқи ту ҷафо дидем, хуш буд,
Ғаму дарди бало дидем, хуш буд.
Аҷаб даврест айёми ҷавонӣ,
Хато карда ҷазо дидем, хуш буд.

Ниҳон неку бади мо дар калом аст,
Вале бисёргӯӣ кори хом аст.
Ба назди меҳтарон хомӯшии мо
Зи фахру кибр не, аз эҳтиром аст.

Муҳаббат аз камӣ моро раҳонад,
Зи дарди беғамӣ моро раҳонад.
Мукаммал мешавад бо ишқ одам,
Зи ҳар ноодамӣ моро раҳонад.

Муҳаббат, тухми ту ҳар ҷо пареш аст,
Туфайли ту ҳама бегона хеш аст.
Вафову лутфу шафқат меваи туст,
Туӣ, ки эътиқоду меҳр беш аст.

Бибӯсам рӯю абрӯю лабатро,
Баёзи гарданатро, ғаб-ғабатро.
Чароғи дил шавад умре мунаввар,
Агар бӯсам ду чашми кавкабатро.

Зи ишқи ту сарафроз астам, эй гул,
Ба васфат шеърпардоз астам, эй гул.
Дар оғӯшат мисоли кабки ромам,
Ба ҳифзат ҳамчу шаҳбоз астам, эй гул.

Қасамҳоро кунун бишкастам, эй гул,
Сияҳгӯше бигир аз дастам, эй гул.
Муборак навбаҳорат! Ёд дорӣ?
Ҳамон дилбози гулбоз астам, эй гул!

Паят, эй дилбари ноёб гаштам,
Басо пуртоқату пуртоб гаштам.
Туро бо сад азобе ром кардам,
Зи як бӯси лабонат об гаштам.

Нарафтам ман бурун аз хонаи хеш,
Надонам қисмати бегонаи хеш.
Зи ирфони ҷаҳон чизе надонам
Ба ғайр аз олами ҷононаи хеш.

Дареғо, хизмати миллат накардем,
Хаёли қисмати миллат накардем.
Бурун аз хона нашнохтанд моро,
Чу ҳифзи исмати миллат накардем.

Чаро ҷуз ғурбату иллат надорем?
Ба ҷуз ҷабру ҷафову лат надорем.
Фақат бо ҳаммаҳал ваҳдат бисозем,
Ғаме аз ваҳдати миллат надорем.

Намон дар оина доғе нишинад.
Заған дар гӯшаи боғе нишинад.
Фурӯғи некгуфторӣ бикоҳад,
Ба ҷашни булбул ар зоғе нишинад.

Хушам омад зи лутфи кам-ками ту,
Шудам охир гирифтори ғами ту.
Миёнам хам заду аммо наёмад
Ба дастам зулфакони хам-хами ту.

Чу бори умр бо ғам бурдаам ман,
Мисоли шаҳд ғамро хӯрдаам ман.
Набошад гар ғами ёреву коре,
Басо дилмурдаву озурдаам ман.

Дили сангат зи дунёи вафо рафт,
Бигӯ, дар ишқ аз ман чӣ хато рафт?
Зи беаҳди-т сидқ омӯхтам, лек
Дареғи дил, ки ранҷаш бар ҳаво рафт.

Бигуфтӣ: меҳри дилро додаӣ пош,
Ба фарқи бедилон монанди барчош.
Накардӣ қадр полези диламро,
Шуд аз дасти чу ту полезбон лош.

Зи дасти ин замон сад доду бедод,
Ки шуд компутер аҳди одамизод.
Насозӣ тугмаи хотирааш пахш,
Равад барбод аз оинаи ёд.

Дареғи мӯйҳои нозанинат,
Хамида ғафс то рӯи заминат.
Буридӣ, ранг кардӣ, тарсам акнун
Зи шаклу сурати маймун баринат.

Гули ишқу умеду орзуям,
Биё як дам нишин дар рӯ ба рӯям.
Биё, то сунбули мӯят бибӯям,
Фақат рози диламро бар ту гӯям.

Зи Одам то ба ин дам чанд пушт аст?
Ҳама аз туст, Нӯҳ ё Зардуҳушт аст.
Башарро, ай Худоҷон, меҳрубон кун,
Ки худро ӯ зи ҷаҳли беш куштаст.

Маро аз хоби ширинам ҷаҳондӣ,
«Бигӯ» – гуфтӣ, паси мизам шинондӣ.
Худоё, харчи омад бар забонам,
Ту онро бар даҳони ман бимондӣ.

Бадоне, ки талабгори мақоманд,
Ҷудоандоз байни хосу оманд.
Мазоҳибро ба шӯр оранд, ё Раб,
Ташаййуъу тасаннунҳо авоманд.

Алӣ домоди пайғамбар агар буд,
Зи суннатҳои ӯ нобаҳравар буд?
Худоё, чист ин сунниву шиа-т,
Магар дини Алӣ дини дигар буд?

Будам он ҷой, гандум офаридӣ,
Шудам ин ҷо, майу хум офаридӣ.
Чаро додӣ, Худо, амвоҷи нафсам,
На гар баҳри талотум офаридӣ?

Худоё, саҷда бар пои хум орам.
Зи сар дардам барад, аз дил хуморам.
Ба пешаш ҷоми дил орам, шавад хам,
Ки умре пеши покон саҷдагорам.

Куҷо сар хам кунад доро ба нодор,
Куҷо муршид ба шогирди талабгор.
Худоё, саҷда орам бар суроҳӣ,
Зи таъзими қадаҳ кай мекунад ор?!

Сари сангу сари сангу сари санг,
Дилам тангу дилам тангу дилам танг.
Чаро дунё ба бефарҳо кушод аст,
Чаро танг аст ҳоли аҳли фарҳанг?

Баҳор омад, чу муғча во шав, эй дил,
Ба ҳусни зиндагӣ шайдо шав, эй дил.
Машав бад, бад магӯ, бо бад маёмез,
Ҳамеша нек шав, зебо шав, эй дил.

Баҳорон аст, хеши ман, куҷоӣ?
Намеоӣ ба пеши ман, куҷоӣ?
Дилам бе лолаи рӯи ту доғ аст,
Даво кун қалби реши ман, куҷоӣ?

Замоне гарчи будам бандаи ту,
Бигуфтам, нестам арзандаи ту.
Пушаймонам, ба сад ҷон зорам акнун
Ба рухсори чу гул дар хандаи ту.

Намеоӣ чаро бар пешаки ман,
Ало хушрӯи хушандешаки ман.
Баҳор омад, зи ишқат сӯхт ҷонам,
Бишав малҳам ба ҷони решаки ман.

Чу ман дидӣ бас озори муҳаббат,
Ба тан дорӣ чу ман хори муҳаббат.
Дили захмини худ пеши дилам ор,
Биёмад фасли изҳори муҳаббат.

Туӣ хушдил, туӣ хушрӯй, эй ёр,
Сияҳчашму сияҳабрӯй, эй ёр.
Гули шеъри маро ҳамчун сияҳгӯш
Бикун бар чашму бар абрӯй, эй ёр.

Бихоҳам гул ба домонат кунам, ёр,
Танамро васл бо ҷонат кунам, ёр.
«Зи васлат куштиям» – гуфтӣ, рамидӣ,
Иҷозат деҳ, ки тилфонат кунам, ёр.

Аҷоиб аст ёрии ману ту,
Зи дасти рашк хории ману ту.
Чу ҷону тан агар бо ҳам набошем,
Чи суд аз дӯстдории ману ту?!

Ту аз ман дуру дилозурда бе ман,
Ман аз ту дур бо сад оҳу шеван.
Зи макраш хундил аз ранҷи фироқем,
Аз ин озори мо шод аст душман.

Маҷӯ, эй ҷони ман, дуриву дурӣ,
Ки мемирам ман аз ин носабурӣ.
Тавалло мекунам як шаб висолат,
Ки медонам, намеоӣ ба зӯрӣ.

Гулат зебост, зебо гулшани ту,
Манам масти гулистони тани ту.
Бибӯсам аз лабу аз гардани ту,
Чӣ ширин аст «не, не» – гуфтани ту!

## МУНДАРИҶА

Ифтихор ... 3
Сарбаланд ... 4
Тоҷ ... 5
Гирдакон ... 6
Фарзанд ... 7
Гӯшвораи тилло ... 8
Монанди офтоб ... 9
Пир шуд сол ... 11
Дурам зи асли хеш ... 13
Баҳори Душанбе ... 15
Кӯлоб ... 16
Ялта ... 16
Дараи Об ... 18
Манзара ... 20
Ҳикмат ... 20
Насиҳат ... 20
Омин! ... 21
Бе пир марав ... 21
Баҳор ... 23
Бедор шав ... 24
Ори ориёнӣ ... 25
Қадршиносӣ ... 28
Бувад аз ору аз зу «Орзу»-яш ... 30
Кимиёгар ... 32

## ДАВЛАТИ ИШҚ

Эй ишқ, наҷотам деҳ! ... 33
Хуш омадӣ, эй ишқ ... 34
Шукронаи ишқи ту ... 35
Гули ошиқу маъшуқ ... 36
Ҳар он гоҳе, ки меоӣ ... 36
Барф ... 37

Баҳорон буд .......................................................................... 39
Бирав дигар надорам шавқу шӯре ..................................... 40
Афсона ................................................................................. 41
Ту биё ҷанг кунем ............................................................. 41
Бӯса ...................................................................................... 43
Сӯзу шарор хоҳам .............................................................. 44
Ту меоӣ ................................................................................ 45
Гули Рашк ........................................................................... 46
Кабки хиромон ................................................................... 47

**АЗ ДАФТАРИ ҒАЗАЛ** ...................................................... 49

## АЗ КИТОБИ «МУНОҶОТ»

Ҳарими роз ......................................................................... 114
Ишқи ҷонсӯз ....................................................................... 121

## АЗ ДАФТАРИ МУХАММАС

Паёми қудс ......................................................................... 125
Ишқи бевафо (Мухаммас бар ғазали устод Рӯдакӣ) ...... 126
То кай? (Мухаммас бар ғазали Низомӣ) ......................... 127
Пайғом (Мухаммас бар ғазали Адиб Собири Тирмизӣ) 128
Ҳушдор (Мухаммас бар ғазали Ҷалолиддини Балхӣ) ..... 131
Худо нигаҳ дорад (Мухаммас бар ғазали Ҳофиз) ........... 132
Доми бало (Мухаммас бар ғазали Ҷомӣ) ........................ 134
Бадеҳаи ашк (Мухаммас бар ғазали Соиб) ..................... 135
Шаҳди ғам (Мухаммас бар ғазали Соиб) ....................... 136
Дарди замон (Мухаммас бар ғазали Сайидо) ................. 138
Каъбаи дил (Мухаммас бар ғазали Сайидо) .................. 140
Муждаи сулҳ (Мухаммас бар ғазали Сайидо) ................ 141
Ба ҷое нарасидем (Мухаммас бар ғазали Маҳзуни Самарқандӣ) 143
Бо Худо бош! (Мухаммас бар ғазали Маҳзуни Самарқандӣ) 144
Ахтари шабзиндадор (Мухаммас бар ғазали Раҳӣ) ....... 145
Доғи дил (Мухаммас бар ғазали Раҳӣ) ........................... 146
Ҳадиси ҷавонӣ (Мухаммас бар ғазали Раҳӣ) .................. 148

Раҳгузори талаб(Мухаммас бар ғазали Раҳӣ) ................. 150
Зиндони зиндагӣ (Мухаммас бар ғазали Шаҳриёр) ........ 151
Маро ёд кунед (Мухаммас бар ғазали Лоиқ) .................. 151
Ҳамтақдир (Мухаммас бар ғазали Муҳаммад Ғойиб) .... 152
Масти ноз (Мухаммас бар ғазали Озар)........................... 154

**АЗ «МОДАРНОМА»**

Садғам (Рубоиёт дар сӯгвории модар) ............................ 156
Аз дафтари дубайтӣ ........................................................... 173

**Сафар Айюбзодаи Маҳзун**

**ДАВЛАТИ ИШҚ**
*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Рассом *О.Камолов*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*

Ба матбаа 03.06.09 супурда шуд. Чопаш 05.06.09 ба имзо расид. Андозаи 70х108 1/32 Коғази офсет. Ҷузъи чопӣ 6.0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи ЧДММ «Ямини Содиқ» ба табъ расид.
ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 42. Тел: 233-57-68
**www.ravshanfikr.tj**

www.ravshanfikr.tj